**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ, ФАН ВА ИННОВАТСИЯИ РЕСПУБЛИКАИ ӮЗБЕКИСТОН**

**Ҳикматов Ҳикмат**

# ХОНИШИ ИФОДАНОК ВА МАДАНИЯТИ НУТҚ

***МАҶМӮАИ ОМӮЗИШӢ – ТАЪЛИМӢ***

*100000 - фанҳои гуманитарӣ*
*110000 – фанҳои педагогӣ*
*5111300 - забони модарӣ ва адабиёт*

Тошкент
«ZEBO PRINT»
2024

Ҳикматов Ҳикмат. Хониши ифоданок ва маданияти нутқ. – Т.: “ZEBO PRINT”, 2024. 128 б.

Ҳамаи мавзӯъҳои маҷмӯаи омӯзишии мазкур дар асоси мавзӯъҳои барномаи таълимии фанни “Маданияти нутқ ва хониши ифоданок”  таҳия карда шудааст. Дар он баъзе масоили соҳаи ҳусни баён, маданияти нутқ ва меъёрҳои он, мушкилоти илми мазкур ва тамоюлоти ба худ хоси маданияти гуфтор мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Маҷмӯа барои такмили дониш ва малакаи донишомӯзони муассисоти олии кишварамон аз рӯйи фанҳои филологӣ воситаи таълимии арзишманд хоҳад буд.

ISBN

## Сарсухан

Сухан санҷида гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ,
Зи ҳарфи бетааммул ошно бегона мегардад.

***Абдулқодири Бедил***

Оре, риоя кардан ба қонуну қоида, меъёрҳои талаби забони адабӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини илми забоншиносӣ ба шумор меравад. Ин аст, ки имрӯз дар назди факултаҳои фанҳои филологии мактабҳои олӣ фанни махсусе бо номи “Хониши ифоданок ва маданияти нутқ” ба донишҷӯён дарс дода мешавад, ки айнан талабу тақозои замон аст. Дуруст аст, ба ин талабот на фақат муҳассилини факултаҳои филологӣ, балки зарур аст, кулли намояндагони забонҳои гуногун дар ҳамдигарфаҳмию ҳамдилӣ риоят намоянд. Маҳз аз ҳамин сабаб забон бе ҷомеа ва ҷомеа бе забон арзи ҳастӣ карда наметавонад. Аз ҳамин нуқтаи назар, бояд гуфт, ки ҳама гуна забонҳои халқҳои дунё барои гӯйиши умумии миллату халқиятҳои худашон забони адабии худро доранд ва дар ифодаи ҳамбастагӣ аз он ба таври умумӣ истифода мебаранд.

Бояд зикр кард, то он давроне, ки забон ҳамчун падидаи воломақом арзи ҳастӣ накард, пайдоиши ҷамъиятро зикр намудан амри маҳол аст. Аз ин рӯ, забонро беҳуда ҳодисаи иҷтимоӣ наменоманд. Дар ҳақиқат, бунёди ҷомеаро бидуни муошират, ҳамдигарфаҳмӣ, илму фарҳанг, ташкили истеҳсолот ва ваҳдати миллӣ тасаввур кардан мумкин нест, яъне забон яке аз нишонаҳо ҳастии ҷамъият буда метавонад. Ҷамъият забонро барои он ба вуҷуд овардааст, ки дар майнаи инсон зоҳир шудани тафаккур ва дар забони вай баён кардани фикру андеша ба миён омад. Аз ин ҷост, ки нависандаи рус А.М.Горкий гуфта буд, ки “забон ҷомаи ҳама гуна тафаккурҳост”.

Баробари пешрафти ҷомеа забон низ инкишоф меёбад. Ин масъала бевосита тақозои ҳаёт буда, ҳар як

фарди ҷомеа, ба вижа шахсоне, ки бо забон сари ҳар як лаҳза кор мебаранд, барои дуруст навиштану рост сухан гуфтан саъю кӯшиш менамоянд. Яъне меъёрҳои талаби дастурии онро аз таҳти дил риоят намуда, ба қонуниятҳои он эҳтиром мегузоранд. Худ аз худ аён аст, ки риоят накардан ба қавоиди забону гуфтор боиси ҳама гуна бадбахтиҳост. Айнан дар ҳамин маънӣ, шоири ширинкаломи адабиёти тоҷик Абӯшакури Балхӣ хеле хуб фармудааст:

Шунидам, ки бошад забони сухан,
Чу алмоси буррону теғи куҳан.

Аз ин ҷост, ки забон барои ин ки чу алмос буррову монанди теғи кӯҳан корхӯрда бошад, ҳатман хизмати халқро ба ҷо оварад ва тамоми душвориҳои онро дар мубодилаи афкор осон намояд ва албатта, зарур аст, ки мардум низ аз забони модарии худ бохабар бошанд, ҳамеша ба омӯхтану такмили он саъю кӯшиш намоянд, то худро шиносанд ва ба сӯйи маърифат, маънавият ва тараққиёту инкишофи ҳаёти ҷамъият раҳсипор гарданд. Аз ин нуқтаи назар, дар ҳама давру замон хизмати забони адабӣ чунин будааст ва тақозои бозсозиҳои ҷамъияти кунунии мо низ аз ҳаминҳо иборат мебошад. Бинобар ин ки омӯхтан ва аз худ кардани забон танҳо барои аз ёд кардани қоида ва супоридани имтиҳон набошад, балки дар ҳаёти ҳаррӯза ва фаъолияти доимӣ дар муносибати ҷамъиятии одамон аслиҳаи тавонои мубодилот бошад, зарур аст, ки мавзӯи баҳси илми забон ва ҳусни баён, усулҳои таълими услубшиносӣ дар мактабҳо ба роҳ монда шуда, дар донишкадаву донишгоҳҳо такмил дода шавад. Сабаби иншо шудани ин дастури таълимӣ, ки барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ нигаронда шудааст, масъалаҳои назариявии забону услубро пайваста ба вазифаҳои амалии онҳо шарҳ додан мебошад. Умед дорем, ки ин дастури омӯзишию таълимӣ ба инкишофи маҳорати забондонию суханварии омӯзандагон ёрӣ мерасонад.

Яке аз нишонаҳои муҳимтрини фазилати инсонӣ ва дараҷаи маърифати вай бемуҳобо хушгӯйиву ростгуфторӣ ва ҳақбиниву ҳақгӯйӣ аст. Барои ба ин гуна фазилати нек ноил шудан зарур аст, ки ҳар чӣ бештар ва пештар қонуну қоидаҳои забони модариро хуб омӯхтан талаб карда мешавад. Маҳз шахсе, ки ба меъёрҳои забони адабӣ мувофиқи талаби илми забоншиносӣ амал мекунад ва онҳоро бамавқеъ дар мавриди зарурӣ истифода мебарад, бешак, ба муваффаққиятҳои калон соҳиб мегардад. Хубу зебо донистани забони модарӣ ин худ як давлати бебаҳост. Айнан ҳамин маънӣ дар ашъори адибони классику муосири мо борҳо ифода ёфтааст:

Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,
Донистани чандин забон осон гардад.

Аз ин нуқтаи назар, забони миллӣ сарвати бебаҳо, маданият ва ифодагари рӯҳи ҳар як халқу миллат ҳисобида мешавад. Латофату назокат, салосату ғановат, фасоҳату зарофати каломи модариро донистан барои ҳар як шахси бошууру маърифатнок тақозои муоширати ҳаёти ҳаррӯза ба шумор меравад. Ва айнан дар ин замина фанни “Хониши ифоданок ва маданияти нутқ” дар дастурҳои омӯзишии мактабҳои олӣ ҷорӣ карда шудааст, ки ин хеле бамаврид мебошад. Зеро хуб донистани қонуну қоидаҳои забони модарӣ барои омӯхтани забонҳои дигар мусоидат мекунад.

Бояд зикр кард, ки дар даврони шӯравӣ бинобар имтиёзи зиёд доштани забони расмии русӣ дар соҳаҳои коргузории давлатӣ ва муҳовараи ҷамъиятӣ забони мо чандон фаъолияти хуб надошт. Ин тарзи коргузорӣ барои равнақи сарвати луғавӣ ва сохти дастурии забонамон бетаъсир намонд. Донишмандони сухансанҷ ва забоншиноси мо ин гуна ранг гирифтани ҷараёни корро ба таври зерин баён кардаанд: Ин буд, ки “дар таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии он ( забони тоҷикӣ)

унсурҳои номатлуб пайдо шуданд, ки забони адабии зебо ва сарватманди мо аз бисёр ҷиҳат рӯ ба харобӣ ва коҳиш овард". *( Р.Ғаффоров, С.Ҳошимов, Б.Камолиддинов, Услубшиносӣ, Душанбе, Маориф, 1995, с. 10*).

Чунин сурат гирифтани ҳол ба соҳаҳои калимасозӣ, иборабандӣ ва ҷумласозии забони тоҷикӣ ба дараҷае асар кардаст, ки баъзе қолибҳои воҳидҳои забонӣ дар қолибҳои забони русӣ корбаст шуданд. Ин тарзи пеш гирифтани кор забони моро аз асолати ҳастияш то андозае дур карда, ба маданияти гуфтори тоҷикӣ ва ҳусни баён таъсири манфӣ расонд. Маҳз дар ҳамин давра коста гардидани меъёрҳои забони моро донишманди маъруф Муҳаммаҷон Шукуров ба таври зайл нигоштаанд: "Бо қатъияти тамом бояд гӯем, ки маданияти сухани тоҷикӣ дар ягон давру замон чун имрӯз паст нарафта буд".

*(М.Шукуров, Забони мо - ҳастии мост, Душанбе, Маориф, 1991, с.81*).

Қобили қайд аст, ки имрӯз ҳам бисёре аз аҳли қалам низ гӯш ба карӣ зада, аксари хатоҳое, ки дар мубоҳисаҳо рӯйи кор меоянд, боз такрор мекунанд. Зиёда аз ин онҳо ҳар рӯз хатои нав содир мекунанд, ибораҳои нодуруст месозанд ва ё ҷумлаҳои вайрон ба нашр медиҳанд. Яке аз муҳимтарин вазифаҳо аз ҳамин иборат буд, ки бо иншои ин дастур пайи роҳ надодан ба хатогиҳо баъзе қоидаҳоро бо мисолҳо нишон диҳем.

Имрӯзҳо ба ҳар афроди сухандону сухансанҷ, ба вижа ба ҳар як фарди сухандӯст зарур аст, ки ба меъёрҳои талаботи дастурии забони адабии худ риоя намояд ва ё барои ривоҷу равнақи он, лоақал, бидуни саҳву хатогӯйӣ, ҳиссагузор бошад. Дар ҳамин маънӣ шоираи ширинкаломи тоҷик Гулрухсор Сафиева хеле хуб нигоштааст: "Марги миллат аз марги забон сар мезанад, марги забон бошад, аз беномусию бегонапарварии соҳибзабонон".

## Мавзӯи 1. Вазифа ва мақсади фанни “Хониши ифоданок ва маданияти нутқ”

**Нақша:**

1.Фикри забоншиносон доир ба “Маданияти нутқ”;

2.Монандӣ ва фарқи илми маданияти нутқ бо илмҳои дигар;

3.Баҳо додани илми маданияти сухан ба калимаҳо;

4.Ҷиҳатҳои коммуникативӣ ва эсетикии маданияти сухан.

**Калидвожаҳо***: салосат, фасоҳат, ғановат, муассир, мувозана, қарина, марбут, саҳеҳият, муқаррар, собит, тадриҷ, тақвият.*

Як шохаи илми забоншиносӣ, ки барои инкишоф додани латофату зарофат, салосату фасоҳат, ғановату назокати сухани соҳибзабонон мусоидат мекунад, фанни “Маданияти сухан” мебошад, ки он дар соҳаи илми калом нисбатан нав мебошад. Дар ин замина худ аз худ савол пайдо мешавад, ки маданияти сухан чист? Забоншиносони муосир ва мутахассисон ба чунин қарор омадаанд, ки истилоҳи “маданияти сухан” ба ду маъно истифода мешавад: якум – маҷмӯи воситаҳои меъёрӣ ва муассири забонро мефаҳонад, ки дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ мувофиқи талаби муоширата бамаврид ва огаҳона кор фармуда мешаванд; дуюм – шӯъбаи алоҳидаи илми забон аст, ки дар бораи маданияти сухан, чун аслиҳаи маданият, қоида ва қонунҳои ташаккули категорияҳои он баҳс менамояд.

Мувофиқи ин таъриф “маданияти сухан” ду ҷанбаи асосӣ: дурустии сухан ва фасоҳати нутқро фаро мегирад, ки бо ҳам сахт марбут мебошанд. Академик В.В.Виноградов ба ҳамин маънӣ гуфта буд: “Нутқи оммавӣ на фақат дуруст, балки бояд фасеҳ низ бошад”. Он сухан дуруст

аст, ки мувофиқи меъёрҳои хаттӣ ва шифоҳии забони адабӣ ба охир мерасад. Таъин кардани муносибату фарқи мувозанаҳо ва баҳо додан ба онҳо, дар ин замина ба ин тарз: дуруст аст – нодуруст аст, тоҷикист – ғайритоҷикист, адибист – ғайриадибист ва амсоли инҳо сурат мегирад. Фасоҳат ба иловаи риояи меъёрии адабӣ интихоби оқилонаи воситаҳои забон ва корбасти мавридшиносонаи онҳоро фаро мегирад. Хосият ва таносуби қаринаҳо дар ин маврид ба мисли беҳтар, дурусттар, равшантар, бамавридтар, созгортар, муассиртар муқаррар мегардад. Суханҳои шифоҳӣ ва хаттие, ки дар онҳо ҳам меъёри адабӣ ва ҳам сифатҳои сухан комилан риоя шудаанд, суханҳои фасеҳ ва балеғ ба шумор мераванд. Чунин тарзи сухандонӣ марбути пояи дуюми донистани забони модарӣ, яъне маҳорати суханварӣ буда, тавассути кӯшиши зиёд, омӯзиши пайгиронаи қоида ва қонунҳои забони модарӣ, додани эътибори махсус, анбоштани таҷриба ва малакаи кофӣ дар ҷиҳати интихоб ва кор бурдани шакли ягонаи мувофиқ аз байни воситаҳои фаровони ҳаммаъно ё наздикмаъно муяссар ва имконпазир мегардад.

Профессор С.И.Ожегов, ки дар боби муайян сохтани вазифа ва мавзӯи фанни маданияти сухан аз ҷиҳати илмӣ саҳми арзандае дорад, маданияти суханро дар ин замина ба ин тарз таъриф дода буд: “Маданияти баланди нутқ чист? – Маданияти баланди нутқ маҳорати дуруст ва муассир баён намудани фикри худ бо ёрии воситаҳои забонӣ аст. Нутқе дуруст ба шумор меравад, ки дар он меъёри забони адабии ҳозира риоя шуда бошад... Аммо маданияти баланди нутқ танҳо бо риоя ва пайгирии меъёрҳои забон маҳдуд намешавад. Вай ҳамчунин дар ифодаи фикр пайдо кардани воситаҳои дақиқ илова бар ин ёфтани воситаҳоеро ҳам фаро мегирад, ки фикрро бағоят фаҳмо (яъне, ниҳоят муассир) ва бағоят муносиб (яъне, дар ҷойгаҳи зиёда мувофиқ ва ба ин маънӣ услубан шоиста) ифода менамояд”.

Фикри ҷудо кардани ин ду ҷанбаи маданияти сухан

ба тарзи мазкур дар забоншиносии муосир бори аввал аз ҷониби Г.О.Винокур ба миён гузошта шуд. Вай ба ҷанбаи якум дуруст сухан гуфтан ва ба ҷанбаи дуюм устодона калом ронданро euониста нишон дода буд, ки нутқи устодона адошуда дорои хосияти фаъолиятмандӣ ва эҷодкорӣ мебошад. Ӯ навишта буд: "Сухангӯи моҳир на фақат нормаҳои забонро ба хубӣ медонад, балки худ ба нормаҳо таъсир мерасонад ва худ нормаҳо ба вуҷуд меорад".

Мувофиқи гуфтаи вай маълум мешавад, ки доира ва ҳаҷми фанни маданияти сухан васеъ ва паҳновар буда, ду қисми асосиро фаро мегирад. Қисмати аввал ба дурустӣ, саҳеҳияти забон дахл дорад ва мавзӯъҳоеро дарбар мегирад, ки шомили нормаҳои забони адабӣ мебошанд. Қисмати дуюм марбути масъалаҳои сухани муассир аст, ки мавзӯъҳои он доир ба қоида ва қонуниятҳои фасоҳат ва балоғати сухан мебошанд.

Маҳз ана ҳамин ду ҷанбаъ муносибат ва алоқаи "Асосҳои маданияти нутқ"-ро бо шӯъба ва шохаҳои гуногуни илми адаб таъин менамояд. Аз рӯи мавзӯъ ва муаммоҳои бахши аввал илми маданияти сухан бо луғатшиносӣ ва грамматикаи меъёрӣ алоқаи ҷудонашаванда дорад. Шӯъбаҳои мазкури забон, чунон ки маълум аст, воситаҳои луғавӣ ва грамматикиро вобаста ба меъёрҳои маъмул, ки махсуси забони адабии кунунӣ мебошанд, тавсиф ва маънидод мекунанд ва ба ин ваҷҳ, шарҳи ҳодисоти марбут ба меъёр кӯҳна ва нав, номашҳур ва берун аз он ба вазифаи онҳо дохил намешавад. Баъзе аз забонишносон унсурҳои алоҳидаи чунин рӯйдодҳои забониро ба таълифоти худ дохил карда бошанд ҳам, номашҳур ва ғайриумумӣ будани онҳоро алоҳида таъкид сохтаанд. Аммо илми маданияти сухан, ки ба тағироти таърихии меъёр ва таҳлилу тавсифи қаринаҳо сарукор дорад, баръакси луғатишиносӣ лексикология ва грамматикаи меъёри воситаҳои забониеро тадқиқ ва баррасӣ менамояд, ки ҳам ба меъёрҳои роиҷ, ҳам кӯҳна ва ҳам нав дахл доранд. Вай ҳамчунин унсурҳои

берун аз меъёр, ғайриадабиро низ мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Таҳлил ва тавҷеҳи рӯйдодҳои мазкур одатан дар асоси муқоиса ва муқобилаи қаринаҳо ба амал меояд. Дар ин замина афзалияти як (ё чанд) қарина таъин гардида, шоистагӣ ва зарурати ҳар кадоми он дар навишт ва такаллуми умум таъкид ва тавсия меёбад. Илми маданияти сухан бо ин роҳ баробари ошкор кардани воҳидҳои шоён саҳву хатоеро низ маълум ва дарёфт мекунад, ки қисме аз ин ниҳоят ноаён буда, дар ботин ва мағзи тору пуди забони адабӣ ҷой гирифтаанд. Шарҳу тавзеҳи воситаҳои ҳаммаънои гуногуншакл, интихоб ва истеъмоли яке аз онҳо мувофиқи талаби муошират илми маданияти суханро бо услубшиносӣ монанд ва наздик мегардонад. Мақсади ҳар дуи ин фанҳо, чунон ки маълум аст, таълими маҳорати суханварӣ мебошад.

Зарур аст, ки дар ин ҷо ба фарқи онҳо низ истода гузарем. Ин  фарқият аз он иборат аст, ки услубшиносӣ воситаҳои забониро дар асоси меъёрҳои ҷорӣ ба шоха ва гурӯҳҳои алоҳида ҷудо ва тасниф месозад. Асосҳои маданияти сухан ба ин тақсимот истинод намуда, афзалият ва мавриди истифодаи умумӣ шуда тавонистани як ё чанд қаринаро вобаста ба марҳилаи муайяни инкишофи забони адабӣ муқаррар мекунад. Аз ин ҷост, ки “Маданияти сухан” ба сифати илми комил танҳо дар пояи услубиёти феъли функсионалӣ сурат ёфта метавонад. Дигар ин, ки дар илми маданияти сухан, баръакси услубшиносӣ, воҳидҳои забоние низ омӯхта мешаванд, ки алҳол ба системаи меъёри забони адабӣ дохил нагаштаанд. Донишманди маъруф ва яке аз аҳли назарияи маданияти сухани рус, проффессор Г.О.Винокур чунин муносибати наздики ду шохаи мазкури илми филологияро ба эътибор гирифта, тадқиқ ва омӯхтани масъалаҳои маданияти суханро бо вазифаи забоншиносии амалӣ – услубшиносӣ алоқаманд карда, гуфта буд: “Нутқи мо ҳамеша бояд ба ину он дараҷа танзим дошта бошад. Вай… ниёзманди ташаккули ҷудогонаи услубӣ мебошад”.

Ҳаминро ҳам хуб дар хотир доштан айни муддаост, ки дар бораи муносибат ва қаробати ин илмҳо, академик В.В.Виноградов, ки бо навиштаҳои худ дар роҳи таъин шудани асосҳои назарии илми маданияти сухан хизмати бузурге дорад, услубшиносӣ ва маданияти суханро ба ин тарз эзоҳ додааст: “Илми маданияти сухан ё маданияти нутқ фанни назарӣ ва амалиест, ки бо услубиёти забон ва услубиёти нутқ ҳамсарҳад буда, хулоса ва дархостҳои онҳоро ҳам бо мақсади ба таври зинда, фаври таъсир расонидан ба ҷараёни минбаъдаи инкишофи забон ва ҳам барои таъин намудани нормаҳои асосии эстетикӣ, шакл ва тамоюли алоқаи нутқи бадеӣ бо ҳаракати услубҳои адабиёти бадеӣ ҷамъбаст мекунад”.

Шабеҳӣ ва тафовути илми маданияти суханро бо илмҳои луғат, грамматикаи меъёрӣ ва услубшиносӣ дар асоси мисолҳои зерин собит намудан мумкин аст:

1. Дар китоби дарсии “Забони адабии тоҷик”, ки барои донишгоҳ ва донишкадаҳо таъин шудааст, муаллифон ба масъалаи “бой гардидан ва инкишофи лексика аз ҳисоби забони зинда ва нутқи шифоҳӣ” таваққуф намуда, ҷиҳати мисол калимаҳои ҷуфти зерин: таъхир–ҳаял, олуболу–олучабандакро нишон додаанд. Дар худи ҳамин боб ҳамчун муродиф ҷуфтҳои зерин: танбал–дангоса, ҳомиладор–дуҷон, девона–ҷиннӣ зикр шудаанд.

Ҳаминро хуб бояд донист, ки илми маданияти сухан ба ин калимаҳо дигархелтар баҳо медиҳад. Калимаҳои ҳаял ва ҷиннӣ, ки дорои хосияти услубӣ мебошанд ва ба гурӯҳи калимаҳои гуфтугӯӣ дохил мешаванд. Бинобар ин истеъмоли онҳо фақат дар он порчаҳои нутқ, ки дорои хусусияти гуфтугӯӣ доранд, ҷоиз мебошад. Ҷуфтҳои муродифии олуболу–олуча бандак гарчанде баробар бошанд ҳам, “олучабандак” ба ду сабаб бо “олуболу” рақобат карда наметавонад: якум ин, ки доираи истифодаи он як андоза маҳдуд мебошад: дуввум ин, ки назар ба “олуболу” шаклан номувофиқ, дурушт аст. Ифодаи “ҳомиладор”-ро ба

ҳамин шакл муродифи “дуҷон” ба қалам додан дуруст нест: ин шакли вайрон ва ғалат буда, дурусташ ҳомила мебошад. Ба ғайр аз ин, дар байни ҳомила ва дуҷон фарқи услубӣ мавҷуд аст: аввалӣ воҳиди луғати услубан мӯътадил бошад, дуюмӣ бинобар доро будан ва хусусияти эвфимистӣ дар порчаҳои махсуси услубӣ истифода мешавад.

2. Дар китоби “Грамматикаи академии забони адабии тоҷик” навишта шудааст, ки пасвандҳои -чӣ ва -гар дар исмсозӣ сермаҳсул буда, исмҳое месозанд, ки дорои маънои гуногун мебошанд. Барои тасдиқи қоида бо -чӣ ин гуна мисолҳо зикр ёфтаанд: тракторчӣ, танкчӣ, автоматчӣ, карнайчӣ, рубобчӣ, шикорчӣ, изчӣ, искрачӣ, дурӯғчӣ, тӯҳматчӣ, воҳимачӣ, ҳашарчӣ, кӯмакчӣ ва ғайра. Қисме аз мисолҳое, ки барои -гар оварда шудаанд, инҳо мебошанд: шишагар, шамшергар, чармгар, рехтагар, шустагар, иғвогар, ошӯбгар, тарбиятгар, созишгар,ислоҳгар ва амсоли инҳо. Ҳам қоида ва ҳам мисолҳое, ки дар китоб баён шудаанд, аз бобати талаби грамматикаи нормативӣ дуруст мебошанд. Вале назари маданияти сухан нисбат ба қисме аз мисолҳои бо -чӣ овардашуда каме дигархелтар аст. Он мувофиқи тамоюли ҳозираи инкишофи забон дар баъзе калимаҳо (масалан, тӯҳматчӣ, воҳимачӣ, кӯмакчӣ) ва ҷои -чӣ истифода кардани “-гар”-ро салоҳтар медонад. Аз ҷониби дигар, дар асоси протесс вай лозим мешуморад, ки адади мисолҳои дорои суффикси -гар аз ҳисоби калимаҳои нав (мисли пайвандгар, тамошогар, баёнгар, тадқиқгар, равшангар, таҳлилгар, истисмогар, шӯришгар ва ғайра) афзуда мешавад. Ин нуқтаро илми маданияти сухан бо ёрии чунин асоси илмӣ тақвият медиҳад: сохтани номҳо бо пасванди -гар анъанаи қадимӣ дошта, ин қоида дар давраҳои дертар дар забони адабӣ ба дараҷае маҳдуд шуда буд. Ҳоло ки ин нуқсон ислоҳ ва доираи истифодаи суффикси -чӣ ба сифати як унсури сухани оддӣ тадриҷан танг мешавад, сермаҳсул гаштани пасванди -гар ҳамчун натиҷаи тақвияти меъёри анъанаи амрӣ ногузир аст .

Барои тасдиқи ин фикр, ки -гар ҳодисаи машҳури қадимист, байтҳои зеринро мисол овардан мумкин аст:

Махдуми мулкпарвару садри ҷаҳон, ки ҳаст,
Дар пеши баргоҳаш хидматгар офтоб.
*(Анварӣ)*
Дилрабои ҳама он нест, ки ошиқ бикушанд,
Хоҷа он аст, ки бошад ғами хидматгораш.
*(Ҳофиз)*

Худ аз худ маълум мешавад, ки маданияти сухан, баръакси сухан, лексикология ва грамматикаи нормативӣ, воҳидҳои луғавию грамматикиро на танҳо аз бобати мансубият ба меъёри маъмул тавсиф мекунад, балки онҳоро мувофиқи меъёри кӯҳна ва нав, ҷанбаҳои адабӣ ва ғайриадабӣ, дурустӣ ва нодурустӣ эзоҳ дода, яке аз қаринаҳоро, ки имрӯз машҳур аст, барои истифодаи умум тавсия ва пешниҳод мекунад.




Ҳамаи мавзӯъҳои минбаъда, ки шомили фасоҳат ва балоғатанд, илми маданияти суханро бо илмҳои маъонӣ, баён ва бадеъ наздик ва қаробатдор мегардонанд. Дар ин

ҳол маданияти сухан воситаҳои бадеию эҳсосии забонро дар бар мегирад. Сабаб ҳамин аст, ки баъзе аз аҳли тадқиқот масъалаҳои маданияти сухан ва илми бадеъро бо ҳам ихтилот ва омезиш дода, зимни истилоҳи ягонаи "зеби сухан" ё "санъатҳои сухан" ҷойгир намудаанд. Барои тақвияти маънии мазкур метавон далелҳои зеринро илова намоем. Профессор Д.Э.Розентал дар китоби дарсие, ки доир ба маданияти сухан навишта буд, зимни қоидаи маданияти сухан доро будани сухани баландмаданиятро ба хусусияти бадеию тасвирӣ низ махсус таъкид намудааст. Тибқи нишондоди вай, баъзе аз воситаҳои тасвири бадеӣ, масалан, маҷоз, ташбеҳ ва ғайра мавзӯи баҳси маданияти сухан мебошанд.

Доир ба ҳамин масъала дар таълифоти мутахассиси дигари ин соҳа Е.А.Бахмутова инқилоби фикр мушоҳида мешавад: агар дар нашри якуми китоби худ мавсуф ба "Култура речи" вай маҳорати суханро аз маданияти сухан ҷудо намуда, воситаҳои тасвирию муассирро ба он дохил накарда бошад, дар нашри дуюм ба ин қарор омадааст, ки воситаҳои тасвироти бадеӣ қисми таркибии мавзӯъоти маданияти сухан ба шумор меравнад. Гуфтаи зерини ӯ ин маъниро пурра тасдиқ менамояд: "Маданияти сухан маҳорати дуруст, дақиқ ва фасеҳ кардани фикрро дар бар мегирад… Мувофиқат ба норма ҳоло анҷоми мафҳуми маданияти нутқ нест. Лозим аст, ки воситаҳои олии таъсирбахши нутқ, яъне воситаҳои ба ном муассири забон низ истифода шаванд".

Мисли ҳамин профессор В.Г.Костамаров ҳам таъкид карда буд, ки "маданияти нутқ аз рӯи проблемаҳои худ аз мавҳуми меъёр берун мебарояд".

Чунон ки аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, маданияти сухан ҳар ду ҷиҳат – ҳам ҷиҳати коммуникативӣ ва ҳам ҷиҳати эстетикии забонро дар якҷоягӣ меомӯзад ва аснои баҳо додан ба сифати нутқ дар асоси меъёри ҷорӣ ба талаб ва дарҳостҳои ин ду ҷанбаъ истинод менамояд. Ба ин

тариқа, илми маданияти сухан ё ҳусни баён бо шохаҳои алоҳидаи илми адаб алоқа ва вобастагии ногусастанӣ дорад. Вай дар баёни қоида ва хулосаҳои худ ба истилоҳ, натиҷа ва дастовардҳои илмҳои мазкур такя мекунад ва тамоюлҳои зинда, роҳҳои тадриҷии инкишофи забонро ба ҳисоб мегирад. Дар хусуси истифодаи қаринаҳои шоиста ва созгортарин қаринаҳое, ки мувофиқи меъёрӣ ҷорӣ буда, фикру ҳиссиётро ниҳоят равшан ва зебо ифода менамояд, маслиҳат ва дастурҳои амалӣ медиҳад. Аз ҷониби дигар, ин фан дар хусуси мутаносибан ба кор бурдани воситаҳои муассири сухан баҳс менамояд.



**Савол ва супоришҳо:**

1. Вазифаҳои асосии маданияти нутқ кадомҳо мебошанд?

2. Фанни маданияти нутқ бо кадом шохаҳои илмии забон алоқа дорад?

3. Усулҳои тадқиқи муаммоҳои маданияти суханро номбар кунед;

4. Фикрҳои донишмандони бузургро, ки дар нақша оварда шудаанд, маънидод намоед.

## Мавзӯи 2. Меъёри адабӣ ва хусусияти асосии он

**Нақша:**

1. Ақидаи олимон доир ба меъёри забони адабӣ;
2. Бо кадом маъноҳо ифода ёфтани меъёр;
3. Меъёри забони адабӣ баъд аз Инқилоби Октябр;
4. Фарқи меъёри забони адабӣ аз услубҳои ҷории забон.

**Калидвожаҳо:** *таҷассум, сареҳ, талқин, таркиббандӣ, семантикӣ, танзим, лағзиш, таҳтуллафзӣ, номатлуб.*

Олимон меъёри забони адабиро тибқи фикру андешаҳои худ ҳар хел маънидод кардаанд. Чунончи, В. А. Искович дар ин ақида аст, ки меъёри забони адабӣ чунин маъноҳои калима, созмони фонетикии он, қолабҳои калимаю шаклсозӣ ва маъноҳои луғавию грамматикии онҳо, қолабҳои ибора ва ҷумла, мазмуну муносибати синтаксисии онҳост, ки дар айни замон дар байни ҷомиаи ҳамзабонон истифода мешаванд. Аз рӯйи нуқтаи назари забоншиноси дигар К. С. Горбачевич, меъёри забони адабӣ чунин тарзҳои нисбатан устувори ифода аст, ки ҷараёни инкишофи забони адабиро таҷассум намуда, аз тарафи аҳли маърифат чун намунаи писандида шудаанд. Ҳамин гуна қолабҳои ифодаро сареҳ ва қобили қабули умум мешуморанд. Меъёри забони адабӣ яке аз масъалаҳои асосии маданияти сухан мебошад. Аз ин ҷост, ки дар аксари корҳое, ки ба маданияти нутқ бахшида шудаанд, нутқеро, ки мувофиқи меъёри забони адабӣ баён мешавад, дуруст меҳисобанд. Агар меъёри забон риоя шавад, нутқ солим аст, вале меъёр риоя нашавад, нутқ солим нест.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки мо, пеш аз ҳама, дар бораи худи меъёр тасаввуроти том ҳосил намоем. Пас, худи меъёр чист? Истилоҳи меъёр дар забоншиносӣ одатан ба ду маънӣ

фаҳмида мешавад: аввалан, воситаҳое фаҳмида мешаванд, ки аз тарафи умум қабул шуда, дар забони адабӣ устувор гардидаанд; сониян, воситаҳои забониеро меъёр меноманд, ки аз тарафи дастури забон, луғатҳо ва маълумотномаҳо тавсия гардида, бо мисолҳои асарҳои нависандагони маъруф тақвият дода шудаанд. Аз ин бармеояд, ки дар истифодаи ҳамаи унсурҳои фонетикӣ (овоз, задаи калима, интонатсия), воҳидҳои луғавию фразеологӣ, маъноҳои асосию иловагӣ ва тобишҳои маъноии онҳо, тарзу воситаҳои сохтани калимаю таркибҳо, тағйири шаклҳои грамматикии калима, кор фармудани воситаҳои грамматикӣ, сохтани ибораю ҷумлаҳо, муносибатҳои маъноӣ ва синтаксисӣ дар онҳо забони адабӣ меъёри муайян талқин мекунад. Меъёри забони адабӣ ҳамаи он воҳидҳои забонро ба низом медарорад, устуворӣ ва пойдорӣ мебахшад.

Маълум аст, ки забон ҳодисаи таърихии ҷамъият аст, бинобар ин дар як шакл шах шуда намонда, ҳамеша баробари пешрафти замон  тағйир ёфта меистад. Вале ҳар гуна дигаргуниеро, ки  дар таркиби луғавӣ, ҷиҳати семантикӣ ё унсурҳои калимасозӣ, таркиббандӣ, иборасозӣ ва ҷумлабандӣ ба вуҷуд меояд, меъёри забони адабӣ зуд эътироф намекунад, балки муддати тӯлонӣ онро ба ҳоли худ мегузорад, то хуб "ҳазм" шавад. Дар ин миён дар атрофи он мунозираҳо ба вуҷуд меоянд, ақидаҳои мухталиф пайдо мешаванд. Аз ҳамин сабаб хусусияти устуворию як дараҷа "кӯҳнапарастӣ" (консервативӣ)-и меъёри забони адабиро одатан, ба яхи рӯи дарё ва инкишофи доимии забони зиндаро бошад, ба маҷрои зери ях ташбеҳ медиҳанд.

"Моҳияти ҳама гуна забони адабӣ дар танзиму пойдории он аён мегардад",- гуфтааст забоншиноси маъруфи рус Л. В.Шерба. Аз ин рӯ, меъёри забони адабӣ ҳар қадар корхӯрда ва устувор бошад, ҳамон қадар пуриқтидор ва тавоно мегардад.

Забони адабии тоҷик дар ҳар марҳилаи инкишофи худ

меъёри муқаррари истеъмоли сухан, тарзҳои калимасозӣ, қолабҳои ифодаи фикр дошт ва аҳли маърифат ва афроди бо он сарукор дошта ба талаботи он комилан риоя мекарданд. Агар лағзиши андаке ҳам руй медод ё сақату ғалати нозуке пайдо мешуд, зуд пешгирӣ мекарданд. Бо вуҷуди ин забони назм ва насри бадеӣ, ки дар тӯли асрҳо ҷавҳари забони адабии форсу тоҷик буд, дар ҳама давру замон бетағйир намондааст: гоҳ соддаву саҳеҳ баён кардани матлаб меъёри забони адабӣ қарор мегирифт, гоҳ майли суханбозиву лафзпардозӣ, печидагӯиву душворписандӣ мекард, вале хамеша байни забони адабию забони зиндаи халқ робита вуҷуд дошт, ки ба василаи он забони адабӣ аз сарчашмаи хушкнашавандаи худ шодоб мегардид ва сарватҳои худро аз он хазина ғанитар мекард. Бо ёрии калимаҳои маълум, ки дар зиндагии инсон қариб дар ҳар лаҳза ба забон меоянд, бо калимаю ифодаи пурмаънои халқӣ соддаву фасеҳ ифода кардани маъниҳои баланд тақозои сабки хуросонӣ ба шумор мерафт, ки намунаи онро дар осори Абуабдулло Рӯдакӣ ва муосирони ӯ дидан мумкин аст:

Рӯдакӣ чанг баргирифту навохт,
Бода андоз, к-ӯ суруд андохт.
В-он ақиқин мае, ки ҳар кӣ бидид,
Аз ақиқи гудохта нашинохт.
Ҳар ду як гавҳаранд, лек ба табъ
Ин бияфшурду он дигар бигдохт.
Нобисуда ду даст рангин кард,
Ночашида ба торак андар тохт.

Аз ин ҷост, ки соддагии тарзи баён дар насри ривоятӣ (“Ҳазору як шаб”, ”Чор дарвеш”, “Самаки айёр”) ва насри бадеӣ (чунончи, дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ) низ далели он робитаи қавии забони адабӣ бо забони гуфтугӯи мардум ба ҳисоб меравад.

Баъди Инқилоби Октябр ва табаддулоти сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ дар меъёри забони адабии тоҷик тағйироти зиёде рӯй доданд: аз забони зинда калимаю таркибҳо, ибораю ҷумлаҳои рехта, ифодаҳои маҷозӣ, унсурҳои шаклӣ, қолабҳои ифодаи фикр ба забони адабӣ даромаданд. Баробари сохта кор фармудани як миқдор калимаю истилоҳҳои нав, инчунин аз забонҳои дигар ҳам ба таркибилуғавии забони мо калимаҳои зиёд иқтибос шуданд. Баъзе калимаю ифодаҳоро ба тариқи таҳтулафзӣ тарҷума карда дар матбуоту нашриёт кор фармудан гирифтанд. Кор ба ҷое расид, ки баъзе адибони камтаҷриба ва рӯзноманигорони бесалиқа таҳти шиори ба забони халқи меҳнаткаш наздик кардани забони адабӣ ё демократӣ гардонидани нормаҳои он ҳама гуна калимаю ифодаҳои шоистаю ношоистаро дар асару мақолаҳояшон истифода кардан гирифтанд, дар натиҷа як навъ бесарусомонӣ дар истеъмоли воҳидҳои луғавию грамматикии забон ба миён омад. Устод Айнӣ, ки ҳамеша ба забони адабӣ бо назари ғамхорӣ менигарист ва сарватҳои луғавию қоидаҳои грамматикии онро аз олоишу вайронӣ нигаҳ медошт, маҷбур шуд, ки пеши ин ҷараёни номатлубро гирад ва забони адабии тоҷикро аз ин гуна майлҳои ботил эмин дорад. Бинобарин вай ба як нависандаи ҷавон мактуби кушод навишта ғалатҳои забони асари ӯро нишон дода бошад ҳам, ҳадафи танқиди вай танҳо асари П. Толис набуда, балки ишораи нозуки маҳрамонае буд ба адибони дигар ҳам, ки ба қадри каломи фасеҳ намерасиданд ва ба меъёри забон рахна меандохтанд.

Меъёри забони адабӣ барои ҳамаи услубҳои ҷории забон умумӣ бошад ҳам, ҳар кадом услуб дар навбати худ дар истеъмоли луғат, дар калимасозӣ ва кор фармудани шаклу қолабҳои грамматикӣ, инчунин дар бобати фоида бурдани имконоти интонатсионӣ, ороиши сухан, воситаҳои муассири забон хусусият дорад, ки он дар инкишоф ва

ташаккули меъёри он услубҳо чун заминаи асосӣ хизмат мекунад. Аз ин рӯ, дар байни меъёри забони адабӣ ва услубҳои ҷории забон фарқи муайяне ҳаст. Чунончи, ҳадафи асосии меъёри забони адабӣ мафҳум будани маънои калима ё ифодаи мақсад барои ҳамаи соҳибони забон бошад, дар услуби бадеӣ воҳидҳои забон барои реалӣ ва зинда тасвир намудани ҳодисаю воқеаҳои ҳаёти ҷамъият ба кор бурда мешаванд, бинобар ин нависанда баъзан аз доираи забони адабӣ баромада, унсурҳои ғайриадабиро ҳам бо ягон ғарази услубӣ кор мефармояд.

Ин мавзӯъро ба тариқи зерин хулоса кардан мумкин аст, яъне маҷмӯи калима, сохту структураи овозӣ ва маъноҳои он, маҷмӯи қолабҳои калимаю шаклсозӣ, қолабҳои иборасозию ҷумлабандӣ, ки маъною мундариҷаи реалӣ дошта, дар заминаи инкишофи таърихии забон пайдо шудаанд ва дар айни замон аз тарафи соҳибони забон объективона истифода мешаванд, меъёри забони адабиро ташкил медиҳанд. Риоя кардан ба қонуну қоидаҳои анъанавии забон, пойдору устувор будан, мураттаб нигаҳ доштани онҳо, танзими тамоми сарватҳои фонетикӣ, луғавӣ, калимасозӣ ва грамматикӣ, ба расмият даровардани принсипҳои истифодаи онҳо аз ҷумлаи хусусияти меъёри забони адабӣ ба шумор мераванд. Чунончи, дар шумора мувофиқат кардани муайянкунанда бо муайяншаванда чун осори муносибатҳои грамматикии забони қадима дар адабиёти классикии форсу тоҷик ҳам як муддат риоя мешуд: ғуломони бисёр накӯрӯён. Ин анъана дар забони адабии ҳозира барҳам хӯрд ва меъёри забони адабии имрӯзаи тоҷик ба шумор намеравад. Ё ин ки дар категорияи ҷинс мувофиқат кардани тавсиф бо мавсуф низ баъзан чун асари меъёри забони адабии давраи классикӣ вомехӯрад: канизакони муғанния.

**Меъёри забони адабӣ чист?**

**маҷмӯи калима, сохту структураи овозӣ ва маъноҳои он, маҷмӯи қолабҳои калимаю шаклсозӣ, қолабҳои иборасозию ҷумлабандӣ, ки маъною мундариҷаи реалӣ дошта, дар заминаи инкишофи таърихии забон ба вуҷуд омадаанд ва дар айни замон аз тарафи соҳибони забон объективона истифода мешаванд, ташкил медиҳанд.**

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик луғату китобҳои дарсӣ чун дастури меъёри забон дар кор фармудани луғат, маъноҳои он, истеҳсолот, тарзҳои калимасозӣ, унсурҳои шаклию структурии забон хизмат мекунанд. Луғатҳо (чи тафсирию чи дузабона), аввалан, калимаю ифодаҳоеро дар бар мегиранд, ки ба доираи меъёри забони адабӣ медароянд, сониян, баъзе лафзҳои ғайриадабӣ (чунончи, калимаҳои шевагӣ) дар луғат омада бошанд, ҳатман ишора мешаванд, ки ба забони адабӣ мутааллиқ нестанд. Дар кадом услуби забон маъмул будани баъзе калимаю ифодаҳо низ қайд мешавад, ки бешубҳа, барои муайян кардани обуранги услубии калимаҳо ёрӣ медиҳад.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Олимон меъёри забони адабиро чӣ гуна тавсиф додаанд?

2. Худи меъёр чист ва кадом маъноҳоро ифода мекунад?

3. Меъёри забони адабиро пас аз табаддулоти сиёсӣ тавзеҳ диҳед.

4. Калом хусусиятҳои забони адабиро медонед?

## Мавзӯи 3. Меъёри овозшиносӣ ва хусусияти луғавӣ

**Нақша:**

1. Заминаҳои сар задани ғалатҳо;
2. Гуногунии ғалатҳои талаффузи овозҳо;
3. Сарватҳои луғавии забон;
4. Ду гурӯҳи нуқсонҳои луғавӣ.

**Калидвожаҳо:** *танофур, ғанобат, мувозиа, наттоқ, танфис, ситагма, ғанимат, сарфа, чаппасар.*

Дуруст ва беғалат ифода ва талаффуз кардани калимаҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Барои он ки сухани мутакаллим (гӯянда) ба мусоҳиб комилан фаҳмо бошад, бурро ва шунаво талаффуз кардани нутқ, пурра ва равшан шунида шудани овозҳои калима, барҷо будани задаи калима ва ба матлаб мусоидат намудани оҳанги гуфтор аз шартҳои аввалиндараҷа маҳсуб мегардад. Аз ин нуқтаи назар пайдост, ки талаффузи овозҳои калима ва ҷойи зада аз рӯйи мароми забони адабии ҳозираи тоҷик воқеъ мегардад. Ҳангоми риоя накардани мақоми овозӣ дар талаффузи баъзе овозҳо ғалатҳо содир мегарданд, ки онҳо боиси костани ҳусни баён мегарданд. Доир ба ин масъала агар сари вақт барои бартараф кардани саҳву хатоҳо чораҳо андешида нашавад, шояд бо мурури замон дер шавад. Халқи мо беҳуда нагуфтаанд:

Хишти аввал чун ниҳад меъмор кач,
То Сурайё меравад девор кач.

Гоҳо мавриди талаффузи овозҳои калима, ҳатто баъзан худи мутахассисон низ ба хатогиҳо роҳ медиҳанд. Ин гуна камбудӣ ва нуқсонҳоро мо ҳам дар маводҳои

рӯзномаву маҷаллаҳо ва гоҳо дар барномаҳои садо ва симо низ мушоҳида менамоем. Бешак, ин намуд айбу нуқсонҳо имрӯзҳо ҳатто дар китобҳои дарсӣ ҳам ба назар мерасанд.

Яке аз талаботи асосии илми маданияти сухан дар калимаҳои ҳамнишин сабуку равон ва озоду равшан талаффуз шудани овозҳои нутқ мебошад. Забоншиносон ба якдигар наздик воқеъ гардидани овозҳои якхеларо, ки боиси хастагии мазмуни талаффуз мегарданд, танофури ҳуруф номидаанд. Танофури ҳуруф(сангинӣ дар талаффузи овозҳои калима), танофури калимот(сактагӣ дар талаффузи овозҳои чанд калимаи бо ҳамдигар алоқаманд), ғаробати истеъмол (риоя накардан ба таносуби услубии калимот ва бемавқеъ кор фармудани калима ё ифодаи рехта), таъқиди лафзӣ (гиреҳ андохтан ба таносуби шаклии калимаҳо дар ҷумла), таъқиди маънавӣ (гиреҳ задани маъно ва пӯшида ифода кардани матлаб), татобеи изофат (бо бандаки изофӣ силсилавор васл кардани бештар аз чаҳор калимаи маънодор), касрати такрор (бесабаб ва бемаврид такрор кардани калима) ва ғайра аз ҷумлаи чунин нуқсонҳост, ки на танҳо фасоҳату салосати суханро аз байн мебарад, балки ба сиҳати калом ҳам таъсир карда, ҳусни баёнро мекоҳонад. Дар ин ҷо ба ҳамаи ғалатҳои услубию ғайриуслубии зикршуда дахолат накарда, танҳо дар хусуси чунин нуқсонҳои шифоҳӣ ва хаттӣ ифода кардани фикр сухан меронем, ки ба сиҳати калом осеб мерасонанд. Ғалатҳои талаффузи овоз гуногунанд:

1. Чӣ хеле ки ба мо маълум аст, баъзан дар калимаҳои Сӯҳроб, бӯз, рӯз, рӯй, кӯшиш, дӯзанда, пӯшидан, сӯм ва ғайра ба ҷои садоноки “ӯ” овози “у” талаффуз карда мешавад: Суҳроб, буз, руз, руй, кушиш, дузанда, пушидан, сум. Мисли ҳамин, гоҳе баръакс, дар лаҳни намояндагони баъзе шеваҳо аз қабили маҳлул, малул, махсус, сабус, тулуъ, номус калимаҳо маҳлӯл, малӯл, махсӯс, сабӯс, тулӯъ, номӯс ба гӯш мерасанд.

2. Вожаҳои ғайритоҷикӣ, аз қабили телевизор, роман, комитет, комбинат, сохоз, колхоз, почта ва ҳоказо дар забони имрӯзаи тоҷик ду тарз талаффуз мешавад: телевизор, роман (дар нутқи баъзе зиёиёни кӯҳансол), рӯмон, комитет, комбинат, колхоз, болшевик (тоҷикӣ); тиливизор, раман, камитет, камбинат,савхоз, калхоз, пошта (мувофиқ бар талаффузи русӣ).

3. Ифодаҳои зерин низ дар асоси қоидаҳои маъмули тағйирёбии овозҳо дар забони тоҷикӣ ду тарзи талаффуз доранд: растанӣ-рустанӣ, равған - рӯған, равшан - рӯшан, равшанӣ - рӯшноӣ, савсан - сӯсан, савор – сувор ва ғайра:

Ало, то сӯзану сӯсан яке бошад бари колив,
Ало, то шаккару афшон яке бошад бари Маҷнун.

***(Рӯдакӣ)***

Ҳаминро ҳам бояд хуб донист, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик аз байни калимаҳои рӯған, рӯшан, сӯсан, сувор танҳо калимаи рӯшноӣ меъёри адабӣ шуморида шудааст (Луғати имло, с. 206).

Инчунин, дар феълҳои баромадан-буромадан, фуромадан-фаромадан ҳам қаринаҳои дуюм меъёри забони адабӣ эътироф нашудааст. Ҳарчанд чунин бошад ҳам, баъзе нависандагон ҳар ду қаринаро дар осори худ кор фармудаанд: Беҳтар мешуд, ки бе ресмону бе дорбозӣ аспсувор мерафтем (ТВ, 155); Абӯ савори аспи таърифиаш аз пайроҳаи танги болои даҳана ба роҳи калон мефарояд (ПК, 156); Аз мобайн як ҳафта ҳам нагузашта буд, ки Восеъ аспсавор дар Лангар ҳозир гардид (В, 53).

4. Дар забони тоҷикӣ баъзан калимаҳою ибораҳои моил, тағйир, мулоим, осоиш, зебоӣ, хушбӯӣ, чои кабуд, абрӯи сиёҳ, хонаи васеъ барғалат мо-ил, тағ-ир, муло-им, осо-иш, зебо-ӣ, хушбу-ӣ, чо-и кабуд, абрӯ-и сиёҳ, хона-и васеъ талаффуз мешаванд, ҳол он ки мувофиқи табиати

забони гуфтугӯ ва меъёри адабӣ мойил, тағйир, мулойим, осойиш, зебойӣ, хушбӯйӣ, чойи кабуд, абрӯй сиёҳ, хонайи васеъ гуфтан зарур мегардад.

5. Ҳангоми талаффузи овозҳои садонок таъсири шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба мушоҳида мерасанд. Ин ҳолат дар боби сарфи забон ва хусусан дар феълҳо бештар ба назар мерасад: дона-дуна, нон-нун, хона-хуна, омад-умад, бинам-бенам, шинос-шунос, шаш-шиш, дулона-делона, билет-белат, кино-кено ва ғайра.

6. Бинобар тағйир ёфтани ҳамсадоҳо низ қаринаҳои гуфтугӯии адабию ғайриадабии калимаҳо ба вуҷуд омадаанд: девор-девол, иқбол-ихбол, нависанд-навишанд... Мувозиҳои тамба-танба, дунбул-думбул, дунболагирӣ кардан-думболагирӣ кардан, танбал-тамбал, занбар-замбар, сулфа-сурфа, татбиқ-тадбиқ, танбеҳ-тамбеҳ ва ғайра дар гуфтугӯ (инчунин қисман дар навиштаҷот ҳам) дар якҷоягӣ кор фармуда мешаванд: Урмон-Полвон, пас аз он ки як-ду сурфа кард, илова намуд (К, 111, 341); - Рафиқон,- гуфт Шошмақул сулфакунон... (К, III 595). Бо вуҷуди ин дар забони адабии имрӯза қаринаи аввалро ҳамчун меъёр қабул кардаанд.

Қобили қабул аст, ки баъзе нуқсонҳои талаффуз танҳо хоси намояндагони маҳалҳои ҷудогона ба шумор мераванд. Чунончи, бидуни ташдид талаффуз карда шудани калимаҳо дар баъзе шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ: модда-мода, натток-наток, содда-сода, одди-одӣ, аммо-амо, муқаддима-муқадима, тилло-тило ва ғайра: Шӯриши Восеъ шӯриши одӣ набуд (тибқи гуфтаи омӯзгор).

Мисли ҳамин, табдилёбии ҳамсадои "с" ба "з" ва талаффузи "ҳ"-и ҳуттӣ (ҳалқии чуқур) ҳам бо таъсири шева дар нутқи баъзе намояндагони маҳалҳо мушоҳида мешавад: нисбат - низбат масдар, маздар...; ҳуқумат - ҳӯкумат, Раҳим-Раҳим... Дар калимаи арабии "мазкур" дар талаффузи умум акси ҳол дида мешавад: мазкур (зикршуда) - маскур.

Дар боби ҷойивазкунии овозҳо (метатеза) ҳам ду қаринаи фонетикии як калимаро ба вуҷуд овардааст. Дар мавриди истифодаи онҳо, зоҳиран, ҳанӯз меъёри забони адабӣ устувор нагардидааст, аз ин рӯ дар баъзе калимаҳо ҳар ду тарзи ифода (кифт - китф, қулф - қулф...), дар калимаҳои дигар фақат як қаринаи ифода меъёри забони адабӣ эътироф шудааст: шавҳар - шаҳвар, маишат – машиат, гаҳвар-гавҳар ва ғайра:

— Ана ин машият. Илоҳо, дастатон дард набинад, хоҳарам, - дуо мекард Ивон-амак. Вай аксари калимоти тоҷикиро бехато талаффуз мекард, ба истиснои якта-нимта истилоҳоти душворталаффуз. "Маишат"-ро, масалан, "машият" мегуфт, "дарвоза"-ро "давроза", "гаҳвора"-ро "гавҳора" (ПК, 2031).

7. Инчунин, ҳангоми талаффуз ва навишти мувозиҳои зерин низ қаринаи аввал ба меъёри забони адабӣ рост омадааст: оҳистаякак-оҳистекак, очаам-очем, бачаат-бачет, хонааш-хонеш, наомадаанд-наомаден, нагуфтаам-нагуфтем ва ғайра.

Аз ҳамин нуқтаи назар, сиҳатии калом талаб мекунад, ки на танҳо ҳангоми талаффузи овозҳо, инчунин дар пайвастаҳои овозӣ, ҳиҷоҳои заданоку безада низ табиати забон ва ҳусни баён риоя карда шавад. Аз ин ҷост, ки дар ҳар як калима аз ҷиҳати фонетикӣ яке аз ҳиҷоҳо нисбат ба ҳиҷои дигар равшантару барҷастатар талаффуз мешавад. Масалан, дар ин байти устод Рӯдакӣ ду хел талаффуз шудани калимаи "мардӣ"-ро мебинем:

Мар**дӣ** набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, **мар**дӣ.

Худ аз худ маълум аст, ки агар дар мисраи аввал ҳиҷои дуюми ин калима (-дӣ) равшантар шунида шавад, дар мисраи дуюм ҳиҷои якуми он (мар-) барҷастатар

ба шунида мешавад. Ин ду шакли калимаи “мардӣ” аз якдигар ба туфайли задаҳои худ фарқ мекунанд. Ин гуна тафовути ҳиҷоҳоро дар калима задаи калима таъмин менамояд. Ҳангоми талаффузи калимаи ҷудогона (хусусан аз як реша иборат бошад) ҷои зада маълум аст ва дар талаффузи он хато намеравад. Агар калима аз ҷиҳати сохт сохта ё мураккаб бошад ё дар дохили ҷумла дар ҷараёни нутқ ояд, дар талаффузи як микдор калимаҳо барғалат кӯчидани зада ба мушоҳида мерасад: Ин гуна ҳолат бештар дар талаффузи истилоҳот, ки калимаҳои нисбатан камистеъмол мебошанд, рух медиҳад: сарҷумлӑ - сарҷумла, сараъзо - сараъзо, бевосита - ба́восита, бевосита - бевосита, пешоянд - пешоянд, пасоянд - пасоянд, назария - назария, баёния - баёния… амалия - амалия.

Дар забони адабии мо сарвати луғавии он фақат калимаҳои тоҷикиро дарбар намегирад. Инчунин дар он як микдор калимаҳои бегона (арабӣ, туркӣ, русӣ ва ғайра) вуҷуд доранд, ки дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи забонамон гузашта, қисме “ҳазм шуда” тамоман “азони худӣ” шудаанд. Аз ин рӯ, табиист, ки дар онҳо мувофиқи қонуну қоидаҳои забони тоҷикӣ задаи калима воқеъ мешавад: Маҳмуд (арабӣ) - Маҳмуд (тоҷикӣ), маҳосара (арабӣ) - муҳосира (тоҷикӣ), маҳовара (арабӣ) - муҳовира ё маҳовара (тоҷикӣ), ясли (иқтибосӣ) - яслӣ (тоҷикӣ), тӯфли (иқтибосӣ) - туфлӣ (тоҷикӣ) ва ғайра. Дар забони солхӯрдагон задаи насаби ном ба ҳиҷои охирин меафтад, яъне тибқи қоидаи забони тоҷикӣ талаффуз мешавад: Самадӯф, Зарипуф, Саъдиюф. Ва ҳол он ки бештарини калимаҳои аз забонҳои дигар иқтибосшуда бо тарзи талаффузи аслиашон ба забони мо гузаштаанд ва меъёри забони адабии имрӯза ҳисоб меёбанд: редаксия, а́рмия, а́рия, галстук, глобус, госпитал, график, диксия, динамо, директор, драма, йморт, кафедра, классик, команда, конкурс, лёксика, образ, новёлла, повест, профессор,

публисистика, ректор, сёкция, симпозиум, синоним, синтаксис, статистика, тёхника, харӑктер, эпос, эстётика, юмор ва ғайра. Баъзан ба ҷои галстук-галастӳк, профессор - профессор, копия - куфия, норма – норма шунида мешавад, ки ба меъёри талаффузи адабӣ мувофиқ намеояд.

Аз ин нуқтаи назар, сиҳатии калом ба оҳанг ҳам сахт вобастагӣ дорад: калимаҳои ҷудогона ё гурӯҳи калимаҳои бо ҳамдигар алоқаманд дар сурате як порчаи нутқро ташкил дода, фикрро ифода мекунанд, ки "қабо"-и оҳангнокӣ пӯшида бошанд.

Оҳанг худ аз худ маълум аст, ки калимаро ба калима, ҷумларо бо ҷумла алоқаманд мекунад ва воҳиди яклухтро ба низом медарорад. Бо воситаи оҳанг ҷумла мазмуни ахбор, пурсиш ва фармоишро пайдо мекунад, ба воситаи исти кӯтоҳ (танфис) бошад, ба фосилаҳо (ситагмаҳо) ҷудо шуда ба таҷзияи сомони маъно асос меофарад ва ба ин роҳ байни факти аллакай ба шунаванда ё хонанда маълуму маълумоти тоза сарҳад мегузорад, бо тағйири тартиби муқаррарии калимаҳо ва пурқувват талаффуз кардани ягон ҷузъ маънии мақсадро таъкид менамояд. Ин вазифаҳоро бе ҳамаҷониба таҳлил кардани табиати нозуку мураккаби оҳанг донистан ва аз имконоти грамматикию услубии он баҳраманд шудан мушкил аст.

Бо мақсади равшан баён кардани матлаб, қабл аз ҳама, оҳанги ахбор, пурсиш ва фармоиш бояд саҳеҳ бошад, чунки бо тағйири оҳанги ҷумла мақсадҳои гуногунро ифода кардан мумкин аст:

а) Бо оҳанги ахбор: Рафиқ, Насим Бозидов донишгоҳро хатм кард;

б) Бо оҳанги пурсиш: Рафиқ, Насим Бозидов донишгоҳро хатм кард?

Тақтеи оҳангнокии ҷумла ҳамеша ба муносибати грамматикии аъзоҳои он вобаста нест. Чунончи, ҳадди фосилаи танфисро тағйир дода мазмунҳои гуногунро

ифода кардан мумкин аст:

Бо тақтеи таркиби мухотаб:

Рафиқ, Насим Бозидов донишгоҳро хатм кард;

Рафиқ Насим, Бозидов донишгоҳро хатм кард;

Рафиқ Насим Бозидов, донишгоҳро хатм кард;

б) Бо тақтеи сухани ровӣ ва нутқи нақлшуда:

Рафиқ: “Насим Бозидов донишгоҳро…”;

Рафиқ Насим: “ Бозидов донишгоҳро ...”;

Рафиқ Насим Бозидов: “донишгоҳро…”

в) бо тақтеи аъзоҳои ҷумлан содда ё компонентҳои ҷумлаи мураккаб:

Баъд аз омадан аз мактаб гап сар кард:

Баъд аз омадан аз мактаб гап сар кард;

Ду рӯз боз кор мекунад;

Ду рӯз боз кор мекунад;

Оҳиста хонад, ҳам беғалат мехонад, ҳам хуб мефаҳмад;

Оҳиста хонад ҳам, беғалат мехонад…;

Монанди мисолҳои дар боло овардашуда ба байти зерин эътибор диҳем, маълум мегардад, ки такрори ҳамсадоҳои “д” ва “з” таносуби ҳодисаҳои “б-п” ва “з-с” ба озоду равон талаффуз шудани калимаҳои як ҳиссаи мисраи дуюм (дузд зар боз пас) монеъ мегардад:

Гар тазаррӯъ кунию гар фарёд,
Дузд зар боз пас нахоҳад дод.

Ҳамин тавр, риояи меъёри овозшиносӣ барои саҳеҳу равшан ифода кардани матлаби гӯянда мусоидат менамояд.

**Хусусиятҳои луғавии калима ва ҳусни баён.** Дақиқу равшан, дурусту равон ва саҳеҳу беғалат ифода кардани фикр ба интихоб ва мавриди истифодаи калимаҳо, риояи таносуби маънои воҳидҳои луғавӣ ва тобиши маънои онҳо сахт вобаста аст. Ғалат ва хато кор фармуда шудани калима (хоҳ услубию хоҳ ғайриуслубӣ) бо сареҳ ифода шудани

фикр монеъ мегардад.

Аз ҳамин нуқтаи назар аст, ки маданияти сухан ифодаи дурусти воҳидҳои луғавиро мепазирад. Ҳамаи унсурҳои луғавиро дуруст ва бамаврид интихобу сара карда, истифода кардан зарур аст. Баръакси ҳол аз диди ҳусни баён камбудиҳо падид омаданашон мумкин аст. Ин гуна нуқсонҳоро ба **ду гуруҳ** ҷудо кардан мумкин аст:




1. **Дар натиҷаи ба назар нагирифтани маънои калимаҳо**. Ин гуна нуқсон ва камбудиҳо аз камбағалии захираи луғавии мутакаллим ва мукаммал надонистани маънои калимаҳо сар мезананд. Масалан, дар ҷумлаи, “Мардуми аз дуру наздик омада ба зиёрати мазор ҳар гуна ғаниматҳо меоваранд”, калимаи “ғанимат” ба маънои нарзу ниёз кор фармуда шудааст, ки дуруст нест. Калимаи “ғанимат” маънои нақдина, пулу мол дорад, вале он чунинпулу мол аст, ки бо зӯриситонда шуда бошад ё нақдинаест, ки беранҷ ба даст ояд.

2. **Маънои луғатро надониста кор фармудан**. Ин тарзи рӯх додани нуқсонҳо бештар дар он ҳолат рӯй медиҳад, ки калима аз забони дигар тарҷума шавад ва маънои он на ба ҳама маълум бошад. Масалан, дар забони руси калимаи “долг” ба ду маънӣ меояд: 1) вазифа, 2) қарз. Дар ин бобат тарҷумонҳо бо маънои дуюми ин калима иборабандӣ кардаанд: қарзи шаҳрвандӣ, қарзи инсонӣ... Мудофаи Ватан қарзи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст. Маълум аст, ки “мудофаи Ватан” қарз нест (маънои дуюми калимаи“долг”). Мудофаи Ватан вазифаи ҳар як шаҳрванд

аст (мудофаи Ватан вазифа аст (маънои якуми “долг”).

Дар маводи хаттии забони адабии тоҷикӣ баъзан нобаҷову бемаврид кор фармуда шудани воҳидҳои луғавӣ ба чашм мерасад. Айнан, ин гуна хатоҳо вақтҳои охир дар китобҳои дарсӣ низ ба назар мерасанд. Зарур аст, ки таъҷилӣ пеши ин гуна нуқсонҳо гирифта шавад. Масалан, ҷумлаи “ ... ба ҳар кадомаш мувофиқи кирдорашон чораи сазовор дода мешуд” (Б. Азизӣ, “Ҳикояҳо”) мантиқан дуруст нест, зеро ки ба касе барои рафтори муносибаш “чора мебинанд”, на чора медиҳанд. Мисли ҳамин, дар ҷумлаи “Қаблан тахтаи фахрӣ буд, баъдтар онро ба тахтаи эълонҳо иваз карданд” истифодаи нобаҷои ибораи “иваз кардан” ба назар мерасад, чун ки вай ба ҷойи ибораи “табдил додан” кор фармуда шудааст (маълум аст, ки ҳамон тахтаи фахриро баъдтар ба тахтаи эълонҳо табдил додаанд).

Бояд гуфт, ки дар забони мо калимаҳое мавҷуданд, ки таркиби овозиашон ба якдигар наздик аст ё ҳангоми талаффуз монанд мешаванд. Ҳангоми ифодаи фикр ба ҷойи якдигар кор фармуда шудани онҳо, яъне калимаҳои ҳамрешаи гуногунмаъно (паронимҳо) ба чашм мерасад, ки дуруст нест, чунки ин маънӣ боиси носаҳеҳ ва тира ифода гаштани матлаб мешавад. Масалан, дар ҷумлаи поёнӣ ба ҷойи феъли “сарф кардан”, “сарфа кардан” навишта шудааст, ки мантиқан ғалат мебошад: Баъд аз вафоти падар аҳли оила мероси аз ӯ боқимондаро сарфа карданд.

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки кор фармуда шудани калимаҳои шевагӣ, калимаҳои кӯҳна, калимаю ифодаҳои бегона, ки истифодаашон мувофиқи талаби меъёри забони адаби номатлубанд, боиси ба миён омадани ғалати луғат ва норавшан ифода ёфтани фикр мегардад. Масалан: Шоқосим рӯйи қолинчаи мо ёнбош карда буд. ... сарашро сила карда аз пешонааш мучӣ кард.

Чаппасар гаштам аз акси газиҳ,
Баъди даҳ хез карданаш дарёб.

Дар ҳақиқат, феълҳои “ёнбош кардан”, “мучӣ кардан”, “чаппасар гаштан” хоси лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ буда, муродифҳои адабӣ доранд: паҳлӯ задан, бӯса кардан, баргаштан.

Ҳамин тавр, ҳусни баён талаб мекунад, ки ҳангоми ифодаи фикр калимаи матлубро интихоб намудан, маънои воҳидҳои луғавиро дониста кор фармудан ва тобишҳои маъноии онҳоро дар мадди назар доштан зарур аст.

**Савол ва супоришҳо:**

1. Кадом омилҳо боиси пайдо шудани ғалатҳо мегарданд?
2. Кадом ғалатҳои талаффузи овозро медонед?
3. Сиҳатии калом чиҳоро талаб мекунад?
4. Оҳанг дар сиҳатии калом чӣ гуна рол мебозад?
5. Ду гурӯҳи хусусияти луғавиро дар ҳусни баён шарҳ диҳед.

## Мавзӯҳои 4-5. Меъёри калимасозӣ ва морфологӣ

**Нақша:**

1.Калимасозӣ – воситаи бойшавии таркиби луғавӣ;

2.Бо исми амал омадани ҷузъҳои номатлуб;

3.Воситаҳои истифода шудани категорияҳои номуайянӣ дар исм;

4.Меъёри корбурди дараҷаҳои сифат;

5.Меъёри истифодаи ҷонишинҳо;

**Калидвожаҳо:** *вандҳо, таассуб, такаллуф, истилоҳ, табаррук, ҷамъ-ул-ҷамъ, сафеди сафед, ашроф.*

Дар забони ададбии тоҷиккалимаҳо қолибҳоеанд, ки барои ифодаи маъниҳо истифода мешаванд. Азбаски маъниҳо (мафҳумҳо) назар ба миқдори калимаҳо зиёданд, барои пайдоиши калимаҳои нав эҳтиёҷҳо пайдо мешаванд. Маҳз забон бо мақсади таъмини эҳтиёҷи ба ифодаи маъниҳо доштааш ба калимасозӣ оғоз мекунад. Яъне дар забон калимаҳои нав ба нав пайдо мешаванд. Ин маънӣ мувофиқи қонун ва қоидаҳои дохилии забон ба даст меояд.

Калимасозӣ воситаи асосии бойшавии таркиби луғавии забон мебошад. Калимаҳои наве, ки дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ, хоҷагӣ, инкишофу илму маданият ва монанди онҳо пайдо шудаанд, бо роҳи калимасозӣ сурат мегиранд.

Тарз ва роҳҳои калимасозӣ бошад, ҳанӯз аз дарсҳои дастурҳои таълимӣ ба мо шинос мебошад. Аз ин рӯ, хуб медонем, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик тарз ва усулҳои гуногуни калимасозӣ ба назар мерасад. Тарзу усулҳои калимасозӣ дар давоми солҳо такмил ва инкишоф меёбад. Ҳар як усули калимасозӣ дар замони пайдоиш барои пурра кардани таркиби луғавӣ ба мақсади таъмини эҳтиёҷи ба калимаҳои нав доштаи забон ба вуҷуд меояд,

бинобар ин дорои аҳамияти хосса мебошад.

Дар забони тоҷикӣ, асосан калимаҳои нав бо усулҳои калимасозии сарфӣ, сарфию наҳвӣ, луғавию наҳвӣ ва луғавию маъноӣ сохта мешаванд. Маъмулан, дар байни усулҳои калимасозии забони тоҷикӣ усули сарфии калимасози сермаҳсул аст. Усули сарфии калимасозӣ бо воситаи вандҳо сохта шудани калимаҳоро дар бар мегирад.

Аз ҳамин нуқтаи назар, дар усули сарфии калимасозии вандӣ дар натиҷаи ба созаи маънодор ҳамроҳ шудани вандҳои калимасоз калимаи нав сохта мешавад. Дар забони тоҷики пасванду пешвандҳои калимасози зиёде вуҷуд доранд, ки ҳар кадоми онҳо дорои вазифаи муайян мебошанд.

Маъмулан, ба воситаи пасванди **-ӣ** дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳам исмҳои гуногун (даштӣ, кӯҳӣ, шоҳӣ, сӯзанӣ, сабзӣ, сиёҳӣ, шаҳрӣ, кабудӣ…) ва ҳам сифатҳои нисбӣ аз қабили мурғи даштӣ, либоси аскарӣ, меҳнати дастӣ, рӯзномаи деворӣ, шоири самарқандӣ, хубони тошкандӣ, кишти тирамоҳӣ ва монанди инҳо сохта мешавад.

Аз ин рӯ, яке аз шартҳои асосии маданияти сухан аз унсурҳои зиёдативу нодаркор холӣ будани калима мебошад. Вале бидуни риояи ин шароит дар баъзе ҳолатҳо сӯйистеъмол шудани пасванди -ӣ мушоҳида мешавад.

Ба талабот ва қонуни забони адабӣ боэътибор будан, нишонаи боэътимоди маданияти сухан мебошад. Баъзан дар ҳолатҳое, ки матлабро бо худи исм ифода кардан мумкин аст, ба исм пасванди "**–ӣ**"-ро бемаврид илова карда, ибораҳои нодуруст ва гӯшхарош сохтаанд. Чунончи, ибораҳои "маҳфили адабӣ", "беморхонаи қишлоқӣ", "кинотеатрҳои шаҳрӣ", "интизоми меҳнатӣ", "митинги мотамӣ", "комиссияи тафтишотӣ", "дарси такрорӣ" аз ҳамин қабиланд. Ҳол он ки ба ҷойи онҳо маҳфили адаб, беморхонаи қишлоқ, кинотеатрҳои шаҳр, интизоми меҳнат, митинги мотам, комиссияи тафтишот, дарси

такрор гуфтан, яъне матлабро на бо сифати нисби, балки бо худи исм ифода намудан мувофиқи мақсад аст.

Мисли ҳамин, ҳоло бо ҷойи “тамошобин” калимаҳои “тамошогар” ва “тамошочӣ”-ро истифода мебаранд, ки ба назар бисёр ҳам аҷибу ғариб менамоянд. Пайдост, ки пасвандҳои -гар, -чӣ ба исмҳо пайваст шуда, амалиёт, машғулият ва хусусиятро ифода менамояд, бинобар ин ба калимаҳои фавқуззикр эътироз кардан лозим нест. Вале, дар ҷумлаи “Ҳисси интиқомгирӣ дар дили вай аланга мегирифт” калимаи “интиқомгирӣ” гӯшнавоз нест, зеро ки худи калима “интиқом” бе ҷузъи гирӣ матлаби гӯяндаро ифода мекунад: Ҳисси интиқом дар дили вай аланга мегирифт.

Яке аз сабаби асосии пайдо шудани ин гуна исмҳои мураккаб бо исми амал сохтани калимаҳои мураккаб аст. Масалан, калимаи “истифода” исми амал аст, яъне маънои “истифода” фоида бурдан мебошад. Аз ин рӯ, ба вай ҷузъи “бар” илова карда, тавассути пасванди -ӣ калимаи мураккаби “истифодабарӣ” сохтан ҷоиз нест. Ба ҷойи “Кӯпрук аз истифодабарӣ баромад”, “Кӯпрук аз истифода баромад” гуфтан мувофиқи талаби ҳусни баён аст.

Дар солҳои охир, ҳатто баъзан дар китобҳои дарсӣ низ ба назар мерасад, ки ба исми амал илова кардани ҷузъҳои **-кунӣ**, **-ёбӣ, -шавӣ, -диҳӣ** ҳам барои ифодаи саҳеҳи матлаб зарурате надорад. Мулоҳиза кунед: ташаккулёбии адабиёти тоҷик - ташаккули адабиёти тоҷик, ташаккулёбии ҷаҳонбинии нависанда - ташаккули ҷаҳонбинии нависанда, табассумкунии кӯдак - табассуми кӯдак, харидкунии ғалла - хариди ғалла, таълимдиҳии омӯзгор таълими омӯзгор; обнашавӣ - об нашудан, ҳозирнашавӣ – ҳозир нашудан ва монанди инҳо.

Калимаҳои аслан арабие, ки дар вазнҳои тафъил ва тафаъул омадаанд, дар забони тоҷикӣ исмҳои амаланд: таҷдид, ташкил, таъсис, такмил, тафтиш, таълим, табассум,

танаффур, тафаккур, табаррук, таассуб, таҷассум, такаббур, такаллуф ва монанди инҳо. Бо ин гуна калимаҳо сохтани калимаҳои мураккаб аз қабили такмилдиҳӣ, тафтишкунӣ, тадбирбинӣ, табассумкунӣ, табаррукдонӣ, таҷассумдиҳӣ эҳтиёҷе нест.




Дар матбуоти даврӣ ва ҳатто баъзан дар китобҳои дарсӣ бо ҷузъҳои “ангез”, “карда” ва “омез” истилоҳҳои вазнину носуфта ва дароз месозанд, ки қубҳи ҳусни баён аст. Истилоҳҳои “барангезанда”, “координатаи ҷамъбаст кардашуда”, “формулаи умумӣ кардашуда” аз ҳамин қабилҳо мебошанд. Ба гумони мо ба ҷойи «барангезанда» ангеза гуфтан беҳтар аст. Дар ин ҳол маъно дигар намешавад, вале истилоҳ (калима) сабуктару хушоҳангтар ва кӯтоҳтару суфтатар мегардад. Мисли ҳамин, дар ибораҳои “координатаи ҷамъбаст кардашуда” ва “формулаи умумӣ кардашуда” феъли ёрирасони “кардан” дар шакли “карда” барзиёд ва нобарҷо кор фармуда шудааст, ки аз ин ибораҳо дарозу вазнин шудаанд. Ибораҳои мазкурро дар шакли “координатаи ҷамъбастшуда”, “формулаи умумишуда” истифода кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр, на танҳо дар истифодаи воҳидҳои луғавӣ, балки дар кор фармудани соза (аффикс)-ҳои гуногун низ ба меъёри забони адаби риоя кардан, талаботи ҳусни баёнро дар мадди назар доштан зарур аст.

Дар адабиёти соҳаи забоншиносӣ мазкур аст, ки ифодаи категорияи номуайянии исм ҳоло бо чунин воситаҳо истифода мешаванд: **-е (э), як, ягон, ким-кадом, ҳеҷ**. Дар байни онҳо **-е (э) ва як** серистеъмолтар аст, воситаҳои дигар камтар дучор мешаванд. Ғайр аз ин -е (э) дорои хусусияти услуби китобӣ мебошад, аммо як услубан мӯътадил буда, бештар ба услуби гуфтугӯӣ майл дорад. Дар забони адабии классикӣ воситаи ягонаи ифодаи номуайянӣ -е (э) будааст. Классикони адабиётамон "як"-ро қариб истифода накардаанд.

Ҳангоми дар ифодаи як вазифа мавҷуд будани чанд воситаи грамматикӣ ҳатман масъалаи интихоб пеш меояд. Аз ин нуқтаи назар, **-е (э), як, ягон** дар фанни забон умумиистеъмолӣ ба шумор меравaнд, онҳо фақат аз нуқтаи назари таносуби услубӣ фарқ мекунанд. Ифодаи "**Ким-кадом**" махсуси нутқи гуфтугӯӣ мебошад. Алҳол, мавриди истифодаи ин ифода рӯз то рӯз маҳдуд шуда истодааст. Ҳоло гоҳо бо як исм омадани як воситаи грамматикӣ дучор мешавад. Масалан:

Чида гулдастае аз гули садбарг,
Ёд мекард як ҷавонеро

***(С.Айнӣ)***

Мадрасаи Бадалбек дар як баландие воқеъ буд.

Яъне, ҳамин гапро дар хусуси воситаҳои дигар гуфтан мумкин аст. Чунончи:

Кадом як кас аз тиреза нигоҳ кард.
Ягон як сабабе будагист.

Дар ин гуна ҳолатҳо яке аз воситаҳо хусусияти услубӣ пайдо карда, маънои номуайянеро таъкид мекунад. Калимаи "ким" аз забони ӯзбекӣ ба тоҷикӣ гузаштааст ва ҳоло махсуси нутқи гуфтугӯӣ мебошад.

М: Дирӯз аз райони Исфара як колхозчӣ ким-кадом як касеро ёфта ба колхози мо омадааст. Маълум аст, ки дар ин мавридд 3 восита, балки 4 восита ким-кадом, як, -е ба як вазифа омадаанд ва ҳол он, ки матлабро бо яке аз онҳо ифода намудан мумкин, балки зарур аст.

Олимон нишон доданд, ки дар забони мо 2 воситаи ҷамъбандӣ мавҷуд аст:

1. -он (-гон, -вон, -ён),

2. -ҳо.

Дар асоси маводи адабиёти классикӣ "он" бештар бо исмҳои ҷондор, "ҳо" асосан бо исмҳои беҷон кор фармуда мешуд. Баъд аз Инқилоб бо таъсири ҷараёни демократӣ кардани забони адабӣ камистеъмолтар, баъдтар серистеъмолтар шуда хусусияти универсалӣ касб кард, яъне ҳам бо исмҳои ҷондор ва ҳам бо исмҳои беҷон мавриди истифода қарор гирифт. Тадқиқи асарҳои муаллифони гуногунуслуб барои ин фикр маводҳои гуногун мебошад.

Барои мисол «Марги судхӯр»-и С.Айнӣ ва «Одамони ҷовид»ро мегирем. Муҳаққиқи забон ва сабки «Марги судхӯр» Н. Маъсумӣ дар бораи таносуби корбасти часпакҳои -ҳо ва -он дар ин асар ба чунин хулоса омадааст:

"Дар забони асарҳои Айнӣ аз ҷумла, «Марги судхӯр» на танҳо дар забони тасвиркунии муаллиф, балки дар сухани ҳамагуна персонажҳои асар кор фармуда шудани суффикси -он (-гон, -ён); -ҳо фарқест, ки дар баъзе нависандагони дигар камтар мушоҳида карда мешавад. Зиёда аз ин суффикси -он (-гон, -ён) дар забони Айнӣ дар мавриди худ афзалият дорад».

Аммо баръакси ин дар «Одамони ҷовид» пасванди -ҳо бо исмҳои ҷондор назар ба -о зиёдтар истифода шудааст. Вай дар қисми якуми роман 70-80%, дар қисми дуюми он 70-75%-ро ташкил мекунад. Солҳои охир, яъне аз солҳои 70-ум сар карда ба тамоюли забони адабии имрӯза ба асарҳои забони классикӣ истифодаи пасванди -он бо

исмҳои ҷондор, ҳамчунин бо баъзе аз исмҳои беҷон аз нав қувват гирифт. Дар натиҷа доираи истифодаи -он як дараҷа маҳдуд шуд.

Дар романи Сотим Улуғзода «Фирдавсӣ», ки соли 1988 нашр шудааст, дар 5 саҳифаи аввал 33 исм бо часпаки (исм) –он воқеъ гаштааст, ки аз он 31 тоаш исмҳои ҷондор ва фақат 2 тоаш беҷон мебошад.

Шоирон, озодон, асилзодагон, рӯзгорон, суханон. Ҳодисаи мазкур, яъне серистеъмол шудани часпаки -он имрӯз дар забони матбуот низ мушоҳида мешавад.

Раванди демократикунонии забони адабӣ ба масъалаи ҷамъбандии исмҳо бетаъсир намонд. Аз солҳои 20-ум вобаста ба демократӣ намудани забон ба ҷои ҷамъбандиҳои арабӣ ба кор бурдани ҷамъбандиҳои худӣ беш аз пеш вусъат гирифт. Нахустин маҷаллаи тоҷикӣ «Шӯълаи инқилоб» дар яке аз аввалин шумораҳои худ ба мухбиронаш муроҷиат намуда талаб намуд, ки аз корбасти аломатҳои ҷамъбандии арабӣ худдорӣ намоянд, яъне ба ҷои ҳозирин - ҳозирон, навиштаҷот – навиштаҳо, макотиб–мактабҳо, шуаро–шоирон истифода намоянд.

Дар солҳои 30-70-ум истифодаи тарзи ҷамъабандии арабӣ маҳдуд шуд, аммо аз охири солҳои 70-ум, алалхусус, дар даҳаи 80-90 дараҷаи истифодаи воситаҳои ҷамъбандии арабӣ дигарбора афзуд, ки 2 сабаб дошт:

1. Талаби тамоюли наздик овардани забони адабӣ ба забони классикӣ.

2. Таъсири забони форси Эрон.

Баъзе чунин фикрро ҳам талқин карданд, ки тарзи ҷамъбандии арабӣ боиси ихтисори сухан мегардад.
Дар асл чунин нест. Масалан, дар ҷамъбандии шикаста 1 овоз ихтисор шавад, дар ҷамъбандии солим ихтисор намешавад.

5 ҳарф    6 ҳарф

Шуаро – шоирон

Муаллимон – муаллимин.

Вобаста ба масъалаи меъёри корбурди воситаҳои ҷамъбандӣ ба масъалаи ҷамъи дукарата ё ҷамъ-ул-ҷамъ таваққуф кардан лозим мебошад. Тарзи ҷамъ-ул-ҷамъ аз асрҳои X сар карда роҳ ёфтааст.

Манучеҳрӣ – манозилҳо ва Туғрал – асрорҳо барин калимаҳоро ба тарзи дукарата ҷамъ кардааст.

Биёбон дарнаварду кӯҳ бигзор,
Манозилҳо бипӯю роҳ биксил.

***(Манучеҳрӣ)***

Ҳал нагардад уқтаи ин муаммо дар дилат,
Дар савоби зулфи ӯ бошад басе асрорҳо.

***(Туғрал)***

Баъзе аз аҳли тадқиқ муайян кардааст, ки бештар аз 50 калима, ки шакли ҷамъи мукассар ва солим дорад, бо суффикси -ҳо ва -он ба сурати ҷамъ-ул-ҷамъ истифода мешуданд.

Шароитҳо (шарита–шароит)
Усулҳо (асл–усул)
Кашфиётҳо (кашф–кашфиёт)
Ашрафон (шариф–ашроф)

Солҳои охир як даста аз олимон ба ин масъала диққат ҷамъ карданд ва ба ин хулоса омаданд, ки ин усули ҷамъбандии исмҳо раво нест, чунки ҷамъбандии дубора на фақат ба калима вазнинӣ меорад, балки нишон медиҳад, ки ба коре, ки лозим нест, даст мезанем, ба дӯши сухан як бори нодаркор мегузорем.

**Меъёри корбурди дараҷаҳои сифат**

Профессор В. Растаргуева 2 қаринаи ифодаи дараҷаи сифатро муайян кардаанд:

а) қаринае, ки аз дараҷаи оддӣ ба воситаи пасчаспаки -тарин сохта мешаванд;

б) қаринаи тасвирӣ, ки бо таркиби "аз ҳама" ташкил мешаванд.

Ин қарина 2 хел мешавад: дар яке сифат ба дараҷаи қиёсӣ воқеъ мегардад, аз ҳама нағзтар. Дар дигаре сифат ба сурати дараҷаи оддӣ меояд.

Ш.Ниёзӣ, ки дар бораи исм ва сифат рисолаи номзадӣ навишта буд, низ 2 қаринаи мазкури дараҷаи олии сифатро нишон дод. Андак фарқ дар ақидаи назар ба ақидаи профессор В. Растаргуева дар он ба назар мерасад, ки вай қариани тасвириро на дар ду шакл, балки дар 3 шакл баён кардааст. Назар ба ақидаи ин олим ин 3 қарина ба замми 2 шакли мазкур шаклеро дар бар мегирад, ки дар он сифат ба сурати дараҷаи олӣ вақеъ мегардад. М: Аз ҳама муҳимтарин.

Қайд кардан лозим аст, ки маҳз ҳамин шаклро умумӣ ба қалам дода, ду шакли дигарро ғайриасосиро, бо тасвири ӯ гоҳо истифодашаванда маънидод кардааст. Дар нашри дигари китоби дарсии «Грамматикаи забони тоҷикӣ», ки бобби сифат дар он аз тарафи доц.Бозидов навишта шудааст, асосан, ин фикр тасдиқ шудааст. Дар баробари ҳамин ин муаллиф дар бораи дараҷаи олӣ баъзе фикрҳои дигар ҳам изҳор кардааст.

1. Мувофиқи нишондоди ӯ ҳар намуде, ки бо таркиби «аз ҳама» сурат шуда дар доираи меъёр маънидод шудааст, яъне Бозидов низ дар ин бобат бо Ш.Ниёзов ҳамфикр аст.

2.Шакли дигари дараҷаи олӣ мувофиқи ақидаи ин олим воситаи дигаре ҳам дорад, ки бо ёрии ба дараҷаи оддӣ илова намудани зарфҳои дараҷа бисёр, хеле, ниҳоят, бағоят, аз ҳад зиёд, аз андоза ба вуҷуд меояд. Ва ҳол он ки ин калимаҳои зарф буда, ифодаи дараҷа ба воситаи онҳо дар ибораҳо воқеъ мегардад. Агар аз нуқтаи назари меъёр гап занем, меъёри умумӣ дар бораи дараҷаи олии сифат ҳамон шаклист, ки проф.Растаргуева гуфтааст. Инро ҳам бояд гуфт, ки шаклҳои ифодагари дараҷаи олӣ (тарин, аз

ҳама) аз бобати дараҷаи истифода услубан фарқ мекунад. Агар -тарин бештар махсуси услуби китобӣ бошад, «аз ҳама» зиёдтар ба услуби гуфтугӯӣ мансуб аст. Дар забони тоҷикӣ шакли таъдикии сифат одатан ба 2 тарз ифода мегардад:

1.Ба воситаи такрории калимаҳо: калон-калон, дароз-дароз, сафед-сафед. Капа-калон, дапа-дароз, сап-сафед.

2.Такрори калима бо воситаи изофа: зарди зард, сабзи сабз, баланди баланд. Шаклҳои мазкур низ аз ҷиҳати таносуби услуб аз ҳамдигар фарқ доранд. Шакли сап-сафед ё сафед-сафед махсуси нутқи гуфтугӯист, аммо шакли сафеди сафед ба услуби китобӣ хос аст.

Шакле, ки ба воситаи изофат аз такрории калимаҳо сохта мешаванд, дар китобҳои дарсӣ дарҷ наёфтааст ва ҳол он, ки ин шакли дар осори классикӣ дучор меояд, дар лаҳҷаҳо ҳам зинда аст ва баъзе аз адибонамон дар асарҳои худ ба кор бурдаанд. Чунончи: Баъди борон ҳаво тозаи тоза буд.

**Меъёри истифодаи ҷонишинҳо**

Дар забони адабии мо дар боби ҷонишинҳо низ қарина дида мешавад, ки муҳимтарини онҳоро ба ин тарз нишон додан мумкин аст:

1.Дар шакли ҷамъ-ул-ҷамъ истифода шудани ҷонишинҳои шахси дуюм ва якум: мо-моён, шумо-шумоён. Мисол: а) Моёнро мудири мактаб ва муаллимон пешвоз гирифтанд. б) Шумоҳо бологарав монетон (С.Айнӣ).

Бояд гуфт, ки дар мисолҳои поён часпакҳои “-ҳо” ва “-ён”-ро фурӯгузор кардан мумкин аст, аз ин маънӣ халал намебинад. Аммо дар шакли “шумоён” андак фарқи услубӣ ҳаст. Азбаски ҷонишини “шумо” ҳам ба маънои ҷамъ ва ҳам ба маънои эҳтиром нисбат ба шахси 2-юми танҳо истифода мешавад. Равшантар ифода намудани маънӣ, гоҳо баёни мақсади ҷамъ ба сурати ҷамъ-ул-ҷамъ: шумо-шумоён истифода намудани ин шакл чандон аз меъёр берун нест.

2.Ҷонишинҳои пайваста. Ин ҷонишинҳо 3 вазифа доранд:

а) соҳибиятро мефаҳмонанд;

Китобам – китобат – китобаш.

б) Ифодаи пуркунандаи бевосита хизмат мекунад;

Донишҷӯён саволборонаш карданд. (ӯро)

в) Пуркунандаи бавоситаро ифода мекунад;

Гуфтамат, гуфтамаш.

Профессор В.Растаргуева соли 1964 гуфта буд, ки аз се вазифаи мазкури ҷонишинҳои пайваста фақат якумаш боқӣ монда, ду вазифаи дигараш аз байн растааст. Аз нуқтаи назари меъёри адабии солҳои 60 ду вазифаи дигари ҷонишинҳои мазкур низ серистеъмол шуд, ки ду сабаб дорад:

1.Таъсири забони классикӣ.

2.Таъсири лаҳҷаҳои саргаҳи Зарафшон ва лаҳҷаҳои ҷанубӣ, ҷанубӣ-шарқӣ. Чунончи: Бо ин ҳама сафформю даррандагии ӯ занҳо ошиқаш мешуданд (С.Улуғзода).

Вай шахсеро мемонд, ки дар болои дуздӣ ё гуноҳи сахти дигаре, дастгираш кардаанд (С.Турсун).

Инро ҳам таъкид кардан лозим аст, ки баъзан бинобар надонистани ҳодисаи мазкур баъзе нависандагон ин қоидаро вайрон мекунанд: Ӯро гӯраш карданд (Р.Ҷалил).

3.Ҷонишини "эшон" ва қаринаҳои он. Ин ҷонишин дар осори классикӣ ба маънои "онҳо" бисёр истифода мешавад. Дар аввали инқилоб ҳам Айнӣ ва нависандагони дгар ҳам ба ин маънӣ истифода кардаанд. Аммо дар солҳои оддинигорӣ ин ҷонишин аз истеъмол берун шуд, фақат аз солҳои 60-ум серистеъмол шуд. Ҳоло вай ба ду маънӣ истифода мешавад:

а) Ба маънои шахси сеюми ҷамъ, "онҳо";

б) Эҳтиром ба ивази ҷонишини таркибии "ин кас";

4. Ҷонишини "ҳамагон". Ин ҷонишин қаринаи ҷонишини "ҳама" ба шумор меравад, яъне ин ҷо низ

ҳодисаи ҷамъи дукарата дида мешавад, чунки “ҳама” худ ҷамъ аст ва илова шудани пасчаспаки “-гон” ва он боиси ҷамъ дукарата мебошад. Аз  ин сабаб “ҳамагон”-ро фақат дар он сурат ба ҷои “ҳама” истифода кардан мушкил аст, ки ниҳояти зиёдатии предмет таъкид карда шавад.

**Қаринаҳо дар боби феъл**

Профессор В. Растаргуева дар бораи дигаргуниҳои системаи феъл дар забони адабии ҳозираи тоҷик сухан ронда, навишта буд, ки дар забони адабии имрӯзаи тоҷик пешванди «би» бо аорист ва сиғаи амрӣ истифода намешавад.

Аз ду пешванди ифодагари давомнокии амал (ҳаме-, ме-,) танҳо яктоаш “ме-,” боқӣ мондааст. Пешванди дуюм, яъне кондастам дар забони адабии ҳозираи тоҷик маълум нест. Чунин мулоҳиза аз нуқтаи назари меъёри солҳои 60-ум тамоман дуруст аст, аммо аз нуқтаи назари меъёри адабии имрӯза чандон дуруст нест.

Истифодаи пешванди шаклсози феъли “би” бо аорист, сиғаи амрӣ, замони гузашта, воқеан ҳам чандон ҷоиз набуд, аммо ҳоло ҳам дар услуби публисистӣ ва ҳам илмӣ дучор мешавад.

Шаклҳои феълӣ бо пешванди ҳаме-, ме-, (ёи ҳикоят) ва перфекти 2-юм бо шакли пурраи бандаки феълӣ то солҳои 60-ум пурра хусусияти архаистӣ дошта, чун меъёри кӯҳна гоҳ-гоҳ дар назм дучор мешавад.

Симҳоро аз канори он танидастем мо,
Нурбахшанда чароғонро кашидастем мо.
(***М.Турсунзода)***

Чунончи, дар ин сатрҳои повести Улуғзода “Ривояти суғдӣ”:

“Хотун ба ибораи соҳиби ахбор дар кори фикр кардӣ, ва амирро наҳм мерондӣ ва онро, ки хостӣ хисъат додӣ ва

онро, ки хостӣ уқубат кардӣ”. Кардӣ – мекард, мерондӣ – меронд, хостӣ – мехостӣ, додӣ- медод.

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки ҳам пешванди ҳаме- ва пасванди -ӣ солҳои охир андак ҷон гирифта, дар наср низ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ҳамегӯям, ки вай бар шумо.

***(С.Кенҷаев. Табаддулоти Тоҷикистон, китоби 1)***

Дарвоқеъ, агар маҳалгарой набудӣ … ин қадар касон иттифоқи нависандагон намешуданд.

***(Б.Фирӯз “Гиребони худро бӯй кунед”, соли 1992)***

Дигаргунӣ ва пешрафт дар системаи феъл фақат бо шаклу воситаҳои мазкур маҳдуд намешавад. Боз як қатор воситаҳое ҳастанд, ки робитаи ҳар ду хеле меъёр: меъёри кӯҳна ва навро дарбар мегиранд.

1.Феъли “боистам” - ин феъл дар осори классикӣ ҳам ба таври мустақил (дар шаклҳои тасрифӣ) ва ҳам ба сифатӣ феъли ёвар истеъмол меёфт. Мисол:

а) Мусаннифи ин китоб гӯяд, агар ҷумлаи уламои Бухороро зикр кунам, дафтарҳо бояд.

***“Таърихи Наршахӣ”***

б) Ба дасти хеш табоҳ мекунӣ сурати хеш
В-агарна сохтаандат чунонки мебоӣ

***(Камоли Исмоил)***

в) Дар он ишрат, ки аз ҳар чизу ҳар кас,
Намебоистам илло Юсуфи бас.

Ҳамчунин феъли “боистам” имрӯз ба сифати феъли асосӣ ниҳоят кам истифода мешавад, вале солҳои охир истифодаи он суръат гирифтааст.

Барои одамро шинохтан як худи фаросат кам аст, боз таҷрибаи зиндагӣ мебояд.

Феъли “будам” чунонки маълум аст, дар забони адабии ҳозира ғайр аз истеъмол ёфтанаш чун феъли

мустақил бо шаклҳои ҷамъ, гузашта (буд) ҳозира, оянда ва аорист (бошад) ба вазифаи бандаки хабарӣ низ истифода мешавад. Ба ин маънӣ қоидаи китоби дарсӣ комилан дуруст аст, ки дар он чунин навиштаанд:

“Шакли кӯҳнаи “бувад” (будан) дар назми ҳозираи тоҷик ҳамчун забони адабии пешина бо бандаки хабарии “аст” инчунин ба ҳамин маънӣ бо шаклҳои феълии “бошад”, “мебошад” ҳамвазифа аст. Аммо бандаки хабарии “аст” аҳён-аҳён дар назар мерасад”: Вай фақат намояндаи як миллати муаззам бувад.

Сифати феълӣ ду шакл дорад:

Бачаи омада; Бачаи омадагӣ

“Бачаи омада” - шакли классикӣ;

“Бачаи омадагӣ” - аз забони гуфтугӯӣ ба забони адабӣ дохил шудааст. Шакли дуюмаш оҳиста-оҳиста аз забони адабӣ баромада истодааст.

**Савол ва супоришҳо:**

Воситаҳои калимасозиро номбар кунед;

Исмҳо бо артикли -е чи гуна сохта мешаванд?

Меъёрҳо дар ҷонишинҳо чӣ гуна ифода меёбанд?

Сифат дорои чӣ хел меъёрҳо будааст?

Қаринаҳои феълро маънидод намоед.

## Мавзӯи 6. Меъёрҳои синтаксисӣ

**Нақша:**

1.Меъёрҳои сарфию наҳвии забон дар ҳусни баён;
2.Заминаи пайдоиши ғалатҳо:
3.Ғалатҳо дар мувофиқати саръазоҳои ҷумла;
4.Роҳҳои бартараф кардани унсурҳои ноустувор.

**Калидвожаҳо:** *дурушт, рӯзафзун, лол, карахт, ғайб, балоғат, ташбеҳ, костан, диёнат, футӯҳ.*

Маъмулан, яке аз шарт ва талаботи муҳими ҳусни баён риоя намудан ба қоидаҳои сарфию наҳвии забон мебошад. Ба мо маълум аст, ки ғалатҳо дастурӣ (сарфию наҳвӣ) ва услубӣ мешаванд.

Аз ҳамин сабаб ба ғалатҳои сарфӣ нуқсонҳои шаклӣ, саҳеҳ ифода наёфтани маъноҳои дастурӣ, вайрон шудани таносуби маъно бо шакл, номувофиқатии аъзоҳи ҷумла ва амсоли инҳо дохил мешаванд. Чунончи, дар ҷумлаи “Шоир бештар ғазалҳои ишқӣ нависондааст” ба ҷойи феъли бевосита (навиштааст) феъли бавосита (нависондааст) истифода шудааст, ки дуруст нест. Дар ҷумлаи “Хол бо воситаи китф ба шогирди кунҷков нигоҳе кард” ибораи “ба воситаи китф” ифодаи қабулшуда ва тоҷиконаи фикр нест, зеро ки тоҷикон ин тарзи ифодаи нигоҳро истифода набурдаанд. Ин маънӣ, бешубҳа, натиҷаи таъсири ибораи русӣ (через плечо) мебошад, инчунин дар забони тоҷикӣ дар ин гуна мавридҳо “ба қафо нигарист” мегӯянд: Хол ҳайрон шуда ба қафо нигарист.

Инчунин, дар ифодаи баъзе муносибатҳои дастурӣ пешояндҳо ихтисор шаванд ҳам, ба баёни матлаб осеб намерасад, вале баъзан ин гуна ихтисор боиси зуҳури ғалати услубӣ мегардад: ... писарча дорӣ, ӯро партофта рафтан дилат мешавад? (ба партофта рафтан). Масъаларо

ба фоидаи кӣ ҳал карданашро медонад.

Ҳамин тавр, дар мисоли аввал аз фурӯгузор шудани пешоянди “ба” ба маъно осеб нарасидааст. Аммо, дар мисоли дигар ба хатои дастурию услубӣ роҳ дода шудааст, бинобар ин ҷузъи тобеи ибораро дар алоқаи изофи пас аз масдар оварда, яке аз пасояндҳоро ихтисор кардан мумкин аст: Ба фоидаи кӣ ҳал кардани масъаларо медонад.

Ин гуна мисолҳо дар китобу дастурҳо, рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ хеле фаровон истифода шудаанд. Як миқдор ғалатҳо дар натиҷаи бепарвоӣ ва беэътибории соҳибони забон нисбат ба ифодаи фикр сар задаанд. Дар баъзе навиштаҳо ба ҷойи воҳидҳои луғавии ифодагари ашё, ҳодисаву воқеаҳо истифодаи шарҳи онҳо ба чашм мерасад. Ин гуна ифодаи маъни ҷумларо пурбор, ифодаро дурушт кардааст, ки аз он ҳусни баён коста гаштааст.




Бо мақсади исботи фикри боло, масалан, дар ҷумлаи “Талаботи рӯз то рӯз афзояндаи халқро таъмин мекунем”, ибораи “талаботи рӯз то рӯз афзояндаи халқ” аз ҳамин қабил ибораи гӯшхарошу пурбор аст. Дар ин ҷумла ба ҷойи “талаботи рӯз то рӯз афзояндаи халқ” ибораи “талаботи рӯзафзуни халқ”-ро оварда, “Талаботи рӯзафзуни халқро

таъмин мекунем” гуфтан кифоя аст.

Ин гуна ғалатҳо базан дар масъалаи мувофиқати хабар бо мубтадо низ мушоҳида мешаванд. Чунончи, дар ҷумлаи “Суҳбаташ ҳам асарҳояш барин пуртаъсиранд” дар байни мубтадо - сӯҳбат ва хабар - пуртаъсиранд мувофиқати шахс дида шавад ҳам, дар шумора таносуб вайрон шудааст.

Мусаллам аст, ки пурсиш дар ҷумлаҳои саволӣ бо роҳу воситаҳои гуногун (оҳанги гуфтор, ҷонишинҳои саволӣ, ҳиссачаҳои саволӣ ва монанди инҳо) ифода меёбад. Вобаста ба талаботи фикр гоҳо бо ду восита - оҳанги пурсиш ва ҳисачаҳои саволӣ ифода кардан мумкин аст. Вале, бо ҷонишинҳои саволӣ омадани ҳиссачаҳои саволӣ дар забони тоҷикӣ ҳодисаи маъмул нест. Ҳангоми зуҳури ин ҳодиса ифодаи муғлақ ба назар мерасад ва ҳусни баён халалдор мегардад: Оё саргузашти Зайнаб нозукниҳоли мо аз чӣ иборат аст?

Бояд гуфт, ки ҳангоми ҷумлаоройӣ ба тартиби калимаҳо риоя накардан низ ҳусни баён ноқис мегардонад. Масалан, дар ҷумлаи “Тарс забону ҳуш ва дасту пойи ӯро лолу карахт карда буд” калимаи “лол” танҳо нисбат ба забон истифода мешавад, зеро ҳуш ва дасту по лол намешавад. Ин ҷумларо ба тариқи зайл овардан лозим аст: Тарс забонашро лол, ҳуш ва дасту пойи ӯро карахт карда буд.

Дар натиҷаи ба қолибҳои сарфию наҳвии ифодаи фикр риоя накардан ғалатҳои дастурию услубӣ на танҳо дар матбуот, балки дар асарҳои беадию илмӣ низ ба чашм мерасанд:

- Хуш омадӣ, писарам, - гуфт ва маро ба пеши худ ҷой дода, як табақ палави оши ғайб доштааст, ки ба пеши ман гузошт. Тарзи дурусти ин ҷумла чунин аст:

—Хуш омадӣ, писарам, - гуфт ва маро ба пеши худ ҷой дода, як табақ палави оши ғайбро, ки доштааст, ба пеши ман гузошт.

Мо ҳарду ба ноҳияи Ашт рафтем, ки пешакӣ ба он ҷо хабар надода будам.

Ин ҷумларо ба тариқи зайл овардан мувофиқ аст: Мо, ҳарду пешакӣ хабар надода, ба ноҳияи Ашт рафтем.

Баъзе қолабҳои ҷумлаи содда, ки дар забони зинда мустаъмаланд, ба меъёри забони адабии гуфтугӯӣ (муошират) ва китобӣ мусоидат намекунанд, бинобар ин истифодаи онҳо боиси коҳиши ҳусни баён мегардад. Чунончи, ҷумлаи "Ман ба дарбон ҳеҷ чиздодагим не"-ро ин тавр бояд таҳрир кард: Ман ба дарбон ҳеҷ чиз надодаам.

Калимаву ибора ва ҷумлаҳое, ки аз ҷиҳати сохт ва ифодаи маънӣ нуқс доранд, гӯшхарош буда, истифодаи онҳо боиси костани ҳусни баён мегарданд. Шоире суханони аз балоғату фасоҳат холиро ба хору хас ташбеҳ карда мефармояд, ки онҳоро ба одамони кар гуфтан ҷоиз аст, на ба сомеъ:

Рӯйи дарёи суханро хору хас пӯшида буд,
Ин хасу хошокро ман бар карон андохтам.

Ҳар як забон таърихи ба худ хос дорад. Забони мардуми тоҷик дар тӯли садаҳои зиёди мавҷудиёташ аз ҷиҳати таркиби луғавию сохти грамматикӣ тағйироти зиёдро аз сар гузарондааст. Дар даврaҳои алоҳидаи таърихӣ воситаю унсурҳои ноустувор аз доираи умум истисно шуда, ба ҷои онҳо чузъҳо таркибу таъбирҳои умумиистеъмолӣ дохил шудаанд. Натиҷаи аз сар гузаронидани даврaҳои муайяни таърихист, ки забони миллии тоҷик аз забонҳои таркибан бою такмилёфта ва шинохташудаи ҷаҳон ба шумор меравад. Ин буд, ки алалхусус баъди Инқилоби Октябр қисмҳои гуногуни ин забон мавриди тадқиқи олимони шӯравию хориҷӣ қарор гирифт.

Холо оид ба ҳар як қисми забони миллии точик асарҳои гаронбаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба табъ расидаанд ва чунин тадқиқот идома дорад.

Бинобар он ки дар мавзӯи меъёрҳои наҳвӣ бевосита дар бораи тарзҳои дуруст истифода шудани ибораву

ҷумлаҳо сухан меравад, аз ин рӯ зарур донистем, ки дар бораи ибора, ҷумла, таркибҳои алоҳида ва роҳҳои сохташавии онҳо андаке ист карда гузарем.

Бисёр мавридҳо шудааст, ки мо дар маводи китобӣ дарсӣ ё мақолоти матбуоти даврӣ бо ибора ва ҷумлаҳое вохӯрдаем, ки онҳо ҳам аз ҷиҳати талаби меъёри забони адабӣ хато мебошанд ва ҳам дар тарзи талаффуз ва ифода ноқисиҳояшон бараъло ба маълум мешаванд. Масалан, ибораҳои "нуқли наво", "истеъдодҳои халқӣ", "нархи наво", "устои таъмири соат", боғи ҳайвонот", "Ӯ асар навишт" ва ғайра. Зарур аст, ки дар вақти тартиб додани ибора ва ҷумлаҳо ба қаринаи дурусти онҳо эътибор дода шавад. Фаразан, онҳоро "нуқлу наво", "соҳибистеъдодҳои халқӣ", "нарху наво", "устои соатсоз", "аҷоибхона ё ҳайвонотхона", "Ӯ асари худро навишт" навистан ва ифода кардан хубтар аст.

Мисли ҳамин дар ҷумлаҳои "Ҳар ҷо ки наравам, туро мебинам", "Дар вилояти Навоӣ сел борид", "Аз дину диёнат футӯҳ рафтааст", ки дар маводи адабиёти мо ҷой доранд, ғалатҳои равонӣ ва услубиро ба осонӣ фаҳм кардан мумкин аст, ки мебояд ба тарзҳои "Ҳар ҷо ки равам, туро мебинам", "Дар вилояти Навоӣ борон борид", "Аз дину диёнат шукӯҳ рафтааст" оварда мешуданд. Ин гуна айбу нуқсонҳо солҳои охир боз ҳам зиёдтар гашта истодаанд. Сабаби он ба гумони мо бештар беэътибории эҷодкорон нисбат ба талаботи меёрию дастурии забон мебошад.

**Савол ва супоришҳо:**

Сабаби пайдо шудани ғалатҳо дар меъёри наҳвӣ дар чист?

Шартҳои муҳими риояи ҳусни баёнро гуфта диҳед.

Меъёрҳои наҳвӣ кадом унсурҳои забонро фаро мегирад?

Ибора ва ҷумлаҳои ғалатро аз адабиётҳои дастурӣ ёфта қаринаи дурусти онҳоро нишон диҳед.

## Мавзӯи 7. Равшании нутқ. Кӯтоҳии нутқ

**Нақша:**

1.Вобастагии салосати калима дар маданияти нутқ;
2.Ҳамнишинии овозҳо боиси душвории ҳусни баён;
3.Бо садонокҳои муштарак оғоз ёфтани калимаҳо;
4.Фаъолияти узвҳои нутқ дар салосати калимаҳо.

**Калдивожаҳо:** *мутаносибӣ, сақолат, эҳтироз, компонент, таносуб, морфема, ассонанс, аллитератсия, мувозана, тембр.*

Дар ҳусни баён салосати калима ба таркибҳои овозӣ, мутаносибияти байни садоноку ҳамсадоҳо, ҳамнишинии овозҳо сахт вобаста мебошад. Як овоз (хоҳ садонок бошад ва хоҳ ҳамсадо) дар дохили калима ба тарзҳои гуногун такрор шуда омаданаш мумкин аст, ки он баъзан боиси ба душворӣ талаффуз гардидани калима ё сақолат мешавад: Тамлият, Тутқавул, Даҳанакник, Қукқурок, кӯшиш, савсан...




Чунин калимаҳо бо морфемаҳои шаклсоз ё калимасоз шакли нав ё калимаи нав сохта бошанд, таносуби овозии

таркиби калима аҳамияти калон пайдо мекунад, зеро бар замми овозҳои такрорӣ реша ё асоси калима ба василаи овозҳои морфема такрори дигар рӯй диҳад, ба салосати калима бетаъсир намемонад: кӯшиш-кӯшишаш, тут-тутат. Дар таркиби калимаҳои мураккаб ҳам таносуби овозии решаҳои васлшуда баъзан бонси носуфтагии калима мегардад: дард-дарддор, дард дида, кафк-кафк карда, гург-гурггир…

Дар калимаи "ҷӯра" низ ҳамнишинии ҳамсадоҳо боиси душвории талаффуз мегардад: кафк-кафкгир, кабуд-кабудтоб, барф-барфвор, гелос-гелосзор, об-обпар…

Инчунин дар забони адабӣ такрори ҳиҷоҳои якхела дар аввал, байн ё охири калимаҳои содда, сохта ва мураккаб низ сабабгори дуруштии талаффуз мегарданд: ба-бандак, бо-бор, сафедор-дор,… Ҳатто дар сурати тағйир ёфтани садоноки яке аз ҳиҷоҳои муштарак ҳам носуфтагӣ дар калима боқӣ мемонад; бе-бор, ба-бор, дар-дор…

Дар таркибҳои исму пешоянд (пасоянд) низ таносуби овозҳои садоноку ҳамсадо ба назар гирифта мешавад: ба Баҳодур, бе беда, дар даргоҳ, аз Азиз, бар барг, тангбар барин,…

Ҳангоми ба калима васл шудани бандаки хабарии "аст" ҳам сақолат мушоҳида мешавад: серташаббус аст (серташабусест); Ҳамчу ёбоиҳои одамхӯр ҳалка дар гирди сайди худ бастаст;

Он **арӯс аст**, духтарон, ин зан,
Қи дили ӯ бишуд мазори ишқ**.**

Вай марди боғайрат ва серташаббусест; Сифати маҳсулот ҳанӯз **паст** аст (мебошад); …ба ин масъала алоқаманданд (алоқамандӣ доранд, алоқаманд мебошанд, алоқа доранд…)

Пас аз пайвандаки "ва" калима бо ҳамин пайвастаи

овозҳо оғоз ёбад, ба суфтагии ифода халал мерасад: маъно ва вазифаи нидо, Воҳид ва Вафо, Модар ва Ватан.

Дар боби сарфи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ҳиссачаҳои маҳдудии фақат, танҳо ҳиссачаҳои қувватдиҳандаи ҳам, низ ва хелҳои дигар ҳам мутаносубан омадани калимаҳоеро тақозо мекунанд, ки дар аввал ё охири онҳо такрори овозҳои муштарак рӯй надиҳад: танҳо занҳо иштирок карданд; ҳатто ҳамроҳ ҳам рафтан мумкин нест; фақат фақир набошад, Адҳам ҳам, каниз низ…

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки дар таркиби ибора ё ҷумла калимаҳои маънодор ҳам таносуби овозӣ надошта бошанд, боиси сақолат мегарданд. Муаллифи "Ғиёс-ул-луғот" ба сифати далели танофури калимот ибораҳои "сидқи қавл", "ҷамъи илм" ва ғайраро зикр кардааст, чаро ки калимаҳои аввал бо қоф ё айн анҷом ёфта, калимаҳои минбаъда бо айни ҳамон овозҳо оғоз ёфтаанд. Адиби нуктасанҷи рус А. П. Чехов ҳам ба сарлавҳаи "История санитарной статистики" ду эрод гирифта буд: аввал, дар сарлавҳа фаровон кор фармудани калимаҳои бегона (санитария, статистика) ва сониян дар таркиби се калима чор маротиба такрор шудани ҳамсадои "с" ба ҳусни баён осеб мерасонад: Тамлият. Ту тасаввури дили худ. Ба тамошои он замона фирист. Он арӯсе, ки душ тӯяш буд. Бо ҳабибе азизтар аз ҷон; Дӯст оҳиста даст бурда ба меҳр. Доғро пок мекунад аз рӯш; Дар ҳамин фурсат Усмон бо рафиқони худ ба тарафи Ҳоит, ки маркази асосии ташкил шудани шӯришашон буд, меравад, …Қи гар хар наёяд ба наздикибор, Ту бори гаронро ба назди ҳар ор. Дар мисоли аввал таносуби овозҳои ту –ят, -та…-та ба салосати калом халал расонидааст. Ҳамин гуна нуқсон дар мисолҳои дигар ҳам (дӯш -тӯяш, ст - ст - ст (дӯст -- оҳиста - даст), ташкил шудан-шуришашон, бор-гаронро-ҳар-ор) ба назар мерасад.

Сухансанҷон дар порчаҳои зерин ҳам ба таносуби овозии мисраъҳои ҷудогона айб гирифтаанд:

Гар тазаррӯъ кунию гар фарьёд,
Дузд зар боз пас нахоҳад дод
**_(Саъдӣ)_**

Он шоҳи шуҷоъ гар бикашад тиру камон,
Дар як кашишаш шашсаду шаш тир бидӯзад;

Ҳеҷ чизе дар ҷаҳон беҳтар зи ишқи пок нест,
Сад ҳазорон ҳайф, к-он ҳам дар басити хок нест.
Эътиқоди ағниё ин аст, ки к-андар рӯзгор
Фаъла мӯҳтоҷи хӯроку лоиқи пӯшок нест.

Ҳаминро ҳам бояд қайд кард, ки дар назм бо садоноки муштарак оғоз ёфтани ҳар калима мисраъ (ассонанс) ё бо ҳамсадоҳои якхела сар шудани ҳар калима (аллитератсия) санъати лафзӣ шуморида шудааст: Хештанро хайр хоҳӣ, хайрхоҳи халқ бош, чаро ки бо чунин калимаҳои мутаносиб ифода кардани мазмуни пандомӯз кори саҳл нест. Сонияи, ба сабаби якхела будани овозҳои аввали калимаҳо назари хонандаро бозмедорад ва завқ мебахшад. Аммо дар ҳар сурат ин ҳам як навъи суханбозист ва дар гуфтор гаронӣ меоварад. Бесабаб нест, ки чунин калимаҳои душворталаффузро дар бозии тезгӯяк бо мақсади бурро шудани нутқи хонандагон ва кӯдакон истифода мебаранд: Дар болои теппача тутча. Ин тутча чӣ ту тутча?

Истифодаи санъатҳои тарсеъ, таҷнис ва саҷъ ба хушоҳанг баромадани мисраҳо ва осон шудани талаффуз, гӯшнавоз ва ширин баромадани сухан кӯмак мерасонад:

Ба ҷафои рақиб додам тан,
Ба ҳавои ҳабиб шодам ман;

Эй гӯйзанах, сухан зи гӯят гӯям
В-эй мӯймиён, зи ишқи мӯят мӯям.

Гар об шавам, гузар ба ҷӯят ҷӯям,
В-ар сарв шавам, ба пеши рӯят рӯям
Сарви гулистони ман қомати дилҷӯи туст,
Қомати дилҷӯи туст сарви гулистони ман
Равзаи ризвони ман - хоки сари кӯи дӯст,
Хоки сари кӯи дӯст-равзаи ризвони ман

Барои эҳтироз аз сақолат усулҳои гуногунро ба кор бурдаанд:

а) пешояндро ба пасоянди -ро иваз кардаанд: Кӯшиш мекунам, ки ба боварии коллектив сазовор шавам - ... боварии коллективро сазовор шавам.

б) як морфемаи калимасозро бо дигаре иваз кардаанд: Аз бобо бохабар бош -...хабардор бош (Муқ.: Қасони аз ин ҳодиса хабардор ба вай ваъда кардаанд -...бохабар ба вай...; Мо аз ҳамин занаки пурдони аз ҳамаи воқеаҳо ва асрорҳо бохабарчаро истифода набарем?) Вай марди боғайрат ва серташаббусест-ташаббускор аст;

в) ба ҷои бандакҳои хабарӣ истифода кардани феълҳои ёвар низ як омили эҳтироз аз сақолат аст:... алоқаманданд ...алоқаманд мебошанд; ...яке аз шаклҳои тарбияи маданист -...тарбияи маданӣ мебошад;

г) ҷои компонентҳои ибора ё аъзоҳои ҷумларо тағйир медиҳанд. Чунон ки Маликушшуаро Баҳор мефармояд: "...гоҳ ба мулоҳизаи оҳанг ва саҷъ феълеро муқаддам овардааст, монанди "Ҳам дар ин ҳафта якеро дидам аз эшон, бар бодпое равон, ғуломе дар пой давон ва гоҳ аз лиҳози тафаннуни сарф: Яке аз подшоҳон обидеро пурсид, ки аёлон дошт, авқоти аёлон чӣ гуна мегузарад?, агар мегуфт: "Обидеро, ки аёлон дошт, пурсид..." ба ин иборат, ки гуфтааст, баробар буд. Гоҳе барои риояи эъҷоз ва мувозана ва эҳроз аз ҳазфи афъоли мутавил ба қаринаи феъли аввал, феълеро муқаддам дошта. Мисол: Гуфт: "Булбулонро дидам, ки ба нолиш даромада буданд аз дарахт ва кабкон

аз кӯҳ ва ғукон аз об ва баҳоим аз беша". Ё: Яке аз ҷумлаи солеҳон ба хоб дид подшоҳеро дар биҳишт ва порсоеро дар дӯзах, ...Ҳар чӣ ҷуз ин мегуфт, хом буд ва аз қоидан эъҷоз берун ва риояти мувозана "... подшоҳеро дар биҳишт ва порсоеро дар дӯзах" барҳам мехӯрд".

Нутқи салису равон, равшану дақиқ ба диксия, ки ба дурустии вазъият ва фаъолияти узвҳои нутқи инсон вобастагӣ дорад, ба баландии овоз, ки ба дараҷаи фаъолияти садопардаҳо вобаста аст, ба қувван овоз, ки миқдори ҳавои аз шуш берун оянда ташкил медиҳад, ба суръати нутқ, ки ба зудии паиҳам омадани овозҳо вобаста аст ва ба лаҳни (тембри) овоз, ки обуранги эмотсионалии ҷумларо ба вуҷуд меоварад, алоқаманд мебошад. Дар мавриди хонишҳои бадеӣ ва қироати шеър ин ҳама омилҳои нутқ аҳамияти калон пайдо мекунанд.

Намуна:

Шумо аз ними ҷону
ними нони хеш метарсед!
Шумо аз зиндагию
аз ҳақиқат беш метарсед!
Шумо на кобили разме,
шумо на лоиқи базмед!
Шумо савдоии шеъред!
Қаҳ! Қа-а-аҳ!
Шумо савдоғари назмед...

***(Лоиқ)***

**Савол ва супоришҳо:**

Равшании нутқ ба чиҳо вобаста аст?

Салоқатро чӣ гуна пешгирӣ кардан мумкин аст?

Ба гӯшнавоз ва ширин баромадани сухан чиҳо мусоидат мекунанд?

Ҳамнишинии овозҳоро тибқи мисолҳои мавзӯ тавзеҳ диҳед.

# Мавзӯи 8. Фасоҳати нутқ

## Нақша:

1.Маълумоти мухтасар доир ба фасоҳат;
2.Дар се навъ сухан пайдо шудани балоғат;
3.Ду сифати балоғат дар маҳорати суханварӣ;
4.Умумият ва фарқи байни сухани балеғ ва фасеҳ.

**Калидвожаҳо:** *фасеҳ, балеғ, дабирӣ, собит, мусовот, қавоид, тамрин, кизб, ҳадаф, балиғ, ҳилм, чавҳар, армуғон.*

Дар забони адабӣ фасоҳат тибқи луғатҳо ба маънии равшанбаёнӣ, салосат ва равонии сухан меояд, вале дар истилоҳи адабӣ холӣ будани каломеро аз се айб гӯянд:




Мо агар дар навишта ва гуфтори нафаре ба ҷумлаҳо ва ифодаҳое дучор оем, ки маънии онҳоро надонем, дар талаффузи онҳо душворӣ кашем, он навишта ва гуфта фасеҳ ҳисобида намешавад. Пас, ҳамон гуфтор ва навишта фасеҳ шуморида мешавад, ки ин се айбро надошта бошад. Агар шогирд пеш аз задани занг бошитоб ба тарафи дабистон биёяд ва ҳамин ки расид, аз дарбон пурсад:

–Зангро заданд?

Ӯ бигӯяд:

–Панҷ дақиқа ҳаст.

Дар ин муколима ҳар ду ҷумла (ҳам пурсиш ва ҳам посух) фасеҳ аст. Ба таври дигар гӯем, ҷумла авомфаҳму

писанди хос бояд бошад.

Аз ҳамин нуқтаи назар Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар китоби “Асос-ул-иқтибос”, Низомии Арӯзи Самарқандӣ дар фасли аввали “Чаҳор мақола” дар хусуси лафзи фасеҳ, дар моҳияти дабирӣ ва эҷоди лафзу маънӣ андешаҳои судманд гуфтаанд. Мавзӯи илми суханварӣ чизест, ки ба василаи он ғараз аз суханварӣ ҳосил мешавад, яъне шунаванда гӯяндаи суханро бовар мекунад ва бар манзури ӯ барангехта мешавад, ки он балоғат мебошад.

Аммо мавзӯи гуфтор ва суханро наметавон таъйин кард, ки он ҳадду канор надорад. Қаноат намудан ду қисм аст: илмӣ ва мантиқию хитобӣ. Қаноатсозии илмӣ ва мантиқӣ он аст, ки муддао ба бурҳон собит шавад ва шубҳаву гумонҳо дар ин боб барои ақл боқӣ намонад. Ин қисми қаноатмандсозӣ дар соҳаи илм аст ва дар ҳар мавзӯъ вазифаи касест, ки он мавзӯъро фанни худ сохтааст. Валекин на ҳама корҳо қобилияти он доранд, ки ба далелу бурҳон собит шаванд ва бисёре аз корҳое аст, ки дурустӣ ва нодурустии онҳо нисбианд, яъне барои як замон ё як макон созгоранду бо гузашти айём аҳмияти худро гум мекунанд. Бинобар он далелу бурҳонро барои чизе ва коре метавон истифода кард, ки ҳама вақт ва дар ҳама вазъият барои ҳама кас дуруст қабул шуда бошад.

Балоғат, ба андешаи Шамси Қайси Розӣ, дар се навъ сухан пайдо мешавад:

–Эъҷоз, ки дар он лафз андак буда, маънӣ фаровон аст.

–Мусовот, яъне мусовӣ – баробарии лафзу маънӣ.

–Баст, ки шарҳи маънӣ ба алфози бисёр ва ба чанд ваҷҳро мегӯянд.

Ҳамин тавр балоғат чунин тарзи сухан мебошад, ки мутакаллим онро ба мухотаб арз менамояд. Ва он бояд аз нуқсонҳо орӣ бошад.

Дар илми забоншиносӣ маънои луғавии фасоҳат шевоӣ ва равонии сухан мебошад. Ба истилоҳ фасоҳат

офаридани калом аст ва бар ваҷҳе ноқисие дар фаҳми маънӣ надошта, бо алфоз тавъманд бошад.

Яке аз рукни асосии назмшиносии араб ва форсу тоҷик, ки ба хосияти каломи бадеъ бевосита дахл дорад, балоғат ном дорад. Илми балоғат, аз маънӣ ва баён иборат буда, дар заминаи инкишофи тадриҷии илми филологияи араб ташаккул ёфтааст. Ибтидои ташакули ин фан ба қарни VIII милодӣ рост меояд ва ба ақидаи олими арабшиноси рус И.Ю.Крачковский Ибни Муъоз (861–908 милодӣ), донишманду арбоби давлатии хилофати Аббосиён асосгузори он аст.

Дар таърихи адабиёти форсзабонон яке аз нахустин асар дар бахши балоғати суханварӣ рисолаи “Тарҷумон-ул-балоға”-и Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ мебошад. Ин асар дар охирҳои қарни XI ва ибтидои асри XII милодӣ таълиф ёфтааст.

Аз ин нуқтаи назар балоғат нахуст нерӯест худодод, ҳарчанд ки бархе ин нуктаро надониста, кӯшиши беҳуда ба харҷ медиҳанд ва хешро ба минбар мезананд, ҳаракатҳои беҷову ноҷо мекунанд, мазмун, оҳанг ва зеру бами ифода, калима ва ибораҳоро сарфаҳм нарафта, тӯтивор сухан такрор менамоянд. Дар ин гуна маврид дар аксар ҳолатҳо фасоҳати калом вайрон мегардад.

Баъзе аз афроди дигар пайи омӯзиш қарор дошта, бо фаро гирифтани усул, қавоиди фан, машқу тамрин ва омӯзиши пайдарпайи осори суханварони пешина машғул мешаванд, ки бисёр баманфиат ва судманд аст. Иҷрои ин амал аз ду ҷиҳат муфид аст:

–Истеъдод агар заиф бошад, қавӣ гардад.

–Истеъдод агар қавӣ бошад, камол ёбад.

Бинобар он ки балоғат тавассути қонеъ гардонидан ва тарғиб амалӣ мегардад, дорои ду шарт мебошад: нахуст, он ки суханвар ба сухане, ки мегӯяд, бояд худ ба гуфтаи хеш бовар дошта комил бошад. Сонияи, барои ба ҳадафи хеш

расидан шунавандаро бо сухани худ барангехта тавонад. Ба ибораи дигар, бовар ва таъсир ба ақли шунаванда ин худ навъе аз таълим аст ва тарғиб дар нафси ӯ. Чунонки гӯянд: "Сухан к-аз ҷон бурун ояд, нишинад лоҷарам дар дил". Ё ин ки "Сухан к-он аз сари андеша н-ояд, навиштанрову гуфтанро нашояд".

Ҳаминро ҳам бояд хотиррасон намуд, касоне, ки ин ду сифатро надоранд, соҳиби балоғат ҳам нестанд ва аз маҳорати суханварӣ низ орӣ мебошанд. Бовар кунонидани шунаванда агар хосияти тарғибӣ надошта бошад, муассир нест. Суханвар – устод ва ҳоким аст, инчунин тарғибгар мебошад. Суханвари комил он аст, ки ҳам ҳоким бошад, ҳам тарғибгар. Шарти дигари суханварӣ он ки сухани хушоянд ва нарму латиф гӯяд, то дили шунавандаро рабояд. Аз лафзи кӯтоҳу андак ва сермазмуни вай сомеъ лаззат барад.

Бояд хуб донист, ки суханварӣ ҳаргиз сафсатагӯйӣ ва суханбозӣ нест: суханҳои беҳудаву камарзиш ё ғалатро обуранг дода, баён кардан, ҳусни балоғатро коста мегардонад. Балоғати ҳақиқӣ он аст, ки каломи гӯянда маъқули ҳол ва мақбули ом бошад. Яъне, каломаш ақлро равнақ бахшад, ба дил роҳ ёбад, лутфу меҳрубониро барангезад ва тахайюлро ба кор андозад. Сухани муассир аз даҳон беғараз ва аз дили пок бурун ояд. Ба ҳамин маънӣ Абдураҳмони Ҷомӣ иртиботи қавии забон ва тафаккурро бо маҳорати баланд тавсиф кардааст;

Ҳар чӣ ба дил ҳаст зи поку палид
Дар сухан ояд асари он падид.

Айнан дар ҳамин мавзӯъ шоири адабиёти муосир Мирзо Турсунзода барҳақ мефармояд:

Дили инсон чун аз меҳр пур гардад, ба ҷӯш ояд,
Ба мисли чашмаҳои кӯҳсорон пурхурӯш ояд.

Имрӯзҳо баъзе аз суханварон дар ҷомеа ҳастанд, ки суханашон пуртаъсир, исмашон вирди забони мардуманд, вале баъдан маълум мегардад, ки дилашон пок ва нияташон нек набудааст. Онҳо ба василаи сеҳри сухан ва ҳунари суханварӣ ба дили шунавандагон роҳ меёбанд ва ононро гӯл мезананд ва гумроҳ месозанд. Ба қавли Хоҷа Ҳофиз :

Воизон к-ин ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд,
Чун ба хилват мераванд он кори дигар мекунанд.
Мушкиле дорам зи донишманди маҷлис бозпурс,
Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд.

Аз ҳамин нуқтаи назар, ин нуктаро бояд таъкид намуд, ки инсон ҳама вақт ба як ҳолу вазъ нест. Ҳолату вазъияти инсон дар бисёр мавридҳо ба муҳити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа низ марбут мебошад, зеро муҳити иҷтимоӣ ба инсон таҷрибаи зиндагӣ, тарзи муомилаву муошират, суханронӣ, мушоҳидакорӣ, баёни андешаву ақидаро ёд медиҳад. Ба хулосаҳои дақиқу мушаххас баровардан раҳнамун месозад.

Ва агар каломи суханвар ҳама бар дурӯғ ва кизбу тазвир устувор бошад, сухану асараш пойдор ва бардавом нахоҳад монд, чунонки дар урфият мегӯянд: “Умри дурӯғ кӯтоҳ аст”. Бинобар ин, рӯзе фаро мерасад, ки ҳақиқати ҳол ва гуфтори ӯ дониста ва ифшо шавад, нуфуз ва эътибори вай дар ҷомеа коста гардад ва гармии бозори ӯ ба сардӣ бадал хоҳад ёфт.

Хулосаи калом, балоғат ва таъсири каломи суханвар ин аст, ки гӯянда ҳадафи бовару эътимод бошад, гуфтораш писандида, фикраш солим, ҳарфаш бо далелу бурҳон, сараш пуршӯру ба авзои инсон ошно бошад.

Ҳаминро ҳам бояд хуб донист, ки истифодаи таъбирҳо, рӯшании баён ва омезиш ба лутфу меҳрубонӣ–ҳамаи ин

матолиб беҳтарин сифатҳои суханварӣ мебошанд.

Балоғат қуввати фикр, ҳусни таъбир ва қудрати таъсир аст.

Болиғ – суханрон, чиразабон ва суханпардозест, ки офариниши гуфтори ӯ ба завқи фитрӣ, истеъдоди худододӣ, машқ ва ошноӣ бо гуфтору осор ва афкори сурудаҳои устодони фан устувор бошад. Балоғат дараҷаи олӣ ва волои гуфта, суруда ва андешаву дарҳақиқат болиғтарини баёни калом аст. Ҳама гуна сухан бояд аз мағзи ҷон барояд ва бар дил нишинаду дорои фасоҳату балоғат бошад. Бештари иборaву ифодаҳои нағзу пурмағзи китоби “Гулистон”-и Шайх Саъии Шерозӣ аз балоғати комил бархурдор мебошанд:

“Мушк он аст, ки худ бибӯяд, на он ки аттор бигӯяд.

Оқилеро пурсиданд:

– Некбахт кисту бадбахтӣ чист?

Гуфт:

– Некбахт он, ки хӯрду кишт ва бадбахт он, ки мурду ҳишт!

Ҳунарманд ҳар ҷо равад қадр бинад ва бар садр нишинад. Тарки дунё ба мардум омӯзонанд, хештан симу ғалла андӯзанд». Дар ин маврид Ҳоҷа Ҳофиз мефармояд:

Чу бишнавӣ сухани аҳли дил магӯ, ки хатост,
Суханшинос наӣ, ҷони ман, хато ин ҷост.

Айнан дар ҳамин маъно Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба ин суханони воло Худои худро меситояд: “Илоҳӣ, агар талхак талх аст, аз бӯстон аст ва агар Абдуллоҳ маҳрум аст, аз дӯстон аст. Ҳамаи шодиҳо ба ёди ту ғурур аст ва ҳамаи ғамҳо бо ёди ту сурур аст. Бисоз кори ман ва мангар ба кирдори ман. Дил деҳ, ки тоқат афзун кунад, тоате деҳ, ки ба биҳишт роҳнамун кунад, илме деҳ, ки дар ӯ оташу ҳаво набувад ва ҳилме деҳ, ки дар ӯ зарқу риё набувад...”

Дар хулосаи ин мавзӯъ ин нуктаро низ ёдовар бояд шуд, ки аз манфиат холӣ нест: ҳар каломи балиғ, фасеҳ

ҳам аст, вале сухани фасеҳ, мумкин аст, balиғ набошад. Бештари ашъори Шайх Саъдӣ дар ҳадди олии фасоҳат ва балоғат аст:

Айюҳаннос, ҷаҳон ҷойи таносонӣ нест,
Марди доно ба ҷаҳон доштан арзонӣ нест.

Хуфтагонро чӣ хабар замзамаи мурғи саҳар,
Ҳайявонро хабар аз олами инсонӣ нест.

Доруи тарбият аз пири тариқат биситон,
К-одамиро батар аз иллати нодонӣ нест.
Рӯй агар чанд паричеҳраву зебо бошад,
Натавон дид дар ойина, ки нуронӣ нест.

Тоат он нест, ки бар хок ниҳӣ пешонӣ,
Сидқ пеш ор, ки ихлос ба пешонӣ нест.

Бибарӣ моли мусалмону чу молат бибаранд,
Бонгу фарёд барорӣ, ки мусалмонӣ нест...

...Саъдиё, гарчи сухандону масолеҳгӯйӣ,
Ба амал кор бароядд, ба сухандонӣ нест.

Балоғату фасоҳат ду рукни асосӣ ва ҷавҳари зебоии нутқ аст. Ҳар гоҳ ягон матлабро унвон кунем, ки шунавандагон дар фаҳми он бо душворӣ рӯ ба рӯ шаванд ва агар мавзӯеро такрор ва ҷумлаҳои ҳаммаънӣ ва якнавохт ироа намоему дарвоқеъ, пургӯ ва беҳудагӯ бошем ва ба усули балоғату фасоҳат дилбастагӣ нишон надиҳем, ҷуз озору дарди сар барои шунавандагон чизе ба армуғон наёвардаем. Аз ин рӯ, бояд гуфтаҳои мо дар бораи мавзӯи муайян ҳамоҳанг, тавъам бо назми мантиқӣ, кӯтоҳ, пурмағз

ва судманд бошанд.

Фасоҳати сухан қоида ва омилҳои хосае дорад, ки оҳоро донистан барои арзёбии ҳамин навъи сухан, аз як тараф баҳри хушобуранг ва беҳтар кардани савияи нутқ, аз тарафи дигар барои ҳар як инсони маданӣ, ба хусус ба мутахассисони каломи бадеъ ва илми забону адабиёт ҳам фарз ва ҳам қарз аст. Дар ин бора сухани А.М. Горкий хеле бамаврид аст, ки менигорад: "Дар бораи одамон ва ҳаёт асар навиштанро чунон омӯхтан лозим аст, ки ҳар сухан ба забон даромада гӯё ва сурудхон гардад, нурафшон шавад. Дар ҷумла калимаҳои зиёдатӣ набояд ҷой дошта бошанд ва ҳар як ҷумла он чиро, ки ба хонанда нишон додан мехоҳед, тамоман равшан ва зиндаро таҷассум намояд".

Аҳли сухан ҳеҷ гоҳ ба нисбат ба суханони гуфтанӣ ё навиштанӣ бепарво ва беэътино набуданд, балки баръакс бо сухан муддао ва мақсуди худробаён карда, ба дили сомеъ роҳ меёфтанд, то ки маънавияти онҳоро низ боло бардоранд. Ин ҳолатро дар абёти бузургони сухан бараъло дидан мумкин аст:

Сухан гавҳар шуду гӯянда ғаввос,
Ба сахти бар каф ояд гавҳари хос,
Зи сухан гуфтан устодон ҳаросанд,
Ки қимматмандии гавҳар шиносанд.

Ва ҳамин маъниро шоири нозукбаён С.Насафӣ, машаққати худро дар эҷоди шеър ёфтааст, барои ёфтани суханҳои салису равон, ғаниву пурфасоҳат, чунин матраҳ кардааст:

Сайидо бар сар намоён ҷо намудам хомаро,
Сар ба пояш мениҳам, ҳар ки сухан мепарварад.

**Савол ва супоришҳо:**

Фасоҳати нутқ гуфта чиро мефаҳмед?

Сухани фасеҳ дар кадом ҳолат бетаъсир мемонад?

Балоғат ва фасоҳати ғазали Саъдиро шарҳ диҳед.

Фарқи байни сухани балеғ ва фасеҳ дар чист?

## Мавзӯи 9. Интонатсия, суръат ва ритм ҳамчун воситаи муҳими хониши ифоданок

**Нақша:**

1.Маълумоти мухтасар дар бораи пауза ва хелҳои он;

2.Ба инобат гирифтани синну сол дар хониши ифоданок;

3.Аҳамияти хониши такрор;

4.Ритм ва оҳанг дар хондани осори лирикӣ ва драмавӣ;

5.Роли суръат дар хониши ифоданок.

**Калидвожаҳо:** *пауза, сомеъ, матлаб, психологӣ, изҳорот, тафсир, нота, зада, қавӣ, заиф, рамзкушоӣ, ритм.*

Оҳангро ба ин маъниҳо низ тафсир мекунанд: 1. (порсӣ: );آهن русӣ :мелодия; юн .melodia – мақом, оҳанг, наво, (наға наво-як силсилаи садоҳои пайдарпайи як овоза бо баландии ҳархела бо тарзу услуби муназзам ҷойгиршудае, ки асоси ягон асари мусиқиро ташкил дода, сохти пардавӣ) лад, (гармония) ҳамоҳангӣ, (ритм ва ҷузъҳои композитсияи мусиқиро ба ҳам меоранд. Тақтҳои оҳанг одатан ба асоси тақту задаи калимаҳои шеърӣ мувофиқ омада воситаи асосии сохтани таркиби нағма ва навои муайян башумор меравад .Яъне дар мусиқии яковоза оҳанг тасвири мусиқии комилро ба ҳам меорад

Оҳанг дар мавриди баёни сухан яке аз мавқеъҳои аввалинро ишғол менамояд. Маҳз ба туфайли оҳанг матлаби гӯянда ба сомеъ аниқу мушаххас расонида мешавад. Аз ин рӯ ист (пауза)-ҳо бадеӣ ва психологӣ буда метавонанд. Паузаҳои бадеӣ ин ист кардан дар назди калимаҳо ва ибораҳое мебошад, ки хонанда мехоҳад аҳамияти ҷудогона ва қудрати махсус доштани онҳоро нишон диҳад. Паузаи психологӣ аксар вақт дар матн бо бисёрнуқта мувофиқат мекунад, ки баъзе эҳсосҳои калони рӯҳиро ифода мекунад.




Интонатсия яке аз ҷанбаҳои фарҳанги нутқ аст ва дар овози изҳороти тафсирӣ, пурсишӣ нақши калон дорад. Оҳанг, асосан, дар вақти хондан ва қироати осори манзум, шеъру ғазал ва қиссаҳо аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Аз ҳамин нуқтаи назар, барои муваффақ шудан ба шаффофияти хониш ва қироат дар хонандагон, рушди қобилияти мушоҳида, "хондан"-и аломатҳои китобатро муташаккилона ривоҷ додан зарур мебошад. Яъне риоя кардан ба қоидаҳои аломатҳои китобат яке аз шартҳои аввалини саҳеҳияти хониш аст. Айнан дар ҳамин бора нависандаи рус А. П. Чехов гуфтааст, ки аломатҳои китобатӣ "ёддошт ҳангоми хондан" мебошанд. Аломатҳои китобатӣ барои хонанда ҳамон вазифаҳоеро иҷро мекунанд, ки қайдҳо барои навозанда иҷро мекунанд. Мисли ҳамин навозанда чӣ хеле ки ба қоидаи нота риоя карда менавозад, хонанда низ бояд ба аломатҳои китобат боэътибор бошад. Маҳз ба туфайли аломатҳои китобатӣ маънои навиштаҷот равшан мегардад ва мо имконият пайдо мекунем, ки бо эҳсосоти муаллиф ва нақшаи ӯ ошногӣ пайдо намоем ва якҷоя бо он жанри асарро муайян кунем. Ин аломатҳо, "нотаҳо"-ро воқеан бо ёрии пауза (кӯтоҳ ва дароз) ва задаҳо

(қавӣ ва заиф) “месароянд”. Инчунин аломатҳои китобатӣ ба дарки матн низ аз наздик ёрӣ мерасонанд, агар ин се вазифаро иҷро кунанд: маъноӣ, грамматикӣ, оҳангӣ. Онҳо нутқи моро пурэҳсос, ифоданок ва солим мегардонанд. Ҳангоми хондани суруд нотаҳо имконияти баланд ё паст кардани овозро медиҳанд, аломатҳои китобатӣ (нуқта, тире, вергул, савол, хитоб ва ғ) бошанд, ба мо имконият медиҳанд, ки нутқ ва хониши худро ба сомеъ таъсирнок намоем. “Хониши ифоданок”-и аломатҳои китобатӣ ин истифодаи талаботи аломатҳои китобат бо мақсади фаҳмиши дурусти мундариҷаи матн ва дар ин асос хондани возеҳ, ифоданок, бо риояи интонатсияи зарурӣ мебошад.

Аз ҳамин нуқтаи назар, равонии хониш дар сурати вуҷуд доштани амалияи доимии хониш тадриҷан, зина ба зина инкишоф меёбад. Тибқи ин равиш хонандагон барои хониш матнҳоеро, ки ба синну сол ва дараҷаи азхудкуниашон, синфашон мувофиқанд, пешниҳод кунанд, ки дар онҳо аксар калимаҳо маълуманд ё осон карда шудаанд (онҳо шинохта ва хондашаванда мебошанд). Ба ибораи дигар матне, ки ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, бояд бо дарназардошти синну сол ба сатҳи инкишофи маҳорати хониши донишомӯзон мувофиқ бошад. Аз ин рӯ агар дарки матн барои хонандагон душвор набошад, онҳо ба рамзкушоӣ диққат медиҳанд ва қобилияти хониши худро инкишоф дода наметавонанд. Ин масъала вобаста ба синфҳои гуногун ба тарзҳои мухталиф ба роҳ монда мешавад. Дар синфҳои ибтидоӣ, дар дарсҳои хониш, аз ҷумла ҳикояҳо, афсонаҳо ва ривоятҳо, шеърҳою қиссаҳо ва инчунин адабиёти маъруфи илмӣ тавсия дода мешавад. Агар асарҳо дар шакли шеърҳо дода шаванд, қобили мусоид мебошанд, зеро аксар вақт онҳо дар ҳаҷми хурд мебошанд, қофия, оҳанг, ифоданок хондан осон ва одатан дар шакли осонӣ барои кӯдакон навишта мешаванд.

Ҳамин тавр, таснифи маводи хониш аз рӯи сатҳҳои

муайяни хониш баробар карданро бартараф мекунад ва ба ҳар як хонанда имкон медиҳад, ки малакаҳои заруририро мувофиқи суръати дониши онҳо инкишоф диҳанд. Меъёрҳое, ки аз ҷониби лоиҳа барои чунин таснифоти китобҳо, матнҳо барои хондан таҳия шудаанд, ба мо имкон медиҳанд, ки сатҳи дарки хонандагонро муайян намоем. Ва илова бар ин, бо истифода аз ин меъёрҳо омӯзгорон маводҳои хонишро мувофиқи сатҳи қобилияти ҳар як хонанда интихоб карда метавонанд. Маҳз китобҳои дар сатҳҳои зикршуда таснифшуда ба омӯзгор имкон медиҳад, ки динамикаи инкишофи хонандагонро пайгирӣ карда, бо назардошти хусусиятҳо ва ниёзҳои шахсии ӯ ба хонданаш ёрӣ расонанд.

Ҳаминро низ таъкид намудан ҷоиз аст, ки омӯзгорон бояд хуб дар хотир дошта бошанд, такроран хондани як матн дурустӣ ва суръати мувофиқи хонданро самаранок инкишоф медиҳад. Ҳаминро ҳам бояд донист, ки хониши такроран аз он ҷиҳат фоидаовар аст, ки хонандагон ҳамон калимаҳоро якчанд маротиба такрор ба такрор хонда, ба ин васила онҳоро дар луғати доимии худ мустаҳкам мекунанд. Яъне, бо луғути фаровон ошноӣ пайдо мекунанд ва тарзи гӯйиши онҳоро зуд ёд мегиранд. Бояд гуфт, ки матнҳои такрорӣ бояд ба сатҳи хониши хонандагон мувофиқат кунанд. Баъзан дар китобҳои дарсӣ матнҳои калонҳаҷм оварда мешаванд, вале бояд омӯзгор бо назардошти синну сол ва синфи хонандагон ҳаҷми муайяни онро интихоб менамояд. Дар вақти хондани матн бо мақсади муайян кардани суръати хониш аввал миқдори умумии дар як дақиқа хондаи хонандаро бояд ба ҳисоб гирифт. Сониян дар матни хондашуда чанд калима дуруст талаффуз шуданашро бояд ба ҳисоб гирифта, тарзҳои гуногуни хонданро тавсия кардан айни муддао мебошад. Омӯзгори эҷодкор дар ин гуна мавридҳо байни худи талабагон мусобиқаи хонишҳоро ташкил мекунад, ки ин хеле фоидаовар ба суръати хониши

онҳо мегардад. Ин ҳисобот дар дастурҳои таълими вобаста ба синфҳо нишон дода шудааст, ки омӯзгор бояд аз онҳо бахабар бошад ва тибқи он арзёбӣ намояд. Гоҳо дар байни талабаҳои синҳои ибтидоӣ ҳолатҳое ба назар мерасад, ки бо мақсади зиёдхонии матн калимаву ибора ва таркибу ҷумлаҳоро хато хонда, суръати хониш вайрон карда мешавад. Омӯзгор ана ҳамин ҷониби масъаларо низ дуруст дарк карда ба риояи нормаҳои хониш шогирдонро дуруст раҳнамоӣ бояд кунад.

Аз ҳамин нуқтаи назар тавсияҳо аз ҷониби омӯзгор дар вазъияти танги хониши хонандагон дода мешавад. Дар боло қайд шуд, ки дар ин сурат синну сол ва синфи омӯзишии хонандагон ба ҳисоб гирифта мешавад. Агар онро дар синфҳои ибтидоӣ, ки бештар суръати хониш дар ин синну соли хонандагон ба эътибор гирифта мешавад, дар назар гирем, душвориҳои асосии хонанда дар хониш аз зеринҳо иборатанд: донистани алифбо, рамзкушоӣ, луғати нокофӣ, бепарвоӣ, боғалат ва босуръат хондан ва ғайра.

Агар омӯзгор якҷоя бо хонанда дар синфхона суръати хонишро ба таҳлил гирад, ба бисёр саволҳои муаммовӣ, аз қабили, барои чӣ хонанда аз меъёр кам калима дар вақти муайян хонд, чаро ин тавр рӯй дод ва чиро ба кор бурдан лозим аст ҷавоби аниқ ёфта метавонад.

Бо ба ҳисоб гирифтани паҳлӯҳои гуногуни суръати хониш ба хонанда вобаста ба мушкилоти хониш оид ба машқҳо ва стратегияҳои мувофиқ маслиҳат медиҳад. Ба волидони хонанда фикру мулоҳизоти муфассал пешниҳод мекунад. Ҳамкории дутарафаро мустаҳкам менамояд...

Ритм яке аз воситаҳои муҳими хониши ифоданок мебошад. Аз ин рӯ бояд донист, ки худи ритм чист. Тибқи луғатҳо чунин тавзеҳ меёбад. Ритм дар луғатҳо ба маъноҳои ҷорӣ шудан, равон шудан, паҳн шудан ва ғайраҳо омада, ташкили мусиқӣ дар вақт мебошад. Ритм (юн. rheo — равон), ритм, давранокӣ — 1) такрори ҳодиса

ва равандҳои табиат дар муддати муайян аст. Масалан, ҳодисаҳои вобаста ба фаъолияти Офтоб — афзудани доғи Офтоб, алангаи Офтоб, таркишхо дар он, ҳодисаҳои ба он алоқаманд дар рӯи Замин (тӯфонҳои магнитӣ, авроpаҳо) ва ғайра. Давранокии муваққатӣ такрори ҳодисаю равандҳо дар як давраи муайян мебошад. Масалан, протсессҳое, ки бо ивазшавии шабу руз, тағйирёбии файлҳо, тағйирёбии иқлим; 2) принсипи асосии шаклҳои назм, мусиқӣ, рақс, санъати тасвирӣ, санъати амалии ороишӣ ва навъҳои меъморӣ. Ритм- дар назм дар асоси садо пайдо мешавад. Дар ашъори пешин сатрҳо аз ҷиҳати андоза баробар нестанд, вале параллелизм мебошанд, ки онро параллелизми синтаксисӣ меноманд, ки хоси типи фолклории сохти назм аст. Махсусан, асари халкҳои турк. аллитератсия ва такрори калимаҳо дар ашъорашон бисёр буд: дар он қофияи дохилӣ низ иштирок дошт; баъд кофия ба охири сатрҳо рафта, на танҳо вазифаи оҳанг, балки вазифаи ритмро гирифтанд. Ба низом ва гуруҳҳо тақсим шудани сохти назм баъд аз он сурат гирифт. Пас аз навъи фолклории сохтори назм сохтори микдории шеър пайдо шуд, ки асосан як услуби назми давраи синкрет (давраи инкишофи омехтаи санъат) буд. Сохтори шеъри юнонӣ, арабӣ, ҳиндӣ, форсӣ ва аз ҷумла, арӯзи узбекӣ ба сохтори шеъри микдорӣ тааллуқ доранд. Дар ин системаҳои назм микдори садо-сатҳи дарозӣ ва андозагирии он бо мурури замон асоси ташкили ритмро медонистанд (ниг. Арӯз). Пас аз сохтори шеърии миқдорӣ сохтори сифатӣ ва сохторҳои зиёди шеърӣ ба ҳам алоқаманд пайдо мешуд. Таркиби ин шеър на танхо ба микдори мисраъхо, балки ба сифати онҳо низ такя мекунад; ба ин системаҳои силлабикӣ, силлабиктонӣ ва тоникӣ дохил мешаванд. Дар давраи сохти сифатии шеър шеър аз шакли шифоҳӣ ба шакли хаттӣ гузашта, аз мусиқӣ ҷудо шуд. Системаи ангуштоноки ӯзбекӣ низ ба ин марҳила мансуб аст. Ритми системаи ангуштнокӣ ба шумораи

ҳиҷоҳо ва таносуби ҳиҷоҳои хурд дар байтҳо такя мекунад. Дар наср низ ритм ҳаст.

Ритм ин вақти баёни калимаҳо ва ҳиҷоҳои алоҳида ва истифодаи таваққуф, гуфтор ва ибораҳо дар ҷои худ мебошад. Ритм ҷузъи муҳимтарини нутқ аст, зеро ҳам оҳанг ва ҳам таваққуфи сухан ба шунаванда ногузир таъсири эҳсосии махсус доранд. Ҳангоми суханронӣ ба расм ворид шудан, дар ҷойҳои зарурӣ паст кардани садо ва нарм сухан гуфтан ҳама ба маҳорати муаллим вобаста аст.

Ритм дар санъати тасвирӣ яке аз воситаҳои ифодаи асари бадеӣ буда, ҷиҳати хоси сохти асарро муайян намуда, барои чуқуртар кушодани мазмуни идеявию бадеии эстетикии он хизмат мекунад. Сохтмони ритмро ба унсурҳои гуногуни симметрия, инчунин баргардонидан ё гардиши якхела ё ба ҳам монанд  шаклу ашёҳо (хат, ҳаракати мӯҳр, чӯб, доғҳои ранг ва ғ.) дар ҳаҷм ва фосилаи баробар асос ёфтааст. Бо ёрии ин ё он сохти ритм ба асар ҳиссиётн гуногун додан мумкин аст.

Ритм дар офаридани композитсияи асар ва ташаккули образ дар санъати амалии ороишӣ ва меъморӣ роли калон мебозад. Дар меъморӣ ҳаҷм, шаклҳо (сутун, тиреза, балкон ва ғ.) дар як вақт баргардонида ё омехта карда мешаванд, ки ба бино мазмуни махсус зам мекунанд; таҷассуми нақш низ дар асоси ритм офарида мешавад: дар натиҷаи такрор ё омезиши як ё якчанд порчаи нақш ба асар мукаммалӣ  дода мешавад. Ритм дар хониши ифоданок бештар дар ҷараёни хондани ашъори шоирон риоя карда мешавад. Дар илми мусиқа низ васеъ истифода мегардад ва паҳлӯҳои зиёди риоякуниро талаб мекунад...

**Савол ва супоришҳо:**

Оҳанг чист ва ба он чӣ гуна риоя карда мешавад?

Паузаи бадеӣ аз паузаи психологӣ чи гуна фарқ мекунад?

Вазифаи омӯзгорон дар риояи нормаҳои хониши ифоданок аз чӣ иборат аст?

Фарқи ритми мусиқиро аз ритми муқаррарӣ фаҳмонед.

Ритм ва оҳанг дар хониши ифоданок чӣ аҳамият доранд?

## Мавзӯи 10. Дақиқии нутқ

**Нақша:**

1.Маълумот дар бораи шартҳои дақиқбаёнӣ;
2.Сермаъноӣ дар балоғати сухан;
3.Алоқаи дақиқият ба мазмуннокӣ;
4.Заминаҳои таносуби маъноӣ дар дақиқбаёнӣ;
5.Омилҳои пешгирӣ кардани таркибу ибораҳои ноқис.

**Калидвожаҳо:** *балеғ, полисемия, мазбут, паронимазия, биму бок, бисмил, ифода, рехта, лингвистӣ, сайд.*

Сухани балеғ суханест, ки на танҳо беғалат бошад, балки матлабро сареҳ ифода кунад. Фасоҳат ва дақиқбаёнӣ, пеш аз ҳама ба интихоби воҳидҳои луғавии забон, ба равшании маънои калима вобаста аст. Шарти аввали дақиқбаёнӣ ин аст, ки далолати калима ба ашьё, аломатҳои он, ҳодисаю воқеаҳои реалӣ (унсурҳои ғайрилингвистӣ) ва мафҳумҳои ашьё, аломат, амалу ҳолат (унсурҳои лингвистӣ) комил бошад. Дар мисолҳои зерин калимае маънои матлубро саҳеҳ ифода намекунад, мақсади гӯянда ба шунаванда пурра равшан намегардад:

Қотиб **таранг** менавишт; Ман аз ҳукумат **хафаам**; Аспҳои отряд ҳарсида **дам мегирифтанд**; Акнун **бекафш** будани худро ҳис кард; Аз нӯги рӯймолаш **чак-чак** об мечакид; Ба суханҳояш бо диққат гӯш дода фикр мекардам, ки **оромгоҳе** дар дунё ба ҷуз паҳлӯи модар ҷое нест; Инак, панҷ сол мешавад, ки дар ин ҷо **сабақ омӯхтам**. Ният дорам, ки **коргоҳи** адабро бо муваффақият хатм намоям; **Саҳнаҳои** мудҳиши солҳои сиюмро нависанда дар романи “Чашмҳояш” хеле реалистона нишон додааст; Ман ба суханронии ҳар як ветеране, ки баромад мекард, **дақиққорона** гӯш мекардам.

Нависанда ҳангоми таҳрири матни асараш калимаи

“таранг”-ро бо “ҳадаҳа” иваз кардааст ва аз ин рӯ матлаб тира мондааст, зеро калимаҳои мазкур чандон маълум нестанд. Ҳатто дар вақти хондан хонандаи нозукбин ин ноқисиро зуд пайхас мекунад. Ҳамин маъниро “саргарм будан” саҳеҳ ифода мекунад; Дар таҳрири тоза “бекафш”, “чак-чак” бо калимаҳои “пойлуч” ва “чик-чик” иваз карда шудаанд, ки мақсади муаллифро сареҳ ифода мекунанд: “кафш” як намуди пойафзол аст, дар ин ҷо аз саросемагӣ пойлуч (бе пойафзол) ба ҳавлӣ баромадан персонаж дар назар дошта шудааст; “чак-чак”бошад, андозаи зиёд будани об, “чик-чик” ба меъёри камии он далолат мекунад, чунон ки аз нӯги рӯймоли дар миён басташуда мечакад; “дам гирифтан”, “оромгоҳ” маънои дигар (истироҳат кардан, гӯристон) низ дорад, ки ба ифодаи матлаби нигоранда (нафас гирифтан, ҷои осоишу ҳаловат) халал мерасонад; “коргоҳ”дар забони адабӣ аслан  ба маънои ҷои кор истифода мешавад: Дар комбинат беҳтарин хонаҳо, хонаҳои ба ҷои кор наздику бароҳат дар тасарруфи солимон буд. Инвалидон бист километр дур аз коргоҳ истиқомат мекарданд. Қалимаи “коргоҳ” аз ҷиҳати овозӣ бо калимаи “боргоҳ” наздик аст (паронимазия), зоҳиран, дар талаффуз ба якдигар наздик будани онҳо сабаби ба ҷои “боргоҳ” кор фармудани “коргоҳ” шудааст. Қалимаи “саҳна” ба маънои лаҳзаҳои воқеа ё ҳодиса дар истеъмоли умум маъмул нест, бинобар ин “воқеаҳои мудҳиш” гуфтан ба асли мақсад наздиктар мебошад; калимаи “дақиқкорона” бо феъли “гӯш кардан” таносуби маъно надорад, зеро бо феъли мазкур одатан “бодиққат” кор фармуда мешавад, аммо кори мураккаби нозукро “дақиқкорона” ба сомон мерасонанд.

Дар илми маданияти сухан дақиқбаёнӣ, чунон ки дидем, ба масъалаи серманъоӣ (полисемия) алоқамандии зич дорад. Ба кадом маънӣ омадани ин гуна калимаҳо, аввалан, ба мақсади гӯянда вобаста аст ва матн ё ҳангоми гуфтор (омади сухан) муайян мекунад, ки калимаи

сермаъно бо кадоме аз маъноҳояш кор фармуда шудааст:

Ҳарчанд ман аз Бухоро рафта **таҳсил карданам** умеди худро канда бошам ҳам, дар он миён воқеае рӯй дод, ки барои Бухоро рафта **хонданам** имкон пайдо шуд; Аҳмади Қалла дар гузари Ҷаъфархоҷа як ҳавлӣ дошт, ки дар он **ҷо зиндагӣ мекард** ва дар мадрасаи Мири Араб як ҳуҷра ҳам дошт, ки дар вай домодаш **истиқомат мекард**.

Дар мисолҳои матнҳои боло феълҳои сермаънои **хондан** ва **зиндагӣ кардан** бо яке аз маъноҳояшон бо **таҳсил кардан** ва **истиқомат кардан** муродиф шудаанд, бинобар ин калимаи ҳаммаънои худро иваз карданашон мумкин аст. Вале агар феъли **зиндагӣ кардан** ба маънон зистан ва ҳаёт ба сар бурдан кор фармуда шуда бошад, бо феъли **истиқомат кардан** иваз намешавад:

Ҷои истиқоматаш ҳам дар ғояти фалокат буд. Аммо Одина бо ин ҳама душворӣ бо як умедворӣ **зиндагӣ мекард** ва барои ба даст овардани мақсад ба ҳар гуна бало ва ҷафоҳо бо як азми маҳкам, бо як дили қавӣ истодагӣ менамуд (К, 1, 218).

Мисли ҳамин сифати “сахт” ва феъли “сахт шудан” ҳам дар забон маънои зиёд дорад:

Оре, ба Гулнор як ҳолати бисёр **сахте** рӯй дода буд; ...ба тарафи рости синаи худ аз қундоқи **сахти** милтиқ як зарба хӯрдааст ...аз қӯрғон баромадан хеле **сахт буд**; Эшони Султонхон-тӯра аз ислоҳоти замин **сахт** зарар дид;

Дар ҳар ду пояш хун **сахт шуда** монад буд.

Дар мисоли зерин феъли “сахт шудан” матлабро сареҳ ифода намекунад: Даре **сахт нашавад**, таъмир мекарданд .

Мурод аз сахт нашудани дар пӯшида нашудан ё мазбут (ҷафс) нашудан аст.

Дар ҳақиқат дақиқбаёнӣ пурра сарфаҳм рафтан ба тобишҳои нозуки маънӣ ба назар гирифтани ҷилоҳои нозук ва ноаёни онро тақозо мекунад. Дар ин бобат бошуурона интихоб кардани калима ва мавқеи кор фармудани он

аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Дар вақти ифода кардани фикр дар адои ягон маънии як калима таъбирҳои гуногун ба хотир меоянд:

***Абрҳои сиёҳ осмонро***:
иҳота карданд;
печонда гирифтанд;
фаро гирифтанд;
пахш карданд.
***Деҳқонон аз ин :***
ба ташвиш афтоданд
(...ро ба ташвиш овард);
дар ғазаб омаданд;
мутаҳаййир шуданд;
хотирашонро мушавваш менамуд;
дилашон вайрон шуд;
бесаришта шуданд;
дилашон сӯхт.

Агар ҷумлаҳои болоиро тавзеҳ доданӣ бошем, дар луғат "фаро гирифтан" ба маънии ба худ гирифтан,ишғол кардан, дар бар гирифтан, иҳота кардан; "фурӯ гирифтан" ба маънии паҳн шудан, дар бар гирифтан, фаро гирифтан омадааст. Маълум аст, ки дар ҳақиқат абр рӯи осмонро фурӯ мегирад; феълҳои "иҳота кардан", "печонда гирифтан" ва "пахш кардан" ин маъниро ифода карда наметавонанд. Монанди ҳамин дар давраи ҳосилро бардоштан гирифтани ҳаво боиси ба ташвиш афтодани деҳкон мегардад, ифодаҳои дигар ба ин маънӣ далолат намекунанд.

Гоҳо дар мавриди хондани осори бадеӣ дар матн чунин калимаҳо ҳамнишин мегарданд, ки бо якдигар таносуби маъно доранд. Чунончи, дар ин байт калимаҳои "хок", "гард", "сурма", "чашм", "сиёҳ", "хун", "сайд", "бисмил" "теғ" муносибати наздикӣ маънoӣ доранд, бинобар ин бо ҳамдигар алоқаманд шуда омада метавонанд:

*Ба* ***хок*** *афтода* ***ғарди сурмаи чашми сиёҳат*** *ман,*
*Ба* ***хун ғалтида сайди бисмили теғи*** *нигоҳат ман*
***(Сайидо)***

Ё ин ки:
*Он, ки дар* ***зулфи парешонаш*** *дили мо* ***ҷамъ*** *буд,*
***Ҷамъи*** *моро ҳамчу* ***зулфи*** *худ* ***парешон карду*** *рафт*
***(Ҳилолӣ)***

Чунин таносуб ҳангоми ҷуфт-ҷуфт кор фармудани калимаҳо, чида шудани аъзоҳои ҷумла ва ё дар мавридҳои дигари истифодаи таркибу калимаҳо ҳамеша риоя мешавад, дар акси ҳол ифодаи фикр халалдор мегардад. Аз ҳамин нуқтаи назар метавонем чанд мисолро муоина намоем, ки аз осори бадеии тоҷикӣ гирифта шудаанд ва ҳатто дар баъзе мавридҳо барғалат кор фармуда шудаанд:

Чашмам ғанаб бурдааст, як вақт **ғалабаю ошӯб** ба гӯшам омада, аз хоб бедор гаштам; вохӯрии **гарму сӯзон** бо ҳар яки онон… бо **биму бок** ба танаи дигар наздик шуд; Онҳо ҳам модар доранд, наход модарони онҳо барои чунин корҳои **нохалафу нодаркор** онҳоро ба камол расонда бошанд; Занҷири **азобу оқибат** тамоман канда шуд; Ин сиёсати кулаки ба ҳамин расид, ки аҳолии қишлоқ аз ҷои **гарму ширини** худ ҷудо шаванд;

Ба қитъаҳои зарардидаи зироат бештар **диққат, ғизо** медоданд; …бисёр мутахассисон аз чунин манбаи **донишу судбахш** рӯ метобанд .

Мисле ки дар боло ишора намудем, дар мисоли аввал "ғалабаю ошӯб" ба маънои шӯру (мағалу) ғавғо омадааст: Ин хабарҳо боз ба дили ман оташ афрӯхт, боз ҳамон **мағалу ғавғо** маро ба худаш кашид . Дар мисолҳои дуюму сеюм муаллиф "гарму сӯзон"-ро гарму ҷӯшон, "биму бок"-ро тарсу ҳарос таҳрир кардааст. Дар ибораи "корҳои нохалафу нодаркор" сифати нохалаф ба кор таносуби маъно надорад ва ибораи "кори нохалаф" мегӯянд, зеро "нохалаф" чун

сифати маънавии инсон маъруф аст ва дар маънои одами бадкирдор ё душман ҳам истеъмол мешавад. Дар ифодаи ҷуфти "азобу оқибат" ҷузъи дуюм ба ҷои калимаи "уқубат" кор фармуда шудааст, ки аз ҷиҳати таркиби овозӣ ба "оқибат" наздик (паронимазия) аст. Ба масъалае диққат додан ва ба замин ғизои минералӣ додан ифодаҳои бенуқсонанд. Аммо калимаҳои "диққат" ва "ғизо" бо ҳамдигар ҳеҷ гуна алоқамандии маъноӣ надоранд ва чун аъзоҳои чида ҳамшафат намеоянд. Дар ҷумлаҳои чидааъзо ғалати дигаре ҳам мушоҳида мешавад: хабари феълӣ бо яке аз аъзоҳои чида таносуби маъноӣ дорад, аммо бо калимаи дигар алоқаманд намешавад ё таркиб намесозад: Москваи азизро гулҳои санъати тоҷик оро ва **зебою дилкушотар кардаанд** ; Вай як мардаки **қоматбаланд, лоғарандом**, **айнакӣ**... буд ; Чӣ хуш, ки акнун болои катҳо мӯйсафедон пиёлаҳо дар даст, аз таъми чои хушрангубӯю болаззат, аз ҳусну малоҳати тозаи чойхонаи соҳили Сир **як ҷаҳон** ҳузур ва **ҳаловат мебаранд**.

Дар мисолҳои боло феъли ёвари **кардан** бо сифатҳои **зебо дилкушо** таркиб месозанд (зебо кардан, дилкушо кардан), вале калимаи "оро" ҳамеша бо феъли "додан" омада, таркиби "оро додан"-ро ташкил медиҳад. Мисли ҳамин дар "ҳузур ва ҳаловат мебаранд" феъли "бурдан" танҳо бо "ҳаловат" таркиб месозад (ҳаловат мебаранд), калимаи "ҳузур" бо ин феъл намояд.

Аз ҳамин нуқтаи назар, ки танҳо таносуби маънии калимаҳо, балки таносуби грамматикӣ ва имконоти ҳамҷояшавии онҳо низ дар сохтани таркиб, ибора ва ҷумла аҳамияти калон дорад. Чунончи, феълҳои **нигоҳ кардан, нигаристан, чашм дӯхтан** ва ғайра зоҳиран ба феъли **дидан** баробармаъно мебошанд, вале дар асл байни онҳо аз ҷиҳати таносуби маънои грамматикӣ фарқ ҳаст: феълҳои аввал объекти бавосита талаб мекунанд (ба кӣ ё чӣ нигоҳ кардан?), феъли дидан ҳамеша объекти бевосита мегирад

(киро ё чиро дидан?).

Дар заминаи таносуби маъноӣ ва грамматикии калимаҳо тадриҷан устувор гардидани таркиби ибораю ҷумла ва ба миён омадани ифодаҳои рехта мушоҳида карда мешавад. Ин хусусият дар таркибу ифодаҳои ташбеҳӣ, дар маҷозу муболиғаҳои маъмули забони зиндаи халқ, дар воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо равшан зоҳир мегардад.

Хеле диққатҷалбкунанда мебошад, ки дар чунин ифодаҳои рехта бо вуҷуди тағйири ҷузъии ҷойивазкунандаҳо маънои умумӣ фаҳмида мешавад, дар айни ҳол он халали андак ҳам дар ҳусни табиии ифода аз назари он соҳибони забон, ки нозукиҳои суханро хуб дарк мекунанд пинҳон намемонад. Чунончи, "афсус хӯрдан" ифодаи маъмул ва  пухтаву гӯшнавоз аст, аммо "таассуф хӯрдан" бошад, хеле хому гӯшхарош, ҳол он ки як калимаи арабӣ ба шаклҳои гуногун истеъмол шудааст: **Ӯ таассуф мехӯрд**, ки падари фарзандонаш рӯзи муроди онҳоро надид; Ҳаваскорон барои **мураттаб додани** барномаҳои бой кӯшиш мекунанд.

Дар ин ҷо ҳаминро бояд қайд кард, ки баъзан аз чунин таркибу ибораҳои ноқис ва норавон калимаҳои мураккаб ҳам месозанд: Аммо **таассуфовар** аст, ки баъзе идораю ташкилотҳо ва шахсони масъул ба баромадҳои газета диққати лозимӣ надодаанд.

Бояд гуфт, ки аз ибораи "афсӯс хӯрдан" калимаи мураккаби "афсӯсхӯрӣ" месозанд, вале касе "таассуфхурӣ" намегӯяд. Ба мисли ҳамин, "таассуфангез" калимаи мураккаби бенуқсон бошад, "таассуфовар", ки дар қолаби "ҳайратовар", "хандаовар" ва ғайра сохташудааст, мантиқан пойдор нест, зеро дар забони тоҷикӣ ҳодиса ё воқеаеро **ҳайратовар** ё **хандаовар** мегӯянд (дар воқеъ хандаи касро меоварад), аммо "**таассуфовар"** калимаи мураккаби сунъӣ ба назар мерасад.

**Савол ва супоришҳо:**

Балоғат ва фасоҳат дар чиҳо аён мегардад?

Усули лингвистӣ ва ғайрилингвистиро шарҳ диҳед.

Таносуби маънои дар чиҳо маълум мешавад?

Таркибу ибораҳои ноқисро чӣ гуна бартараф кардан мумкин аст?

Фасоҳат ва дақиқбаёнӣ чӣ гуна аҳамият доранд?

## Мавзӯи 11. Услубҳои забон ва нутқ

**Нақша:**

1.Меъёрҳои талаффуз дар забони адабӣ;
2.Аҳамияти луғатнависӣ дар услубҳои нутқ;
3.Омилҳои таъсиркунандаи услубҳои ҷории нутқ;
4.Муносибати забони адабии хаттӣ бо шифоҳӣ;
5.Услубҳои нутқи муқарраршуда;
6.Баъзе монандӣ ва фарқиятҳои байни услубҳои нутқ.

**Калидвожаҳо:***ҷавҳар, қолабсозӣ, мантиқ, танфис, тақтеъ, лаҳн, задаи таъкид, коммуникативӣ, экспрессивӣ, эмотсионалӣ.*

Доираи маънои “забони тоҷикӣ” васеъ шуда, забони адабӣ, лаҳҷаю шеваҳо, лафзи гурӯҳҳои сотсиалиро дар бар мегирад. Забони адабӣ ҷавҳари забони умумихалқӣ ба шумор меравад. “Забонро ба адабию халқӣ ҷудо кардан,- гуфта буд А. М.Горкий, - чунин маънӣ дорад, ки забон “хом” мешаваду аз тарафи устодони сухан санҷидаю сайқал додашуда”. Аз ин ҷост, ки забони адабӣ шакли олии таърихан ташаккулёфтаи забони миллист, ки сарвати луғавии ғанӣ, сохти грамматикии мураттаб ва услубиёти таҳаввулу такомулёфта дорад.

Забони адабӣ меъёри талаффузи калима ва баёни фикр, тарзи калимасозӣ, кор фармудани калима ва истифодаи шаклу қолабҳои ифода дорад. Қонунияти фонетикӣ, лексикию семантики, калимасозӣ, шаклу қолабсозиро, ки таърихан ташаккул ва инкишоф ёфта, то замони мо омадааст, чун анъана коим ва устувор нигаҳ медорад. Забони адабӣ қудрат дорад, ки на танҳо сарватҳои маънавии дар тӯли асрҳо андӯхтаи ниёгони моро ғамхорона нигаҳдорӣ мекунад, балки ба инкишофи минбаъдаи тафаккури мантиқӣ заминаи мусоид фароҳам

меоварад.




Забони адабии тоҷик дар асри X ташаккул ёфтааст. Осори хаттии ин давра аз он шаҳодат медиҳад, ки назми форсу тоҷик на танҳо аз ҷиҳати ғоявӣ ва бадеиёт, балки дар соддагӣ, равонӣ ва фасоҳати сухан ҳам дар пояи баланд меистодааст. "Забони шеъри Рӯдакӣ, - навишта буд устод Айнӣ, - бисёр содда ва фаҳмо аст, ӯ калимаҳои арабиро бисёр кам кор мефармояд ва аз суханҳои форсӣ-тоҷикӣ ҳам бештар соддатарин ва оммафаҳмтаринашонро чида гирифта ба кор мебурд".

Осори хаттии насри фанӣ ва идории ин аср низ аз рушду камолоти услубҳои илмию коргузории расмии давлатӣ гувоҳӣ медиҳад. Абуалӣ ибни Сино бо асарҳои дар забони форсию тоҷикӣ таълифнамудааш исбот кардааст, ки ин забон то чӣ андоза қобилияти забони илмӣ шудан дорад. У ба ҷои "ҷамъ" **гирд**, ба ҷои "мизон" **тарозу**, "ашё" - **чизҳо**, "ҳаракат" - **ҷунбиш** менависад ва дар мусикӣ аз созӣ ва носозии овозҳо сухан меронад ва "мо фавқ-ут-табиа" ё "мо баъд-ут-табиа"-ро **берун аз табиат** мегӯяд.

Мисли ҳамин он сарвати маънавӣ, ки дар луғатномаҳои сершумори забони адабӣ гирд оварда шудаанд, аз боигарии

луғавӣ ва имконоти интихоби сухани матлуб ва сареҳ ифода кардани фикр, аз ҷараёни инкишофи таърихии забони адабии форсу тоҷик шаҳодат медиҳад. Кори луғатнависӣ ҳанӯз қабл аз асри X оғоз ёфта бошад ҳам, қадимтарин луғати то замони мо маҳфузмонда "Луғати фурс"-и Асадии Тусӣ мебошад, ки дар асри XI таълиф шудааст. Луғатҳои "Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ" (1606), "Маҷмаъ-ал-фурс" (1600), "Бурҳони Қотеъ" (1652--53), "Фарҳанги Рашидӣ" (1654-55), "Ғиёс-ул-луғот" аз ҷумлаи машҳуртарин луғатҳои тафсирӣ мебошанд.

Аз ҳамин нуқтаи назар дар марҳилаи муайяни тараққиёти ҷамъият вобаста ба гуногун будани соҳаҳои меҳнату фаъолияти одамон аз забони умумӣ шохаҳои гуногуни забон пайдо шудаанд ва тадриҷан ба услубҳои ҷудогона табдил ёфтанд. Дуруст аст, ки ҳиссаи асосии сарвати луғавии ҳар забон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият, дар услубҳои гуногуни нутқ баробар кор фармуда мешавад. Баробари ин, дар забон чунин калимаю ифодаҳо низ кам нестанд, ки доираи истеъмолашон як андоза маҳдуд буда, бештар дар муоширати аҳли қалам ё касбу кори дигаре ба кор бурда мешаванд. Чунончи, истилоҳоти илмию техникӣ бештар дар муҳовара ва навиштаҷоти олимон, аҳли касбу ҳунар дучор меоянд; истилоҳоти косибӣ дар байни косибон маъмул бошад, калимаю ифодаҳои образнок, тавсифоти хушобуранг ва поэтизмҳо дар ашъори шоирон вомехӯранд.

Сохти грамматикии забон ба ҳамаи услубҳои ҷории нутқ баробар хизмат кунад ҳам, ҳангоми баёни матлаб аз унсурҳои шаклӣ, воситаҳои грамматикӣ, қолабҳои ибораю ҷумла дар услубҳои ҷудогона ба тарзу андозаи гуногун фоида бурда мешавад.

Дар ташаккули услубҳои ҷории нутқ омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

1. Вобаста ба он ки мақсади мубодилаи фикр муколима аст ё хабар додани ҳодиса ё воқеа ё ба мусоҳиб таъсир

расонидан воҳидҳои лексикӣ, фразеологӣ, калимасозӣ ва грамматикӣ интихоб мешаванд. Матлаб аз мубодилаи фикрӣ гуфтугу ё муколима бошад, баёни мақсад бо ёрии услуби муошират сурат мегирад, ғараз мухобирот бошад, ба василаи услубҳои илмӣ ва коргузории расмӣ, муддао хонандаро муассир намудан, завқи бадеӣ бахшидан бошад, бо ёрии услуби бадеӣ, нияти нигоранда тарғиби ғояе, воқиф намудан аз рӯйдодҳои муҳимми ҳаёти ҷамъият ва ба мубориза сафарбар намуданбошад, ба воситаи услуби рӯзноманигорӣ ё публицистика фикрбаён карда мешавад.

2. Ҳамаи унсурҳои луғавию грамматикии забон пайваста ба талаботи фикр, ва меъёри услубҳои забон интихоб ва сара карда гирифта мешаванд. Чунончи, барои кушодани моҳияти масъалаҳои мураккаби илмӣ, пеш аз ҳама, талаб карда мешавад, ки ҳар як калима мафҳуми мушаххасро ифода кунад, бинобар ин истилоҳоти илмӣ дар ин услуби забон эътибори қалон пайдо мекунад. Ё ин ки як шарти тасвири бадеии воқеа ин аст, ки ҳангоми мутолиаи асари бадей хонанда он воқеаро равшан тасаввур кунад, бинобар ин дар услуби бадеӣ чунин калимаю ифодаҳо кор фармуда мешаванд, ки ба дарк намудани воқеа ё ҳодисаҳои зиндагӣ кӯмак расонанд.

3. Мақсади ифодаи фикр муқаррар мекунад, ки аз калимаю ифодаҳои хушобуранг, категорияҳои семантикии пуртаъсир баён кардани фикр ва санъатҳои сухан истифода бурдан ҷоиз аст ё не? Масалан, ороиши сухан, кор фармудани калимаю ифодаҳои маҷозӣ, воҳидҳои фразеологӣ, ташбеҳоти халқи, мукаммалтар фоида бурдани имконоти семантикии калимаҳо (синонимия, омонимия, парономия, антонимия, полисемия) яке аз аломатҳои характерноки услуби бадеӣ бошад, дар услубҳои коргузории расмӣ ва илмӣ чунин унсурҳои луғавӣ умуман кор фармуда намешаванд.

Забони адабӣ вазифаи худро чун василаи мубодилаи

фикрӣ одатан ба тарзи шифоҳӣ ва хаттӣ адо мекунад. Забони адабии хаттӣ назар ба шифоҳӣ устувор аст, оҳиста тағьир меёбад. Фикр асосан ба тариқи монолог ифода мегардад. Ҳангоми хаттӣ ифода кардани фикр имкони бомулоҳиза интихоб ва сара карда гирифтани калимаҳо, шаклу воситаҳои грамматикӣ, қолабҳои ифода вуҷуд дорад, бинобар ин матлаб бо низоми муайян, системанок, мукаммал ва пухта баён карда мешавад. Хаттӣ ифода кардани фикр масъулияти бештар дорад, зеро навиштаҷот зуд аз байн намеравад, умри дароз мебинад, бинобар ин нигоранда ба истеъмоли ҳар сухан аҳамият медиҳад, ба таносуби маъноии калимаҳо, мутобиқати шаклҳои грамматикӣ ва пойдории мантиқи сухан эътибор медиҳад. Азбаски ҳар чизи навишташуда ба дасти хонандагони сершумор мерасад, нависанда кӯшиш мекунад, ки дар матни асараш ягон калима бемавқеъ наояд, ягон ҷумла ғалати грамматикӣ ё услубӣ надошта бошад. Адибони пухтакор мусаввадаи асарро гаштаю баргашта хонда қалам мезананд, хатое содир шуда бошад, ислоҳ мекунанд ва баъд манзури хонандагон мегардонанд.

Тадқиқи проблемаҳои мураккаби илмӣ, ҳалли масъалаҳои печ дар печ ҳам тақозо мекунад, ки фикр пай дар пай ва муфассал баён карда шавад, бинобар ин ҳангоми хаттӣ баён кардани фикр ҷумлаҳо калимаҳои зиёдро дар бар гирифта, хеле тафсил меёбанд, қолабҳои мураккаби синтаксисӣ (ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб, воҳидҳои томи синтаксисӣ) эътибори калон пайдо мекунанд:

“Аммо забони насри Бедил аз ҳад зиёд душвор аст, чунон ки дар сарсухани интихоби намунаҳои насраш гуфта шуд, ҷумлаҳои дарози силсиладор бо ташбеҳҳои мураккаб ва истиораҳои печ дар печ насри ин адиби душворписандро ба дараҷаи нофаҳмоӣ расондаанд. Хусусан вақте ки ин гуна ҷумлаҳо истилоҳоти фалсафавиро дар бар гиранд, боз ҳам душвортар мешаванд, зеро ки бештарини онҳо

ғайр аз маъниҳои машҳури луғавиашон маъниҳои махсуси истилоҳиро ифода мекунанд, ки мутолиакунанда дар вақти хондан сари каловаи фаҳмашро гум мекунад” (МАБ, 101).

Дар навиштаҷот ба кор бурдани он ҳама имконоти грамматикию услубии интонатсия, ки дар забони зинда мушоҳида мешавад, имконнопазир аст, зеро бо ёрии он чанд аломати китобат (нуқта, вергул, нуқтавергул, сенуқта, баён, тире, дефис, нохунак, қавсайн, савол ва хитоб) ҳамаи маъною вазифаҳои интонацияи забони гуфтугӯро хаттӣ ифода кардан мушкил аст. Аз ҳамин сабаб нависанда тартиби муқаррарии аъзоҳоро тағйир дода, ҷои задаи мантиқиро кӯчонда, баъзе ҳиссаҳои ҷумларо такрор оварда кӯшиш мекунанд, ки матлабро саҳеҳ, мукаммал ва пуртаъсир ифода намоянд.

Мубодилаи шифоҳӣ одатан ба тариқи муколама (диалог) сурат мегирад. Дар муколама унсурҳои интонация (баланду паст шудани оҳанги гуфтор, суръати нутқ, кашишдор талаффуз кардани калима, тақтеи ҳиссаҳои ҷумла, лаҳни овоз, танфис, задаи таъкид ва ғайра) роли калон мебозанд. Мутакаллим оҳанги гуфторро тағьир дода ба мазмуни ҷумла тобишҳо гуногуни маъноӣ медиҳад, муносибати худро ба мундариҷаи воқеаи баёншаванда зоҳир мекунад.

Дар нутқ илова бар овоз воситаҳои дигари ёридиҳанда, ба мисли имою ишора ҳаракатҳои мимикии лабу даҳон, чашму абрӯвон, ҷабин ва ғайра низ ба равшан ифода ёфтани мақсад ва пуртаъсир баромадани сухан мадад мерасонанд.

Барои фаҳмидани мақсади ҳамдигар дар гуфтугӯ мароми сухан ё ситуацияи нутқ ҳам ёрӣ медиҳад. Ҳамин гуна воситаҳои овозию ғайриовозии лаҳзаи гуфтор имкон медиҳанд, ки дар нутқ баъзе калимаю таркибҳо ихтисор гарданд, фикр бо ёрии ҷумлаҳои нопурра ва ҳатто нотамом ифода ёбад:

Хиромон ишора намуд, ки Иброҳимҷон наздиктар нишинад.

—Акаам мегӯяд, ки ба шумо паспорти нав гирифта доданист. Бо фамилияи нав. —Рост?

Хиромон ба тасдиқ сар ҷунбонид.

—Духтур таъин кардааст, ки паст-паст гап занам,- гуфт ӯ.

Иброҳимҷон ба беморони бистарии палата, ки ҳар кадоме ба ҳоли худ буд, назаре афканд ва гуфт:

—Боз беҳтар. Яъне ман гуфтанӣ, ки…

—Фаҳмо, Иброҳимҷон. Гӯед, ки ба шумо чӣ шуд?

—Ҳеҷ. Ба ҷои коратон омада, маноракрани чаппагардонро дида гумон кардаам, ки… Хиромон, ман бе шумо мемурам… Гуфта будам-ку: дилам ким-чи хел суст шудагӣ (ПҚ, 309).

Азбаски ҷараёни нутқ фурсати бамулоҳиза интихоб карда гирифтани калима ва мувофиқи талаботи фикр сохтани ҷумла намедиҳад, табиист, ки ҳангоми гуфтор баъзан суханҳо такрор ва бемавқеъ кор фармуда мешаванд, ҷумлаҳо ноқису ноҳамвор, ҳатто бемантиқ мебароянд.

Дар гуфтугӯ бештар калимаю ифодаҳои халқӣ, лафзҳои шевагӣ, қалимаю истилоҳҳои хоси касбу кори гуногун, суханҳои дурушти кӯчагӣ (ҳақорат, дуои бад), калимаю ифодаҳои бегона, ки ба нормаи забони адабӣ дохил намешаванд (вулгаризмҳо), таъбиру ифодаҳои хоси баъзе гурӯҳҳои социалӣ ва ғайра серистеъмоланд. Ҳангоми нутқ паҳлуҳои маъноии калимаҳо равшан зоҳир мегардад. Қалимаҳои маъмул ҳам дар мавриди сухан тобишҳои нави маъной пайдо мекунанд.

Забони гуфтугӯ аз ҷиҳати кор фармудани воҳидҳои грамматикӣ ҳам фарқ мекунад. Чунончи, шакли ҷамъи исмҳо бо ёрии суффикси **-ҳо** ифода меёбад; дараҷаи олии сифат ба тарзи **калони калон, хунуки хунук** сурат мегирад; ҷонишинҳои **шумоҳо**, **вайро, худҳошон** ва ғайра

низ дар гуфтугӯ истеъмол мешаванд; бо феълҳои ёвар ифода ёфтани мутлақият ва давомнокии амал (омада монд, зада гирифт, саёҳат карда гаштааст...), ба тариқи “хонетон”, “дам гирифта истетон” шакл гирифтани шумораи ҷамъ дар феълҳои фармоиш, ба воситаи шакли пурраи замони гузаштаи сифатҳои феълӣ ифода ёфтани тарзи мафъулӣ (қарор навиштагӣ, ҳавлиҳо рӯфтагӣ...) ва ғайра низ аз ҷумлаи хусусияти забони гуфтугӯ дар кор фармудани шаклҳои феълӣ ба шумор меараванд.

Бо хелҳои гуногуни коммуникативии ҷумлаҳои содда нисбатан кӯтоҳ ва мӯъҷаз баён кардани фикр, бе пешояндҳои аслӣ ва пайвандакҳои пайвасти паиҳам алоқаманд шудани калимаҳо, бе пайвандакҳои тобеъкунанда ба сарҷумла алоқаманд тардидани ҷумлаҳои пайрав, тағйир ёфтани тартиби муқаррарии аъзоҳои ҷумла ва ҷои ҷумлаи пайрав дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ ва ғайра низ дар забони гуфтугӯй бештар мушоҳида мешавад. Устод Айнӣ дар тасвири заводи пахта ин тарзи ифодаро ба кор бурдааст: Вақте ки роҳи қувватро мекушоянд,...; ...дар он ҷо пахтаҳои той басташударо мегузоранд; ...агар ин бочкаро аз замин бардоред,...; Мазмуни ҷумлаҳои болоро ба тарзи мафъулӣ ҳам ифода кардан мумкин аст; ...роҳи қувват кушода шавад, ...пахтаҳои той басташуда гузошта мешаванд; ...бочка аз замин бардошта шавад. Дар ин сурат тарзи таъбир ба усули қарорнависӣ шабоҳат пайдо мекунад, ки он дар услуби расмӣ маъмул аст. Ҷумлаҳои яктаркибаи номуайяншахс ва умумишахс ба тасвири бадей мувофиқанд, чунки ба тасвир “ҷон” мебахшанд ва онро “зинда” месозанд; ҷумлаи умумишахс хонандаро чун шоҳиди воқеа ба ҷараёни тасвир ҷалб мекунад.

Дар забони тоҷикӣ услубҳои зерин муқаррар шудаанд:

l) услуби забони муошират;

2) услуби забони илмӣ;

3) услуби забони коргузории расмӣ;

4) услуби забони бадеӣ;

5) услуби забони рӯзноманигорӣ (публисистика).

Услуби забони муошират дар муҳити зиндагии рӯзмараи одамон ба кор бурда мешавад. Забони гуфтугӯ адабию ғайриадабӣ мешавад. Забони адабии гуфтугӯ аз забони адабии хаттӣ ё китобӣ аз ҷиҳати истеъмоли луғат ва шаклу қолабҳои грамматикӣ фарқи муайян дорад: дар гуфтугӯи адаби захираи асосии луғавиро калимаҳои умумиистеъмол ташкил медиҳанд. Қалимаҳои таърихию архаистӣ, поэтизмҳо ва неологизмҳои услубӣ ба кор бурда намешаванд. Дар гуфтугӯи адабӣ аз калимаю ифодаҳои баобутоб ва пурмаънои забони зиндаи халқ низ фаровон истифода карда мешавад. Бештар ҳамон унсурҳои луғавии забони гуфтугӯ интихоб мешаванд, ки ҳарактери умумиистеъмолӣ пайдо карда бошанд. Дар бобати меъёри кор фармудани лафзҳои шевагӣ забони гуфтугӯи адабӣ аз ғайриадабӣ бо ҳамин фарқ мекунад, ки калимаю ифодаҳои хоси маҳалҳои ҷудогона ба кор бурда намешаванд. Ҳангоми кор фармудани калимаҳои бегона ҳам меъёри забониадабӣ риоя мегардад.

Дар муоширати аҳли касбу ҳунар, доираҳои гуногуни илм калимаю истилоҳот ва ифодаҳои хоси косибию ҳунармандӣ ё соҳаҳои гуногуни илму техника ба кор бурда мешаванд.

Дар забони гуфтугӯи адабӣ эҳтироз аз такрори калима ва кӯшиши бо таҳаммул интихоб намуда ба маънои сареҳ кор фармудани калима, ҳангоми табрику таҳният майли суханоройӣ ва такаллуфи сухан мушоҳида мешавад.

Фикр дар ҷумлаҳои соддаи начандон тафсильёфта ё ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак, ки аз ду-се ҷумла бештарро дар бар намегиранд, ифода меёбад. Ҳангоми гуфтор тартиби муқаррарин аъзоҳои ҷумларо тағйир дода ё аз навъҳои гуногуни такрор фоида бурда бо ёрии задаи минтиқӣ он ҳиссаи ҷумла, ки маънии муродро дар бар

мегирад, таъкид карда мешавад.

Дар забони гуфтугӯи адабӣ ҳам бо ёрии имконоти грамматикию услубии интонатсия тобишҳои гуногуни маънoӣ, ҳиссиёту ҳаяҷони гуногун ва муносибатҳои манфӣ ё мусбати гӯянда ифода меёбанд.

Мутакаллим ҳангоми сӯҳбат ё нутқ эрод намудан муҳит, авзоъ, майлу рағбат ва рӯҳияи мусоҳиб ё шунавандагонро ба эътибор мегирад ва байни мавзӯн баҳс ва муносибати мусоҳибон робитаи мустаҳкам барқарор менамояд, то ки тири сухан ба ҳадафи матлаб бирасад.

Азбаски таъсири лаҳҷаю шеваҳо ба забони адабии ҳозираи тоҷик ҳанӯз пурзӯр аст, дар талаффузи калимаҳо, кор фармудани шаклҳои морфологӣ (хусусан дар системаи феълҳо), воситаҳои грамматикӣ (пешоянду пасояндҳо) ва тартиби калима дар ҷумла меъёри забони адабӣ пурра риоя намешавад. Дар ин бобат беэътиноӣ, фориғболӣ, ғамхорӣ зоҳир накардан нисбат ба забоня модарӣ ҳам таъсири бад мерасонад.

Услуби забони илмӣ барои сабт намудани маҷмӯи донишҳое, ки ба ягон соҳаи илм, техника ва кашфиёт тааллуқ дорад хизмат мекунад.

Тадқиқгарони форс насри фаниро ба хелҳои мунишиёна, мутакаллифона ва мусаҷҷаъ ҷудо кардаанд. Насри муншиёна тамоми дониши худро бидуни таносуби зиёде зимни баёни мақсуд нигоштан, насри мутакаллифона ба худ ранҷ додан ва луғат ва ибороти дур аз зеҳн овардан ва ҷумалотро бо гуфтаҳон кӯтоҳ ва пурмағз оростан аст (НИ, 150).

Услуби илмиро ба услуби забони илмии тадқиқотӣ ва услуби забони илмии оммавӣ ҷудо мекунанд. Дар услуби илмии оммавӣ бо мақсади дастраси умум гардонидани хулоса ва натиҷаҳои кашфиёти илмӣ ба ҷои истилоҳоти мушкилфаҳм маънидодро ба кор мебаранд ва формулаҳои илмиро бо мисолҳои конкрети зиндагӣ шарҳ медиҳанд.

Услуби забони илмӣ таърихи бештар аз ҳазорсола дорад ва дар ин муддат хеле такмилу инкишоф ёфтааст. Ин ҷараёни тараққиётро аз муқоиса матнҳои зерин, ки ба марҳилаҳои гуногуни инкишофи услуби забони илмии форсу тоҷик тааллуқ доранд, пай бурдан мумкин аст:

Аз китоби мантиқи "Шифо"-и Ибни Сино:

"Шеър сухане аст хаёлангез, ки аз суханоне мавзуну баробар сохта шуда ва назди арабҳо дорои кофия ҳам бошад.

Мавзунии суханон он аст, ки оҳанги шумурда дошта бошад ва баробарни онҳо иборат аст аз ин, ки ҳар сухане аз як даста суханони оҳангдоре таркиб шавад ва шумораи замони он бо шуморан замони сухани дигар баробар бошад ва қофия доштани суханон ба ин маънӣ аст, ки ҳарфҳои охири ҳар қавл якхела бошанд" (ФШ, 72).

Аз китоби Фазлуллоҳ Рашидаддин "Ҷомеъ-ул-таворих" (асри XIII):

"Аввал бибояд донист, ки дар ҳар иқлиме аз ақолими олам мардуми шаҳрнишин ва саҳронишин алоҳида будаанд ва ҳастанд хусусан дар вилояте, ки марғзор бошад ва алаф бисёр ва аз саводу иморот дур, саҳронишинон зиёдат бошанд, чунон ки дар ҳудуди Эронзамин ва мулки араб, ки биёбоне пуралаф ва беоб аст ва чунин замин муносиби шутур бошад, чи алафи бисьёр хӯрад ва об кам" (ҶТ, 71-72).

Аз китоби Аҳмад Махдуми Дониш "Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития" (асри XIX):

"Ва ман боре дар аввали баҳор, ки далели борон камтар буд, ба амир ариза иншо кардам, ки имсол борон камтар аст ва мабод ки дар вақти гармоб об рӯй ба нуқсон ниҳад, ба умеди оби Самарқанд фориғбол натавон нишаст. Агар ишорати олӣ шавад, ба ҳафт тумани Бухоро ба ҳар таноби замин ду танга ҷаъл бифармоянд, ин миқдор танга ҷамъ мешавад ва аз ин маблағ, миқдори ду лак танга харҷ кунанд, аз музофоти Қаркӣ ва Қелиф мумкин аст ки об аз Амуя кашида, ба Бухоро ва Қаршӣ ва Миёнкол оварда

шавад” (МТС, 132).

Дар матни аввал истилоҳоти **шеър, қофия, сухан, қавл, маънӣ, ҳарф, оҳанг, оҳангдор, мавзун, хаёлангез** хоси фанни шеър ва илмҳои балоғат, маъонӣ ва бадеъ аст. Дар матни дуюм калимаҳои **иқлим, олам, мардум, шаҳрнишин, саҳронишин, вилоят, биёбон, замин, ҳудуди Эронзамин, мулки араб** ва ғайрадар илми география маъмуланд.

Чунон ки аён аст, дар услуби забони илмӣ ба маънои мушаххас кор фармудани калимаҳо, хусусияти якмаъной ва фаровонии истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илм, фориғ гардидадани калимаҳо аз сермаъной ва тобишҳои маънӣ, дақиқ ва муъҷазбаёнӣ, орӣ будани сухан аз маҷоз, киноя, муболиға ва умуман обуранги бадей, хусусияти экспрессивӣ (ифоданокӣ) аломатҳои характернок ба шумор мераванд.

Баёни фикр якранг, мунтазам ва ба тариқи нақл ё хабардодан сурат мегирад, бинобар ин интонацияи ахбор мавқеи муҳим ишғол мекунад. Интонацияҳои пурсишу амр умуман ба кор намераванд. Дар ҷумлаҳои хабарӣ амалу аломат бештар ба шахси сеюм нисбат дода мешавад. Тарзи пассиви ифода низ яке аз аломатҳои синтаксисии услуби забони илмӣ ба шумор меравад.

Қолабҳои мураккаби синтаксисӣ ҳам дар ин услуби забон бартарӣ доранд. Ҳангоми баёни фикр ба таносуби компонентҳои ҷумлаи мураккаб, пуррагии таркиби он, инчунин ба пойдории мантиқи сухан аҳамияти бештар дода мешавад. Қисматҳои муҳокимаи фикрӣ бо ёрии калимаю ибораҳои туфайлии **аввалан - сониян, аз як тараф - аз тарафи дигар, якум - дуюм, - сеюм, хулоса, ба ҳамин тариқ** ва ғайра ба низом даровvarда мешаванд, дар натиҷа равиши муҳокимаи илмӣ ба чунин бандҳо ҷудо мешавад, ки ҳар кадоми онҳо воҳидҳои яклухти синтаксисиро ташкил медиҳанд.

Услуби забони коргузории расмӣ барои ифодаи муносибати расмии одамон, корхонаю муассисаҳои давлатӣ,

робитаҳои дипломатии байни мамлакатҳо хизмат мекунад. Ба ақидаи муаллифи «Насри идорӣ» Абутуроб Розонӣ ин услуб «маъмулан ба сурати номанигорӣ, гузориш, сурати маҷлис, пайнавишт, тилгиром, паймоннома, бахшнома, подошт, хулосанависӣ, пешнависи» ба кор бурда мешавад. «Равиши нигориш дар идора ба таври куллӣ тобеи муқаррароти хосе аст, ки ба асари мурури замон ҳама бадон хӯ гирифта ва худ бояд ҳамон дастурҳоро ба кор банданд» (НИ, 151).

Ба тарзи мушаххас зикр намудани фактҳо, дақиқбаёнӣ, роҳ надодан ба духӯрагии маъно аз ҷумлаи муҳимтарин талаботи услуби коргузории расмӣ ба шумор меравад. Матлаб бо ёриикалимаҳои умумиистеъмол, ки ҳеҷ гуна тобишҳои иловагӣ ва обуранги услубию эмоционалӣ надоранд, хушку якранг ифода мегардад.

Дар забони ҳуҷҷатҳои давлатӣ фаровон истифода намудани истилоҳоти иҷтимоию сиёсӣ, дар ҳуҷҷатҳои корхонаю муассисаҳо такрор омадани калима, ифодаҳои рехта ва истилоҳоти хоси ҳамон корхонаю муассиса мушоҳида мешавад. Дар ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, қарордодҳои давлатӣ ва муносибатҳои дипломатӣ ба саҳеҳ ифода ёфтани фикр, пойдории мантиқи сухан эътибор дода мешавад, зеро нуктаи норавшан ё духӯра боиси гумроҳиҳо ва натиҷаҳои номатлуб шуда метавонад.

Дар матни ҳуҷҷатҳои расмӣ (ариза, справка, забонхат, ваколатнома, даъватнома, шаҳодатнома ва ғайра) баъзе иборaю ҷумлаҳо дар натиҷаи бе дигаргунӣ бисьёр такрор намудан ба ифодаҳои рехтаи тайёр табдил меёбанд. Чунончи, ҳама гуна справка ҳатман чунин оғоз меёбад: Дода шуд дар ин бора, ки...

Забони ҳуҷҷат такаллуф ва ороиши сухан, ифодаи эҳсосот ва муносибатҳои субъективонаро намепарварад. Бо номи худифода кардани фактҳо, дар мавриди зарурат бидуни ишоратхои умумӣ такроран зикр намудани онҳо ҳусни нигориши коргузории расмӣ ҳисоб меёбад.

Дар услуби мазкур фикр холисона, бо низоми муайян ба тариқи хабар додан баён мегардад. Ҷумлаҳои соддаи дутаркибаи тафсилӣ ва мураккаби пайваст бештар истифода мешаванд. Дар матни ҳуҷҷатҳои қонунгузори бо роҳҳои гуногун ифода намудани шарҳу эзоҳот ва маънои шарт характернок бошад, дар қарор, амру фармон бо ёрии тарзи пассиви ифода ва ҷумлаи яктаркибаи бешахс баён кардани фикр маъмултар аст. Дар матни зерин нависанда ба ҳамин хусусияти услуби расмӣ таклид намуда, хислати расмиятпарастиро ҳаҷв мекунад:

—Ҳар як инсон, ман ба шумо гӯяму шумо ба ман зеҳн монед, дар ҳаёт, яъне дар рӯи замин, аз худ бояд нишонае гузорад. Ин якум… Дар ҳар кор навигарӣ дарорад. Ин дуюм. Бояд икрор шавам, ки худи ман ҳам навигариро дӯст медорам. Ин сеюм. Набошад зиндагӣ пеш намеравад. Ман ба шумо гӯяму шумо ба ман зеҳн монед, ин чорум. Хуллас, ки ҳар кас бояд худашро нишон диҳад. Ин шашум, э… панҷум. Хулоса, ман ба шумо гӯяму шумо ба ман зеҳн монед, рафиқҳо, мо кори худро бояд аз ҳамин рӯз эътиборан аз решааш дигар кунем. Ин ҷилу якум. Ҷоннок кунем. Ин чилу дуввум. Яъне дар ҳаммом ҳам халқро ба ҳар хел навигариҳо одат кунондан, гуё тарбия кардан мумкин ва лозим ва шарт ва ҳатмист. Ин чилу…

1. Аз 17 ноябри соли 1959 шӯъбаи занона ба шӯъбаи мардона табдил дода шавад.

2. Аз худи ҳамон рӯз шӯъбаи мардона ба шӯъбаи занона табдил дода шавад…

3. Бо мақсади сарфаю сариштаи моликияти давлат лавҳаҳо ба дарҳо на бо дутоӣ, балки бо яктагӣ мех кӯфта шаванд.

4. Диққати коллективи ҳаммом ба он ҷалб карда шавад, ки дар сарфакорӣ ҳар рӯзу ҳар соат ташаббус ва фаъолият нишон доданашон лозим, шарт, зарур ва ҳатмист… (СМ, 239-240).

**Савол ва супоришҳо:**

Меъёрҳои талаффуз дар забони адабӣ дар чиҳо зоҳир меёбанд?

Кадом омилҳои таъсиркунандаи услубҳои нутқро медонед?

Монандӣ ва фарқияти байни услубҳо дар чиҳо зоҳир мегарданд?

Алоқаи байни услубҳои китобӣ ва муоширатротавзеҳ диҳед.

Аҳамияти услубҳои нутқро дар забони адабӣ шарҳ диҳед.

## Мавзӯи 12. Нақши нафаскашӣ, овоз ва талаффуз дар хониши ифоданок

**Нақша:**

1.Нақши нафаскашӣ дар ифодаи фикр;

2.Нақши хонишгарӣ ва гӯяндагии муаллим дар хониши ифоданок;

3.Нақши овоз ва талаффуз дар баёни матлаб;

4.Нақши омӯзгор дар хондани матнҳо.

**Калидвожаҳо***: аломати ист, диафрагмма, хонишгарӣ, таваққуф,муассир, эҳсос, салис, фосила, тақлид, диапазон, генератор.*

Тибқи талаботи маводи дастурии соҳаи педагогӣ яке аз ҷузъҳои техникаи педагогӣ ба даст овардани малакаи сухандонии омӯзгор, яъне қобилияти хубу равон сухан гуфтан, каломи худро зебо ва возеҳ баён кардан, ба таври муассир ифода намудан, фикру ҳиссиёташро бо калима байн кардан аст.

Яке аз арзишмандтарин сифати муаллим метавонад фарҳанги сухан ва рушди нафасгирии дуруст бошад. Баланд бардоштани малакаҳои муоширати шифоҳӣ, на танҳо нақл ва шарҳ, балки таъкид низ имкон медиҳад, ки таъсири омӯзгорӣ беҳтар истифода шавад. Омӯзгор бояд қодир бошад, ки овоз ва намуди зоҳирии худро идора карда тавонад, зоҳир ва чеҳраи худро назорат кунад.

Дарки матлаб ва хосу мувофиқ баромад кардан ва қобилияти бо забони воло сухан рондани муаллим кафолати азхудкунии хонандагон мебошад. Донишҷӯён ба нутқи муаллим диққати махсус медиҳанд. Талаффузи нодурусти ҳарф ё садо ва ё риоя накардани меъёрҳои талаби гӯйиш метавонад боиси ханда гардад. Суханронии норавон донишҷӯёнро зуд хаста мекунад.

Аз рӯйи фикру ақидаи баъзе коршиносон садо ва тембри он модарзодӣ аст, аммо физиологияи ҳозираи таҷрибавӣ тасдиқ мекунад, ки сифати овоз бинобар саъю кӯшиш ва ҳаракати худи шахс метавонад тағйир ёбад. Амалиёте бо забони равон ва возеҳ ба шумо кӯмак мекунад, ки андешаҳои худро равон нигоҳ доред. Сухан бо имову ишора, рӯй ва имову ишора ҳамроҳӣ мекунад ва рафтори пайваста имкон медиҳад, ки интихоби василаи муассир ислоҳи бомуваффақият шавад.

Дар давраи кунунӣ якчанд намуди машқҳои логопед мавҷуданд. Онҳо, асосан, ба таҷрибаи педагогикаи театрӣ асос ёфтаанд, ки малакаҳои нафаскашӣ, ташаккули овоз ва баёни пурмазмунро ҳангоми сухан такмил медиҳанд, ки ин ба муаллим имкон медиҳад, ки маънои суханони худро ба донишҷӯён пурра расонад.

Аслан, нафас вазифаи физиологиро иҷро мекунад, ки ба организм ҳаёт мебахшад. Дар баробари он инчунин манбаи энергияи нутқ ҳам мебошад. Нафаскашӣ ҳангоми сухан гуфтан нафасгирии фонатӣ номида мешавад. Дар ҳаёти ҳаррӯза сухан бештар дар шакли муколама сурат мегирад. Барои ҳамин нафаскашӣ душвор нест. Дар давоми дарс муаллим бисёр сӯҳбат мекунад, мавзӯи навро мефаҳмонад, лексия мехонад. Вобаста аз он ки мушакҳо дар сухан иштирок мекунанд, якчанд намуди нафаскашӣ мавҷуданд.

Нафаскашии болоӣ аз баланд шудани китфҳо ва қисми болоии қафаси сина ба амал меояд. Ин як нафаси холии набуда мебошад, ки танҳо қисми болоии шушро дар бар мегирад.

Нафасгирии сина тавассути мушакҳои байни қабурға ба вуҷуд меояд. Ин ҳаҷми transverse нафасро тағйир медиҳад. Нафасгирии диафрагматикӣ аз зиёд шудани ҳаҷми дарозии қафаси сина ба амал меояд. Диафрагма - нафасгирии қабурғагӣ, кашишхӯрии диафрагма дар ҳузури

мушакҳои нафаскашии байни қабурға ба амал меояд.

Овоз аз ларзиши ритмҳои овоз ба амал меояд, зеро ҳавои нафаскашӣ аз гулӯ мегузарад. Овоз бо хусусиятҳои зерин тавсиф мешавад:

Қувваи садо - аз фаъолияти фаъоли узвҳои дастгоҳи овозӣ вобаста аст. Чӣ қадаре ки фишори ҷараёни ҳавои ихроҷшуда ба садо зиёдтар бошад, садо баландтар мешавад.

Ҳаминро бояд гуфт, ки ҳаво дар нафасгирии муқаррарӣ барои нутқ норасост. Вақте ки шумо ҳарф мезанед, дар ин вақт назар ба нафаскаши муқаррарӣ хеле дарозтар нафас мекашед. Ҳангоми нафас баровардан садо пайдо мешавад. Машқҳои махсус мавҷуданд, ки диафрагма, мушакҳои шикам ва мушакҳои байниқабатиро тақвият медиҳанд. Ба ин нафаскашии амиқи бинӣ дохил мешавад, ки он ҷо мерасад. Шумо мушоҳида мекунед, ки қисматҳои хурди шушатон аз нафас пур шуда, мушакҳои шикаматон шиддат мегирад ва қабурғаҳои поёнии шумо васеъ мешаванд. Шумо бояд кӯшиш кунед, ки ҳамон як машқро рост истода иҷро кунед. Аммо, ҳар чӣ бештар ҳаво бояд дар қисми поёнии шуш бошад.

Садо ҳангоми аз гулӯ (шуш) гузаштани ҳаво тавассути риштаҳои овоз ҳосил шуда, тавассути даҳон баланд мешавад. Дар сурати табобат накардан, баъзан садо гум мешавад.

Системаи садо аз се қисм иборат аст:

1. Генератор - тавлиди овоз дар зеҳи овоз ташаккул меёбад, ки дар он нақши ковокии даҳон хурд аст. Саҳмҳои садо аз садо ва оҳангҳо фарқ мекунанд.

2. Системаи резонатор - он гулӯ, ҳалқ, пуфак ва биниро дар бар мегирад ва онҳо қувват (статикӣ) ва динамикаи овозро таъмин мекунанд.

3. Системаи энергетикӣ - миқдор ва суръати нафасгирии қавӣ аз шушро таъмин мекунад.

Қудрати овоз пеш аз ҳама барои нутқи мураббӣ зарур

аст. Ин аз қувват ва суръати нафасе, ки аз шуш меояд, вобаста аст.

Баландии садо ин қобилияти дур бурдани садо ва баланд кардани садо мебошад.

Вобаста аз мундариҷаи овоз, шароит ва табъи шунаванда ҳаракат ва тағирёбандаи садоро ба осонӣ танзим кардан мумкин аст. Ҳаракатро ба намудҳои паст, миёна ва баланд ҷудо мекунанд.

Парвози садо ин интиқоли садо ба масофаҳои дароз ва танзими баландии овоз мебошад.

Ҷузъӣ ва ҳаракатнокии садо маънои онро дорад, ки шунаванда метавонад онро ба мундариҷа мутобиқ кунад.

Диапазон ҳаҷме мебошад, ки дар боло ва поён муқаррар карда шудааст. Кам кардани диапазон нутқро якранг месозад. Сухан бо як оҳанг дарки иттилоотро суст мекунад, хоб меорад.

Тимбре ранг, тобиши садо, инчунин ҷаззобӣ ва беҳамтоии он мебошад.

Диктсия талаффузи возеҳ аст. Дурустии талаффуз кафолат медиҳад, ки нутқи муаллим аз ҷониби донишҷӯён дуруст фаҳмида мешавад.

Нафасгирӣ дар нутқ ва хониши бадеӣ аҳамияти калон дорад. Ҳангоми суханронӣ инсон ба воситаи шуш нафас мегирад, кори мӯътадили диафрагма шарти мураттаб гуфта шудани сухан, нағз ва форам садо додани овоз аст, ки боиси возеҳии нутқ мегардад. Андозаи нафаскашӣ зарур аст. Ҳангоме ки дар сандуқи дил ҷой мегирад, барои пурқувват шудани овоз сабаб мешавад. Вақти хондани матн ба дурустии нафаскашї риоя карда, мувофиқи аломатҳои ист таваққуф кардан зарур аст. Пеш аз оғози хониш нафаси пурра ва дар таваққуфҳои маъноï нафаси кӯтоҳ гирифтан лозим аст. Пурра нафас кашидан ҳам дар аввал, ҳам дар охир ва баъзан ҳангоми хондан мумкин аст. Бо номи ту ин калом модар! (кӯтоҳ) Бар шири ту эҳтиром модар! (кӯтоҳ)

Ҳар соату субҳу шом модар! (кӯтоҳ) Аз љону дилам салом модар! (дароз) Овоз ва оҳанг. Дар љараёни овоз ҳамаи узвҳои нутқ иштирок мекунанд. Ин протсесс ба кори шуш ва нафаскаши марбут аст. Аз ин рӯ, барои кори мӯътадили узвҳои нутқ солим будани онҳо шарт аст. Узвҳои нутқро эҳтиёт бояд кард, то садопардаҳо шамол хӯрда, боиси вайрон шудани овоз нагардад. Овоз асоси оҳанги асари бадеист. Хонанда ба туфайли хониш оҳанги талаффузи матнро муайян мекунад. Характери материали адаби ва усули баёни асар тарзи хониш ва оҳанги онро муайян мекунад. Масалан, орзуву умед, ҳис, ҳаяљон, хурсандї, ба ваљд омадан, манзара, ҳодисаҳои табиат ва ғайра. Хониши орому мавзун дар хондани афсонаву ҳикоя матлуб аст. Дар лирика таассурот, эҳсосот ва андешаи адиб инъикос меёбад. Фикру андеша ва ҳиссиёту ҳаяљон чи қадар пурқувват бошад, хониши буррову фасеҳ ҳамон қадар муассиру таъсирбахш хоҳад шуд. Равияи бадеї –равонии хониши ифоданок ба он љиҳат эътибори љидди медиҳад, ки дар рафти таълим дар сиришти хонанда (шунавандагон) ҳатман ҳиссиёту ҳаяљони руҳї ба вуљуд оварда шавад. Барои ин ҳиссиётро ба вуљуд овардан солим будани узвҳои нафасгирї шарт ва зарур аст . Агар яке аз узвҳои нафасгирї носолим бошад (димоғ, гулӯ, шуш), албатта овоз хастаю баста ва дилхарош ба гӯш мерасад ва дигар қобилияти гӯяндагӣ гум мешавад. Аз ин ҷост, ҳар як нотиқ ва ҳар як омӯзгорро лозим меояд, ки барои побараъло нигоҳ доштани қобилияти гӯяндагии хеш узвҳои нафасгириро эҳтиёт намоянд, то ин ки қудрату тавоноии ин узви бадани инсон кам нагашта, солиму бардам бошад.




Кори муаллимӣ ҳам санъатварӣ аст. Хонишгариву гӯяндагиҳои муаллим бояд дар асоси дарёб кардани маънои аслии матн ташкил карда шавад, то ки аз оҳанги гуфтор, тарзи баён ва лаҳну навои сухани муаллим рагу пайи мактабиён ба ҷунбиш омада, вуҷудашонро ҳису ҳаяҷон фаро гирад ва онҳо зебоиҳои адабиётро дар карда тавонанд. Дар дарс ва хусусан дар таълими хониши ифоданок мумтозу таъсирбахш баён шудани мавзӯъ таъсири муҳим дорад. Вале ба вуҷуд овардани ин гуна аҳвол ва дар рафти амалиёт нигоҳ дошта шудани он корест мушкил ва заҳматталаб. Дар ин марҳила инсон вобаста ба инкишофи хусусиятҳои меҳнат дағал ё суфта будани олатҳои офариданро эҳсос ва фарқ карда метавонистагӣ шудааст. Дар ӯ қобилиятеро ба вуҷуд овардаанд, ки аз дидани рангу бори ашёҳо, аз шунидани лаҳну навои мурғону суруди обшорон ва аз гуфтори форму шево ба ваҷду ҳаяҷон омада, ба идомаи он талабот пайдо шудаанд. Аз ин рӯ ҳатто сухани бомаъниву хушоҳанг танҳо дар мавриди муассиру гӯшнавоз ифода шуданаш мақбулу маъқул induced дониста мешавад. Тақозои ин маънӣ тадриҷан дар гуфтану хондани асарҳои бадеӣ шахсиятҳои мумтозро ба камол расондааст. Ин

шахсиятҳоро барои хушоҳангу гушнавоз табииву самимӣ ифода шудани сухани худ ба дараҷае эътибор додаанд, ки шунаванда мафтуни гуфтори онҳо шуда, худро фаромӯш менамояд. ӯ суханони онҳоро эҳсоскунон ба мадду ҷазри воқеаву ҳодисаҳои асар афтода, талошу талвоса менамуд, оҳанги баёни сухангӯро шунида месӯхту мепухт ва олами тасвиркардаи ӯро медиду мезист. Масалан, дар рафти «Гӯрӯғлихонӣ» ба чӣ ҳол гирифтор шудани шунавандаро академик Раҷаб Амонов ин тавр тасвир кардааст: «аҳли маърака на танҳо аз аввал то охир бо камоли диққат гӯш мекунанд, балки мутаассиф шудаву ба ҳаяҷон омада, ҳар замон ё ба гӯянда таҳсин хондаву арзи миннатдорӣ карда, ё кори баҳодурони Ҷанбулро маъқул дониста ва ё ба душманони Аваз таъна зада, садоҳо мебароранд. (ҳа ҷонъм қурбонт шава), (ҳа, ай забони ширинат гардм, забонта бхрм, сатқат шавам) баъзеҳо ба ҷои худ нишаста натавониста, ғеҷон – ғеҷон ба гӯянда наздик шудан мегиранд». Дар ҷойҳои ҳузнангези достон гиря кардани ҷамъомадагон як ҳолати умумӣ ва доимист. Гӯянда чӣ ҳунар дорад? Аз чист, ки ӯ ин қадар пуробуранг, самимиву табиӣ ба муассиру пурэҳсос сухан мегӯяд? Асрори сухани ӯ чист? Асрори сухани гӯянда эҳсос аст. Вай ба мазмуни суханони худ боварии комил дорад. Ҳамин кайфияти аҳвол ҷисму ҷони ӯ, аз ҷумла аппарати овозу нотиқаро низ фаро гирифтааст. Маҳз бо туфайли ҳамин аҳвол оҳанги гуфтори ӯ ин қадар табииву самимӣ ва гӯшнавозу дилошӯб садо медиҳад. Лаҳзаи ист, ҷараёни овоз, қувваи овоз. Баландии ҷараёни овоз Хондани матн асосан ду навъ мешавад: хониши баланд ва дар дил хондан. Муаллим аз ҳар ду навъи хониш истифода мебарад. Масалан, ӯ ҳангоми ба машғулият тайёрӣ дидан матни интихобшударо як –ду маротиба аввал дар дил, баъд баланд мехонад. Ҷои ист, зада, агар матни шеърӣ бошад, тақтеъ карда, фосила ва савти сатрҳоро муайян мекунад. Мақсади ин хел машқ фаҳмидани

мазмуни матн бо характер ва хусусияти он шинос шуда, ба хониши бадеӣ омода гардидан мебошад. Муаллим бояд матнро дуруст ва саҳҳеҳ бихонад. Хониши дуруст нутқи кӯдакро инкишоф медиҳад, зеро кӯдакон ба калонсолон тақлид мекунанд. Онҳо монанди муаллим хондан ва сухан гуфтанро ҳавас мекунанд. Бинобар ин, ҳангоми тайёрӣ дидан ба машғулиятҳои инкишофи нутқ муаллим бояд мақсад ва тарзи хонишро пешакӣ муайян кунад, синну сол ва дараҷаи тараққиёти кӯдакро ба ҳисоб гирифта, матн интихоб намояд. Ба муаллим барои гузаронидани машғулиятҳои хониши бадеӣ донистани санъат ва сохти шеър, мазмуну шакл, воситаҳои тасвир, фасоҳату балоғати калом ва амсоли инҳо ниҳоят зарур аст. Манбаи дигар, ки ба инкишофи нутқи кӯдак, бой гардидани захираи луғавии ӯ ёрӣ мерасонад, адабиёти шифоҳии халқ аст. Муаллим бояд онро хеле хуб донад. Вай дар асоси маъмултарин воситаҳои санъати сухан: ташбеҳ, истиора, муболиға, маҷоз, талмеҳ ва ғайра бунёд ёфта, мазмуни амиқ ва шакли зебое дорад ва нутқро хеле салису саҳеҳ мегардонад. Барои ба каломи адабӣ ва хониши бадеӣ омӯзонидани кӯдакон шартҳое мавҷуданд, ки онҳоро бояд донист ва риоя кард.

**Савол ва супоришҳо:**

Нафаскашӣ дар ифодаи фикр кадом нақшҳоро иҷро мекунад?

Вазифаи омӯзгор дар нақши овоз ва талаффуз аз чиҳо иборат аст?

“Гӯрӯғлихонӣ”-и Раҷаб Амоновро шарҳ диҳед.

Чиҳо ба инкишофи нутқ кӯмак мерасонанд? Мухтасаран эзоҳ диҳед.

## Мавзӯи 13. Дорої ва рангорангии нутқ

**Нақша:**

1.Ғановат боиси рангорангии сухан аст;
2.Хазинаи луғавии забони адабӣ нисбат ба гуфтугӯӣ;
3.Услубҳои ҷории забон аз лиҳози ғановти луғавӣ;
4.Нақши муродиф ва неологизмҳо дар ғановати нутқ;

**Калидвожаҳо***: созгор, ғановат, таносуб, таъбир, ёзида, сиришк, шикебоӣ, духӯра, муштарак, васила, омил, силсила, муродиф.*

Суханеро ғанӣ мегӯянд, ки маъниро дар заминаи луғати фаровон, имконоти васеи калимасозӣ, шаклу қолабҳои созгор фасеҳ ифода кунад. Забони ғанӣ забонест, ки захираи бои луғавӣ, сохти омили грамматикӣ ва услубхои ҷории такмилёфта дошта бошад, то ҳама гуна мафҳумро бекаму кост ифода карда тавонад, ба саҳеҳу пурра баён кардани фикр ва эҳсосот қодир бошад, дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъият мубодилаи фикрро гардонад.

Истилоҳи "ғановат" бо ҳамаи воҳидҳои забон (фонетика, луғат, фразеология, калимасозӣ, шакл, структура) алоқамандӣ дорад, вале дар ин фасли китоб бештар аз хусуси ғановати лексикию семантикӣ ва қолабҳои синтаксисӣ сухан меравад, зеро ғановату тавоноии забон асосан дар хазинаи луғавӣ ва қолаби ифодаи фикр аён мегардад.

Дар ҳамаи калимаҳо мафҳумҳои ашё, аломат, хусусият, миқдор, амал, ҳолат ва ғайра бо тамоми нозукиҳои маънӣ ифода меёбанд. Семантикаи калимаро ба маъноҳои луғавию грамматикӣ, асосию иловагӣ (тобишҳои маъно), аслию маҷозӣ ҷудо мекунанд, ки маҷмӯи онҳо маънои денотативии калимаро ташкил медиҳад. Илова бар ин

калимаҳо дорои сарбории маъно мебошанд, ки эҳсосот ва муносибатҳои манфию мусбати гӯянда, обуранги услубӣ ё маънои коннотативии воҳидҳои луғавиро дар бар мегиранд.




Қалимаҳое, ки дар забон маънои мустақили луғавӣ доранд, аз ҷиҳати дараҷаи истеъмол як хел нестанд, бинобар ин онҳоро ба калимаҳои серистеъмолу камистеъмол ҷудо мекунанд. Ба гурӯҳи аввал калимаҳои решагӣ дохил мешаванд, ки бо доираи васеи калимаҳо таносуби маъноӣ дошта, дар ин замина ҷилоҳои нав ба нави маъноӣ пайдо карда, тадриҷан сермаъно шудаанд. Қалимаҳои сермаъно бо чанд силсилаи калимаҳои дигар муносибатҳои семантикӣ (синонимӣ, антонимӣ, омономӣ ва ғайра) пайдо карда, ба сареҳ ва пуртаъсир ифода кардани фикр кумак мерасонанд.

Айнан ана ҳамин гуна калимаҳо бунёди захираи луғавии гуфтугӯ ва хаттиро ташкил медиҳанд. Хазинаи луғавин забони адабии китобӣ нисбат ба гуфтугӯӣ ғанитар аст. Дар марҳилаҳои гуногуни инкишоф боигарии луғавии забон адабӣ дар луғатномаҳо фароҳам оварда, аз ҷиҳатҳои гуногун тафсир карда мешаванд. Забони хаттӣ аз лиҳози

семантика низ назар ба забони шифоҳӣ бойтар аст, чунки маъноҳои калимаҳо чун бозёфти маънавии инсон дар луғатҳо сабт мегарданд ва дар зарфи асрҳо эҳтиёткорона нигаҳ дошта мешаванд. Забони зинда мудом дар ҳолати такмилу инкишоф аст ва дар ин ҷараён баъзе маъноҳои калима гӯё нопадид ё фаромуш мегарданд. Чунончи, феъли «намудан» дар забони адабии ҳозираи тоҷик асосан чун феълӣ ёвар (муродифи «кардан») кор фармуда мешавад. Дар адабиёти классикии форсу тоҷик ин феъл бо якчанд маънӣ мустаъмал будааст:

а) Нишон додан, ишора кардан:
Душвор **намой** руху душвор диҳӣ бӯс,
Осон бирабой дилу осон бибарӣ ҷон. ***(Рӯдакӣ)***
б) Намоён шудан, зоҳир шудан:

В-аз он пас зи ором сардӣ **намуд**,
Зи сардӣ ҳамон боз таррӣ фузуд ***(Фирдавсӣ)***

в) Ба назар омадан:

Эй ки шахси манат ҳақир **намуд**,
То дуруштӣ ҳунар напиндорӣ:
Аспи лоғармиён ба кор ояд,
Рӯзи майдон, на гови парворӣ
***(Саъдӣ //Ниг. ба ФЗҚ, 11, 832)***

Феъли «намудан» ба маъноҳои грамматикии фоилу мафъул истеъмол шудааст. Дар маънои фоил бо феълҳои таркибии «нишон додан», «намудор кардан», «зоҳир намудан» ва амсоли онҳо муродиф буда, чи дар забони адабии пешина ва чи дар забони адабии имрӯза ба тарзи мувозӣ истифода мешаванд:

Шуд фиристода пеши меҳмон зуд,
Он чи оварда буд, ба-дӯ **бинмуд**;
Пас **нишон дод**, к-он дарахт куҷост
Гуфт: “Аз он обхӯр, ки водии мост...” ***(Низомӣ)***

Баъд аз як рӯзи гуфтушунидҳо хатти роҳи халос шуданро кашида, худро бемор нишон дод (К, 1, 199).

Ҳамин феъли «намудан» дар маънои мафъул дар забони гуфтугӯӣ ва хаттии имрӯза ба кор бурда намешавад: ин маъниро одатан ба феълҳои таркибии “намудор шуд”, “зоҳир гардид” ва ғайра ифода мекунанд.

Услубҳои ҷории забон аз лиҳози ғановати луғавӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ҷиҳати захира, рангорангии услуби бадеӣ аз услубҳои дигар ғанитар аст. Инро бо усули таҳлили статистикӣ матнҳоро муқоиса карда муқаррар намудан мумкин аст. Дар забони асари бадеӣ нисбат ба услубҳои илмӣ, расмӣ ва публисистика миқдори калимаҳои маънодор хеле бисёр мебошанд: дар услубҳои дигар калимаҳо (хусусан истилоҳоти илмӣ, техникӣ, коргузорӣ) зуд-зуд такрор мешаванд, дар услуби бадеӣ ба такрори калима роҳ дода намешавад ё дар сурати такрор ҳам ба дараҷаи вуфур намерасад. Луғати матни асари бадеӣ дар бобати ғановати маънӣ ҳам аз луғатҳои услуби илмӣ ё публисистика фарқ мекунад. Дар матнҳои осори бадеӣ на танҳо маъноҳои асосию иловагӣ, аслию маҷозӣ, балки тобишҳои ноаёни маъноӣ ҳам падид меоянд. Бинобар ин, ба қавли академик В. В. Виноградов, он маъноҳои калима, ки дар луғатҳо тафсир шудаанд, ба маъноҳое, ки дар асари бадеӣ падидор мегарданд, баробар намоянд.

Ҳаминро ҳам хуб дар хотир нигоҳ доштан зарур аст, ки вобаста ба мавриди сухан, муносибат ва авзои мусоҳибон калимаҳо дар мавриди гуфтугӯ тобишу маъноҳои нав пайдо мекунанд. Мисли ҳамин, феъли «ёзидан» дар матни зерин ба маънои болидан ва аз худ рафтан омадааст:

—Ман наботчой намехӯрам, — гуфт зани хурдӣ оташинона, ба келин додан гиред. Наботро амакашон барои он кас фиристодаанд!

—Хуб, шумо намехӯрда бошед, ман мехӯрам, — гӯён зани калон пиёлаи наботчойро аз пеши палонҷаш гирифт ва илова кард, - амакаш аз барои келин фиристода бошанд ҳам, «аз давлати шолӣ курмак об мехӯрад» гуфтагӣ гапҳо ҳаст.

—Лекин ман шумо барин кӯрнамак нестам, ман биринҷу «биринҷи миёнколӣ барин **ёзида** рафта истодаам», гуфт зани хурдӣ боз бо ҳамон вазъияти оташинона…

—Бохабар бошед, ки ёзида-ёзида ланҷ шуда наравед, гуфт зани калон бо оҳанге, ки гӯё аз оташинии палонҷаш завқ мегирифта бошад (К, IV, 191-192 ).

Дар услуби забони гуфтугӯ таъбиру калимаҳои пурмаъно ва баобутоби халқӣ, ифодаҳои образноки рехта, ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя ва муболиғаҳои халқӣ, калимаю ифодаҳои хоси касбу ҳунари гуногун (дуредгарӣ, заргарӣ, мӯзадӯзӣ, наққошӣ ва ғайра), алфози сақил (дуои бад, дашном, танбеҳ), калимаҳои ғайриадабии бегона (вулгаризмҳо) ва ғайра серистеъмол мебошанд ва бо чунин унсурҳои луғавӣ аз забони адабии китобӣ фарқ мекунанд. Чунин калимаю ифодаҳо дар забони асарҳои бадеӣ бо мақсади наздик кардани нутқи қаҳрамону персонажҳо ба забони гуфтугӯ ва барои фардӣ гардонидани тарзи гуфтори онҳо истифода мешаванд:

—Бародарҳо. …Ман ба шумо мегӯям, ки Собир бачаи бад нест. Вай **ҷони одам**…

—Э расо ғози сухана кашидӣ-ку!

—**Вой мурам**. Ин бача мағзи масъаларо кай мебароварда бошад?.

—Хуш, ман мегӯям, ки вай **ҷони одам**. Барои чӣ ин тавр мегӯям? Чунки як бор маст шуда будам…

—Ҳа-ҳа-ҳа. Э **намурӣ** ту, **масхарабоз**!

—Чанд **шишаро холӣ кардӣ?**

—Ба шиками гурусна **дам кашидагӣ, шаҳбоз**. (СМ, 80).

Бояд дар хотир дошт, ки забони асари бадеӣ аз ҷиҳати истифодаи калимаҳои хушобуранг ва баоҳари адабии китобӣ, унсурҳои луғавии ороиши сухан, тавсифот, калимаҳои образноки забони назм (поэтизмҳо), калимаю ифодаҳои кӯҳнашуда (архаизму историзмҳо), калимаю ибораҳои тару тоза (неологизмҳои услубӣ) ва амсоли инҳо аз услубҳои днгар фарқ мекунад. Намуна:

Ин андешаҳо ва мулоҳизаҳо хирмани сабр ва шикебоии Бибиоишаро ба бод медод. Баъд аз соате, ки Одина аз хона дур шуд, Бибиоиша хост ба ҳой-ҳой гириста нола ва фарёд бароварад, лекин аз он ҷое ки ин гуна фарёди бемаҳал сабаби фош гардидани рози Одина ва боиси гирифториаш мешуд, ночор оҳи сарде аз дили пурдард кашида лаб фурӯ баст. Аммо чунон лаб фурӯ бастане, ки дарунаш аз оташи ҷудоӣ ва фироқ чун кӯраи ангиштгарон аланга мезад. Оре, аз ду чашми хунбораш сиришкравон шуда кӯшиш мекард, ки ин оташро ба қадре фурӯ нишонад. Аммо чӣ фоида, ки:

“Шиддати оташи дил сард нашуд з-оби сиришк,
Ин танӯрест, ки андеша зи тӯфонаш нест”. ***(Қ, 1, 202)***

Дар ин лавҳаи тасвир калимаҳои **шикебоӣ, роз, сиришк, лаб фурӯ бастан** китобӣ буда, нисбат ба калимаҳои адабии умумиистеъмол хеле кам кор фармуда мешаванд, бинобар ин ба тасвир тароват ва тозагӣ мебахшанд. Ифодаҳои маҷозии «хирмани сабр ва шикебоӣ», «оҳи сард», «чашми хунбор», «оташи дил» дар заминаи шабоҳати зоҳирӣ ё ботинии ашёю ҳодисаҳо бо ҳолати шахс ба миён омадаанд ва ба туфайли образнокӣ завқи бадеӣ бахшида хонандаро мутаассир месозанд. Ифодаҳои «андешаҳо ва мулоҳизаҳо хирманро... ба бод медод» «дарунаш (вуҷуди

инсон ё дили вай) аз оташ... аланга мезад», «сиришк... кӯшиш мекард, ки оташро фурӯ нишонад», «оташи дил сард нашуд» низ маҷози феълӣ буда, бо ёрии санъатҳои бадеӣ, амсоли ташбеҳу ташхис ба вуҷуд омадаанд.

Муродифҳои "андешаҳо ва мулоҳизаҳо", "сабр ва шикебоӣ", "ҷудоӣ ва фироқ" паиҳам омада, маънои ҳамдигарро пурра гардонида, ба возеҳ ва амиқ ифода кардани мақсад кӯмак расонидаанд. Нависанда аз силсилаи муродифҳои "хомӯш шудан", "ором гирифтан" ва ғайра ибораи "лаб фурӯ бастан"-ро, аз байни "ашк", "оби дида" калимаи "сиришк"-ро интихоб кардааст, зеро калимаю ифодаҳои мазкур назар ба муродифҳои дигар камистеъмол буда, оҳари адабиро бештар ва беҳтар нигаҳ доштаанд.

Муаллиф ранҷи ҷудоӣ ва фироқро ба «кӯраи ангиштгарон» монанд кардааст, ки мафҳуми таърихӣ буда, ҳоло касби ангиштгарӣ (аз ҳезум ҳосил кардани ангишт) ва кӯраи ангиштгарӣ аз байн рафтааст.

Ҳамин тавр, дар матни боло мақсади ҷалб намудани таваҷҷӯҳи хонанда ба рӯҳияи Бибиоиша (маҳз дар чӣ гуна ҳолати пуризтироб ба хомушӣ маҷбур шудани қаҳрамони асар) аз такрори силсилабанд (аннодоплозис) истифода кардааст: як ҷумла бо сухане поён ёфта, ҷумлаи нав бо ҳамон оғоз мегардад: ...лаб фурӯ баст, аммо чунои лаб фурӯ бастане, ки... Дар рафти муҳокимаи фикри худро тасдиқ ё инкор кардани муаллиф ҳам яке аз усулҳои таъкиди фикр ва тез кардани зеҳни хонанда ба мундариҷаи тасдиқ ё инкор мебошад.

Бояд дар хотир дошт, ки аз муродифоти луғавӣ ва фразеологӣ маҳз дар услуби бадеӣ мукаммал истифода мешавад. Ва айнан, рафти хати сюжет ва баёни мақсади нависанда ин чизро тақозо мекунад.

Гарчи дар матбуоти давр қариб тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷамъият инъикос меёбад ва пайваста ба ин доираи калимаю ифодаҳои забони матбуот ҳам нисбат

ба услубҳои илмию расми васеътар аст, бештарини материалҳо дар доираи чанд мавзӯъ маҳдуд мешаванд. Табиист, ки калимаю истилоҳоти хоси ҳамон соҳа тез-тез такрор мешавад, миқдори воҳидҳои луғавӣ маҳдуд мегардад.

Дар забони адабии тоҷик неологизмҳои лексикӣ, бахусус, дар забони матбуот мавқеи муайян доранд. Ин гуна воҳидҳо дар услуби илмию расмӣ мушоҳида намешаванд, гарчи истилоҳсозӣ дар соҳаи тадқиқоти илмӣ як роҳи фаъоли инкишофи луғавӣ ба шумор меравад. Аз ҳамин ҷост, ки мавқеи калимасозӣ ва унсурҳои калимасоз дар ғановати услубҳои гуногуни нутқ як хел нест. Забони адабӣ чӣ андоза ба сохтану кор фармудани калимаҳои оддии муҳити зиндагии инсон эҳтиёҷ дошта бошад, сохтану кор фармудани истилоҳоти илмӣ ва расмии идорӣ ҳам барои инкишофи луғавии забон аҳамияти калон дорад, зеро забони адабии ҳарҷониба тараққикарда забонест, ки ба ифодаи ҳама гуна мафҳумҳо қодир бошад, дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъият мубодилотро пурра имконпазир гардонад.

Аз ҳамин нуқтаи назар муродифҳои лексикӣ, фразеологӣ, калимасозӣ, воҳидҳои грамматикӣ як ҳиссаи пурбаҳо ва арзишманди ғановати забон ба шумор мераванд. Аз ин сарвати муҳимми саҳеҳ, пурра ва ҷозибанок баён кардани фикр дар забони гуфтугӯию китобӣ ва услубҳои ҷорӣ ба андозаи гуногун истифода мекунанд. Азбаски ҳангоми гуфтор фурсати интихоби калима, шакл ё қолаби матлуби грамматикӣ нест, дар нутқ аз имконоти семантикию услубии муродифҳо мукаммал фоида бурда намешавад. Ҳангоми хаттӣ баён кардани фикр нависанда имкон дорад, ки калима ё қолаби синтаксисиро ба мулоҳиза санҷида, маънои онҳоро ба эътибор гирифта кор фармояд, бинобар ин дар навиштаҷот аз ин сарвати забон васеъ истифода мебаранд. Сари ҳамин масъала ба мисолҳои зерин таваққуф карда мегузарем: Ҳикояти аз

ошном шунидаамро ба ҳамсӯҳбатони худ **нақл кардам**; Бибиоиша ин хоби худро имрӯз чандин бор Гулбибӣ **ҳикоя карда бошад** ҳам, боз вақти хоб як бори дигар **нақл карда**, дар бораи таъбираш гуфт...; Бибиоиша... саргузашти сесолаи худро... ягон-ягон ба Одина **ҳикоят кард** (К, 1, 173, 240, 241-42 );- Хайр, Андреич, акнун аз саргузашти худатон ҳам **ҳикоят кунед, -** боз ҷақид Қаримҷон-ака.

Дар ин намунаҳои овардашуда феълҳои **нақл кардан** ва **ҳикоя(ҳикоят) кардан** муродифи ҳамдигар бошанд ҳам, бо тобиши маъноии худ фарқ мекунанд: кас ҳодиса ё воқеаҳои дида ё аз сар гузаронидаашро ба сомеъ ҳикоят мекунад, аммо воқеа ё ҳодисаи аз касе шунидааш ё аз ҷое хондаашро холисона ба шунаванда мерасонад, яъне нақл мекунад. Аз мисолҳо аён аст, ки гӯянда саргузашти худро қаблан ҳикоят карда бошад, такроран нақл мекардааст. Дар ин гуна мавридҳо муродифҳои мазкур якдигарро иваз карда наметавонанд. Феълҳои гуфтан,**баён кардан, изҳор кардан, гап зада додан** ва ғайра низ ба ҷои **ҳикоят кардан** ва **нақл кардан** омада метавонанд, вале барои шахсе, ки тафовути маъноии он феълҳоро медонад, аён аст, ки феълҳои дигари гуфтор мисли **ҳикоят кардан** ва **нақл кардан** матлабро дар ҳамин гуна ҳолатҳо саҳеҳ ва пурра ифода намекунанд. Дар мисолҳои зерин ба ҷои якдигар кор фармуда шудани феълҳои мазкур ба равшании ифодаи фикр халал расонидааст:

Акнун метавонист, бе ҳеҷ андеша аз вай хабарҳо пурсад ва бе ҳеҷ мулоҳиза ба вай саргузашти худро нақл намояд; Аз муваффақияту дастовардҳои бригадааш бо ифтихор нақл намуд .

Муродифи калимаҳо аз доираи воҳидҳои лексикӣ баромада, бо масъалаҳои калимасозӣ ҳам алоқамандӣ зоҳир мекунад. Чунончи, дар мисолҳои зерин сифатҳои “хабардор” ва “бохабар” муродифанд: Аробаҳо рафтанд, ҷаллодон боз гашта омада, ба рӯи намад нишастанд, боз

хомӯшии ғамгинона ва оромии пурандӯҳ маҷлиси онҳоро фурӯ гирифт (К, 1, 119).

Аз сифатҳои ҳаммаънои хомӯш ва ором муродифҳои исмии хомӯшӣ ва оромӣ, ҳамчунин аз исмҳои ҳаммаънои ғам ва андӯҳ муродифҳои сифатии ғамгинона ва пурандӯҳ сохта шудаанд.

Ғановати сухан бо чунин воҳидҳои забон ҳам алоқаманди дорад, ки дар матн аз рӯи вазифа қаробат пайдо карда, ҳатто ба ҷои якдигар кор фармуда шаванд ҳам, дар алоҳидагӣ муносибати ҳаммаъноӣ надоранд. Чунончи, баъзе - гурӯҳе - чанде: Одина чанд рӯзи худро ба диду боздиди ҳамватанонаш, ки баъзе ҳаммолӣ, гурӯҳе каровулӣ, чанде муздурӣ ва мардикорӣ мекарданд, гузаронид (К, 1, 201).

Ғановати сарватҳои луғавии забон, чунон ки ишора шуд, муродифоти воҳидҳои фразеологиро ҳам дар бар мегирад: ифодаҳои рехта бо калимаҳо ё байни худ муносибати ҳаммаъноӣ пайдо карда домони имконоти саҳеҳ ва пурҷозиба ифода кардани фикрро фарохтар мегардонанд: Ба аҳли дарбор ҳадяҳо ва барги сабзҳо додан лозим меояд; Агар зиндагӣ ҳамин аст, бояд ба соле намонда мемурд, чунон ки як қисми аз мардикорон... бо садҳо хорӣ ва зорӣ ҷон доданд; Духтур аз ин ҷавоби Шоҳмирзо андаке хиҷолатманд шуда бошад ҳам, худро ба нофаҳмӣ зада ба дидани бемор сар кард... Акнун духтур худ аз худ хиҷолат мекашид; Духтур бо ин мулоҳизаи худ дар зери обу арақи хиҷолат монда даворо навишта дод (Қ, 1, 121, 218, 266).

Ғановати забон на танҳо ба теъдоди луғатҳои фаъолу заифи забон, ифодаҳои рехтаи он, роҳу воситаҳои калимасозию таркиббандӣ, балки ба омилии сохти грамматикӣ, унсурҳои шаклию маъноҳои грамматикӣ ҳам вобастагӣ дорад.

Бояд донист, ки шаклу воситаҳои грамматикӣ ҳам мисли дигар воҳидҳои забон инкишоф меёбанд ва ба

саҳеҳу пурра ифода кардани фикр замина ҳозир мекунанд. Инкишофи грамматикии забон бо ҳодисаҳои муродифот ва вариантнокӣ вобаста аст. Муродифу вариантнокӣ ба грамматика хусусияти «эластикӣ» медиҳад ва забон қудрат пайдо мекунад, ки ҳама гуна муносибатҳои мураккабу печ дар печи маъноиро ифода кунад.

Муродифот ва вариантнокии воҳидҳои грамматикӣ дар забони хаттию шифоҳӣ, дар услубҳои ҷории забон баробар кор фармуда намешавад: Роҳҳои мухталифи ифодаи муносибатҳои муштарак дар забони бадеӣ характернок буда, дар осори адибони ҷудогона ба андозан гуногун арзи андом мекунад. Дар истифодаи воситаҳои гуногуни шаклию грамматикии забон, қолабҳои ҳаммаънои синтаксисӣ ва бо ин роҳ намоиш додани имконоти услубии воҳидҳои грамматикии забони адабии тоҷик хизмати устод Айнӣ бузург аст.

Муродифи луғавӣ на танҳо бо воҳидҳои фразеологӣ ва унсурҳои калимасозӣ, балки бо воҳидҳои синтаксисӣ– калима, шакл ва ибораҳо низ аз рӯи маънoю вазифаи грамматикӣ робита пайдо мекунад. Масалан, дар ҷумлаҳои зерин калимаи “духӯра” дар вазифаи хабари номӣ омада, бо ибораи “ду тараф доштан” ва феъли “фаромӯш кардан” бо ибораи “аз ёди касе баровардан” ҳаммаъною ҳамвазифа шудааст:

Чунон ки бештарини хобҳои ӯ **духӯра буд**, инчунин хоби шаби гузашта дидагиаш ҳам **ду тараф дошт**, яъне ҳам ба хубӣ, ҳам ба бадӣ таъбир кардани он мумкин буд; Чаҳ-чаҳи булбулон ба нағмасароиҳои дигар мурғон шуморо таъсире мебахшад, ки дастаҳои мусиқии маданиятро **фаромӯш мекунед**; Дар ин чарогоҳҳои пуралаф рамидан ва давидани оҳувон, рақс ва бозии духтарон ва арӯсонро, ки дар саҳнаҳои шаҳрҳои обод мебинед, **аз ёди шумо мебарорад** (К, 1, 240, 207). Қалимаҳои **коргоҳ, хӯшачиндухтар, гӯгирддона** бо ибораҳои **ҷои**

**кор, духтари хӯшачин, донаи гӯгирд** муродиф буда, дар таркиби ҷумла вазифаҳои муштараки синтаксисиро адо карда метавонанд. Дар калимаю ибораҳои муродифи **гӯгирддона, донаи гӯгирд, охирин донаи гӯгирд - донаи охирини гӯгирд** қаринаҳо ва воситаҳои алоқаро тағйир дода 32 тарзи ифодаи ду маъниро ҳосил кардан мумкин аст, ки бо якдигар муносибати муродифӣ ё вариантӣ доранд:

Қуттии гӯгирдро аз киса бароварда мебинед, ки дар он фақат донаи охирин мондааст; Бо нақли саргузашти **гӯгирддонаи вопасин** чӣ гуфтанист; Талош барои боздоштани ҷони бар лабомада... саргузашти ҳамин гуна **охирин донаи гӯгирдро** ба хотир мерасонад (ПК, 6 9).

Дар силсилаи муродифҳои “донаи гӯгирд”, “гӯгирдро дона” ва “гӯгирд-а дона-аш” ибораи аввал умумиистеъмолӣ, дуюм, маъмули забони адабии китобӣ ва охирин хоси гуфтугӯист. Муродифҳо хоҳ ба як сатҳи забон (лексика, фразеология, калимасозӣ, морфология ва синтаксис), хоҳ ба сатҳҳои гуногуни луғавию фразеологӣ, луғавию калимасозӣ, луғавию калимасозию синтаксисӣ тааллуқ дошта бошанд, сарвати пурбаҳои забони миллиро ташкил медиҳанд ва дар интихоби калимаю таъбнрҳои рехта, роҳҳои калимасозӣ, сохтани ибораю ҷумлаҳо ва сахеҳ баён кардани мақсад аҳамияти калон пайдо мекунанд.

**Савол ва супоришҳо:**

Истилоҳи ғановат чӣ гуна тавзеҳ дода мешавад?

Ғановати нутқ бештар дар кадом соҳаҳои забон маълум мешавад?

Феълҳои нақл кардан ва ҳикоят кардан чӣ умумият ва чӣ фарқият доранд?

Мавқеи муродифҳо дар ғановати нутқ чӣ гуна аст?

Ғановат ва рангорангии нутқ чӣ гуна аҳамият дорад?

**Намунаи тестҳо:**

1."Моҳияти ҳама гуна забони адабӣ дар танзиму пойдории он аён мегардад" ин сухан ба қалами кӣ мансуб аст?

А) В.А.Искович

Б) К.С.Горбачевич

В) Л.В.Шерба

Г) А.П.Чехов

2. Дар забони тоҷикӣ чанд воситаи ҷамъбандӣ мавҷуд?

А) 3: (-ён, -вон, -гон)

Б) 2: (-он[-гон, -ён, -вон], -ҳо)

В) 4: (-ҳо, -вон, -ён, -он)

Г) 2: (- он, -ро)

3. Кадом омилҳо боиси холӣ будани сухан аз фасоҳат мебошанд?

А) Душвории маънӣ

Мушкил будани талаффуз

Б) Хилофи қоидаҳои дастури забон

Душвории маънӣ

Такроршавии калимаҳо

В) Душвории маънӣ

Хилофи қоидаҳои дастурии забон

Мушкил будани талаффуз

Г) Мушкил будани талаффуз

Такрори калимаҳо

4. Нахустин асаре,ки дар бахши "балоғати суханварӣ" навишта шудааст ёбед.

А) "Чаҳор мақола"-и Н.А.Самарқандӣ

Б) "Тарҷумон-ул-балоға"-и М.У.Родуёнӣ

В) "Луғати фурсӣ"-и А.Тӯсӣ

Г) "Тоҷикони сурх"-и С.Айнӣ

5. Асарҳои назмӣ бо чанд вазн иҷро мешаванд.

А) 2 Б) 4 В) 3 Г) 5

6. Маънои калимаи "РИТМ" чист.

А) Аз калимаи юнони гирифташуда маънояш (овоз) аст

Б) Аз калимаи лотинии (rhythmus) гирифташуда маънояш (дигаргунӣ) аст

В) Аз калимаи юнони (rhythmus) гирифташуда маънояш (ҷорӣ, паҳн, равон) аст

Г) Калимаи италиянӣ буда, маънояш ба образ даромдан аст

7. Маънои калимаи "драмма" чист?

А) Калимаи юнонӣ буда, маънояш ҳаракат, амалиёт аст

Б) Калимаи лотинӣ буда, маънояш навохтан аст

В) Калимаи ангилисӣ буда, маънояш сохтан бунёд кардан аст

Г) Калимаи фронсавӣ буда, маънош саҳна аст

8. Дар лаҳҷаҳои шимолӣ ҳамагӣ чанд садонок ҳаст.

А) 8: (а, о, и-и, у-у, ӯ, э)

Б) 6: (а, о, у, ӯ, э, и)

В) 7: (а, о, ӯ-ӯ, и, э, у)

Г) 8: (а, о, и-и, ӯ-ӯ, у, э)

9. Сухани зер аз ҷониби ки гуфта шудааст: "Агар ман шоҳ мешудам, чунин қарор мебаровардам, нависандае, ки маънои калимаи истеъмолкардаашро эзоҳ дода наметавонад, бояд аз навиштан марҳум сохта 100 дарра ҷазо дода шавад.

А) А.П. Чехов

Б) А.С.Пушкин

В) Л.Н.Толстой

Г) В.Г. Косматаров

10.Вазни арӯз аз адабиёти араб дар асрҳои чанд ба мо ворид гардид.

А) 9-10 Б) 12-13 В) 7-8 Г) 10-11

11. Кадом пасвандҳо бо исмҳои ашё омада, маънии

маҳал ва фаровонии чизҳоро медиҳад.

А) -ро

Б)-гар, -ро

В) -зор, -сор

Г) -ҳо, -он

12. Сухани зер аз они кист? "Нутқи оммавӣ на фақат дуруст, балки бояд фасеҳ бошад".

А) С. И. Ожегов Б) А.П. Чехов

В) В.В. Виноградов Г) Д.Э. Розентал

13. Суханҳое, ки Г.О. Винокур оиди "Маданияти сухан" гуфтааст ёбед.

А) "Суханигӯи моҳир на фақат нормаҳои забонро ба хубӣ медонад, балки худ ба нормаҳо таъсир мекунад ва худ нормаҳо ба вуҷуд меорад"

Б) "Нутқи оммавӣ на фақат дуруст, балки бояд низ фасеҳ бошад"

В) "Моҳияти ҳама гуна з.адабӣ дар танзиму пойдории он аён мегардад"

Г) "Нахустин шарти саломатии гуфтор интибоки он бо қавоиди мусаллам...аст..."

14. Ду ҷанбаи асосии маданияти суханро номбар кунед.

А) Балоғат ва салосат

Б) Латофат ва ғановат

В) Фасоҳат ва дурустӣ

Г) Балоғат ва ғановат

15. Аввалин бор аз тарафи кӣ маданияти сухан ба ду ҷанбаи асоси ҷудо карда шуд.

А) С.И.Ожегов Б) В.В.Виноградов

В) Г.О.Винокур Г) В.Г.Костамаров

16. Маънои калимаи "Мутакаллим" -ро ёбед.

А) Гӯяндаи калом Б) Пурра, бенуқсон

В) Навозанда Г) Олим,донишманд

17. Мудофаи Ватан қарзи муқаддаси ҳар як шаҳрванд

аст. Оё ба талаботи "маданияти сухан" ҷавоб медиҳад.

А) Не! Ҷавоб намедиҳад чунки "Мудофаи Ватан" не "Ҳимояи Ватан" мешавад

Б) Бале! Ҷавоб медиҳад

В) Не! Ҷавоб намедиҳад чунки "Қарзи муқаддас" не "вазифаи муқаддас" мешавад

Г) Бале! Ҷавоб медиҳад чунки ҷумла равон ва фаҳмост

18. Кадоме аз ҷумлаҳои зер ба талаботи маданияти сухан рос меояд.

А) "Оташи интиқомгирӣ дар дили ӯ афрӯхт"

Б) "Оташи интиқом дар дили ӯ афрӯхт"

В) "Оташи интиқом дар дили у афрӯхт"

Г) "Оташи интиқомгири дар дили ӯ афрӯхт"

19. Услубҳо забони тоҷикиро муайян кунед.

1) услуби муошират; 2) услуби рӯзноманигорӣ;

3) услуби гуфтугӯӣ; 4) услуби бадеӣ;

5) услуби илмӣ; 6) услуби публисистикӣ; 7) услуби расмии коргузорӣ;

А) 1; 5; 2; 4; 7 Б) 1; 2; 3; 4; 5

В) 1; 5; 7; 6; 4 Г) 1; 3; 7; 6; 4

20. Ибораҳое, ки ба талаботи маданияти сухан риоя кардаанд ёбед.

1. "Кинотеатрҳои шаҳрӣ" 2. "Беморхонаи қишлоқ" 3. "Интизоми меҳнатӣ"

4. "Дарси такрор". 5. "Митинги мотам"

А) 1; 3; 5 Б) 2; 3; 4; 5

В) 2; 4; 5 Г) 4; 2; 1

| Савол | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 0 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷавоб | В | Б | В | Б | А | В | А | А | В | А | В | В | А | В | В | А | В | В | А | В |

## Рӯйхати адабиётҳо:

1. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. Тошкент, "Ўзбекистон" НМИУ, 2017. – 29 б.

2. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гарови. "Ўзбекистон" НМИУ, 2017. – 47 б.

3. Ғаффоров Р, Ҳошимов С., Камолиддинов Б. Услубшиносӣ. – Душанбе, Маориф, 1995.

4. Ғаффоров Р. Нормаи забон ва риояи он, «Газетаи Муаллимон», 4 июни соли 1985.

5. Ғаффоров Р. Забони адабӣ ва хусусиятҳои он. «Омӯзгор», 15 сентябри соли 1993.

6. Гвоздев А.Н. Очерки по стилистике русского языка. – М., 1965.

7. Тӯрақул Зеҳнӣ. Санъати сухан. – Душанбе, 1967.

8. Ғаффоров Р. Фанни «Асосҳои маданияти сухан», мавзӯъ ва вазифаи он.

9. Деҳотӣ А. Дарси маданияти нутқи тоҷик. – Ш.Сурх, 1974, № 11.

10. Ефимов А.И. Стилистика художественной речи. – М., 1991.

11. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. – Душанбе, 1989.

12. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1992.

13. Камолиддинов Б. Тарҷума ва балоғати сухан. – Душанбе: Деваштич, 2005.

14. Камолиддинов Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот. -- Душанбе, 2007. – 52 с.

15. Камолиддинов Б. Сухан гуфтию дурр суфтӣ ё рӯ ба рӯ бо микрофон. – Душанбе, 2007.

16. Маданияти сухан. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 1990.

17. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме

дорад. – Душанбе, “Ирфон”, 1968.

18. Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. – Душанбе, Ирфон 1986.

19. Маъсумӣ Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. –Душанбе, Ирфон, 1986.

**Воситаҳои таълимӣ ва адабиёти асосӣ**

1. Бабаева Д.Р. Нутқ ўстириш назарияси ва методикаси. Ўқув қўлланма. – Тошкент, 2017.

2. Воробьёв В.В. Лингвокультурология: Монография. – М.: РУДН, 2008.

3. Давронова М., Маҷидова С. Услубшиносӣ. – Самарқанд: 2017.

4. Зиновьева Е. И. Лингвокультурология: От теории к практике. – Санкт-Петербург, 2016.

5. Каримов С. Узбек тилининг бадиий услуби. – Самарқанд. «Зарафшон». 1992.-139 б.

6. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2013. -321 с.

7. Асқарова М., Матжонов С. ва б. Кичик ёшдаги болалар нутқини ўстириш. – Т.: Ўзбекистон, 2001. -160 б.

**Адабиёти иловагӣ**

8. Зиновьева Е.С., Юрков Е.Е. Лингвокультурология: теория и практика. – СПБ.: МИРС, 2009. – 292 с.

9. Гвоздев А.Н. Очерки по стилистике русского языка. – М., 1965.

10. Ғаффоров Р., Ҳошимов С., Камолиддинов Б. Услубшиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1995.

11. Ғаффоров Р. Забони адабӣ ва хусусиятҳои он. Газетаи «Омӯзгор», 15 сентябри соли 1993.

12. Ефимов А.И. Стилистика художественной речи. – М., 1991.

13. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. – Душанбе: 1989.

14. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ. – Душанбе: 1992.

15. Маданияти сухан. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: 1990.

16. Маслова В.А. Введение в когнитивную лингвистику: учеб. пособие. – М.: Флинта: Наука, 2017. – 296 с.

17. Сепир Э. Избранные труды по языкознанию и культурологии. –М.: Универс, 1993. – 656 с.

18. Сухандонон сухан санҷида гӯянд. – Душанбе: Оптима, 2005. – 184 с.

19. Хроленко А.Т. Основы лингвокультурологии: Учеб. пособие. – 3-е изд., испр. – М.: Флинта: Наука, 2006. – 184 с.

**Сайтҳои интернетӣ:**

http://library.tersu.uz/kitoblar/aralash/Nutq madaniyati asoslari.pdf

http://library.ziyonet.uz/ru/book/download/100574

http://n.ziyouz.com/kutubxona/category/147-pedagogika?download=11693:nutq-madaniyati-asoslari-t-qudratov

www.wekopedia.tj

## Мундарича


Сарсухан.........................................................................................3
Мавзӯи 1. Вазифа ва мақсади фан...........................................7
Мавзӯи 2. Меъёри адабӣ ва хусусияти асосии он......17
Мавзӯи 3. Меъёри луғавӣ ......................................................23
Мавзӯи 4. Меъёри калимасозӣ ............................................34
Мавзӯи 5. Меъёри морфологӣ .............................................34
Мавзӯи 6. Меъёри синтаксисӣ ............................................48
Мавзӯи 7. Равшании нутқ. Кӯтоҳии нутқ .......................53
Мавзӯи 8. Фасоҳати нутқ ......................................................59
Мавзӯи 9. Интонатсия, суръат ва ритм ҳамчун воситаи муҳими хониши ифоданок ........................................................................68
Мавзӯи 10. Дақиқии нутқ .....................................................76
Мавзӯи 11.Услубҳои забон ва нутқ ....................................84
Мавзӯи 12. Нақши нафаскашӣ, овоз ва талаффуз дар хониши ифоданок.............................................................................................99
Мавзӯи 13. Дорои ва рангорангии нутқ ........................107
Намунаи тестҳо........................................................................119
Феҳрасти адабиётҳои истифодашуда ...........................123

**Ҳикматов Ҳикмат**

# Хониши ифоданок ва маданияти нутқ

***(Ифодали ӯқиш ва нутқ маданияти)***

*(Олий ӯқув юртлари талабалари учун ӯқув қӯлланма)*

Муҳаррир: С. Исмоилзода
Муҳарири техникӣ: С. Мелиқузийева
Мусаҳҳеҳ: М. Юнусова
Саҳифабанд: А. Исхоков

Нашр. Литс № 2244. 25.08.2020 с.
Ба чопаш рухсат дода шуд 27.08.2024 с.
Андозаи 60x84 1/16. Когази офсетӣ. Гарнитураи “Cambria”.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 8.
Ададаш 100 дона. Фармоиш № 64.

Дар чопхонаи “ZEBO PRINT”чоп карда шуд.
Манзил: ш. Тошканд., ноҳияи Яшнобод, шаҳраки
ҳарбии 22.
+998 94 673 66 56